# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

НАШРИЯИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ

ИЗДАНИЕ ИНСТИТУТА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# PUBLIC ADMINISTRATION

EDITION OF THE INSTITUTE OF PUBLIC ADMINISTRATION UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

## 2019 (1)

МАҶАЛЛА АЗ СОЛИ 2005 НАШР МЕШАВАД.
ЖУРНАЛ ИЗДАЁТСЯ С 2005 ГОДА
PUBLISHED SINCE 2005

МАҶАЛЛА ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 29.05.14 ТАҲТИ РАҚАМИ 0136/МҶ САБТИ НОМ ШУДААСТ. МАҶАЛЛА ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД. МАВОДИ ИРСОЛШУДА БОЗГАРДОНИДА НАМЕШАВАД.

*Сармуҳаррир:*
**Ғафурзода А.Д.** – ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

*Муовини сармуҳаррир:*
**Ҷамшедов Ҷ.Н.** – муовини ректор оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

*Ҳайати таҳририя:*
**Ализода З.** - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.
**Ализода Б.П.** – сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсент.
**Камолутдинов Б.** – устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор.
**Қудратов Р.** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисод, профессор.
**Маҳмудзода М.** – академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.
**Маҷидзода Ҷ. З.** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.
**Муртазозода Ҷ.С.** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.
**Мухторов З.** – директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология.
**Носиров М.С.** – мудири бахши табъу нашри Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Раҳмон Д.С.** – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.
**Файзализода Ҷ. Х**. – муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогика, профессор.
**Хидирзода М.У.** – сарходими илмии шуъбаи сиёсатшиносии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор.
**Холиқзода А. Г.** - вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор.

*Ҳайати мушовара:*
**Раҳмон Озода Эмомалӣ** – роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Раҳмон Асадулло** – ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо
**Раҳмонзода А.А.**– ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Давлатов Ҷ.М.** – директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Раҳимӣ Ф.Қ.** – президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Главный редактор:*

**Гафурзода А.Д.** – ректор Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор.

*Заместитель главного редактора:*

**Джамшедов Дж.Н.** – проректор по науке, инновациям и международным отношениям Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент.

*Редакционная коллегия:*

**Ализода З.** - Помощник Президента Республики Таджикистан по правовым вопросам - Полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси милли и Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор.

**Ализода Б.П.** – главный научный сотрудник НИИ государственного управления и государственной службы Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, доцент.

**Камолутдинов Б.** – преподаватель Таджикского национального университета, доктор филологических наук, профессор.

**Кудратов Р.** - депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор экономических наук, профессор.

**Маджидзода Дж. З.** - депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор.

**Махмудзода М.** – академик Академии наук Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор.

**Муртазозода Дж.С.** - депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор.

**Мухторов З.** – директор НИИ государственного управления и государственной службы Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доктор филологических наук.

**Носиров М.С.** – начальник сектора издательства и печати Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

**Рахмон Д.С.** – декан юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент.

**Файзализода Дж. Х.** – проректор по учебной работе Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан доктор педагогических наук, профессор.

**Хидирзода М.У.** – главный научный сотрудник отдела политологии Института философии, политологии и права имени А.Багоутдинова Академии наук Республики Таджикистан, доктор философских наук, профессор.

**Холиқзода А. Г.** - депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктор юридических наук, профессор.

*Состав редакционного совета:*

**Рахмон Озода Эмомали** – Руководитель Испольнительного аппарата Президента Республики Таджикистан

**Рахмон Асадулло** – помощник Президента Республики Таджикистан по кадровым вопросам

**Рахмонзода А.А.**– помощник Президента Республики Таджикистан по вопросам социального развития и связи с общественностью, академик Академии наук Республики Таджикистан

**Давлатов Дж.М.** – директор Агентства государственной службы при Президенте Республики Таджикистан
**Рахими Ф.Қ.** – президент Академии наук Республики Таджикистан

***Editor in Chief:***

**A.D. Ghafurzoda** – Rector of Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law, Professor.

***Deputy Editor in Chief:***

**J.N. Jamshedov** – Vice-principal on science, innovation and international relations unit of Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate in Law, Docent.

***Board of Editors:***

**A.G. Kholiqzoda** – Member of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law, Professor.
**B. Kamoloddinov** – tutor of Tajik National University, Doctor of Philology, Professor.
**B.P. Alizoda** – Chief research officer of Research Institute on public administration and civil service of Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate in Philology, Docent.
**D.S. Rahmon** – Dean of Law Faculty of Tajik National University, Candidate in Law, Docent.
**J. Kh. Fayzalizoda** – Vice-principal on educational unit of Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of Pedagogy, Professor.
**J.Z. Majidzoda** – Member of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Committee Chairman of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law, Professor.
**J.S. Murtazozoda** – Member of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law, Professor.
**M. Mahmudzoda** – Academician of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law, Professor.
**M.S. Nosirov** - Head of the Publishing and Printing Sector of Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan.
**M.U. Khidirzoda** – Chief research officer of Political Science Department of Philosophy, Political science and Law Institute named in honor of A. Bagoutdinov of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor in Philosophy, Professor.
**R. Qudratov** – Member of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor in Economics, Professor.
**Z. Alizoda** – Advisor of the President of the Republic of Tajikistan on legal issues – Plenipotentiary representative of the President of the Republic of Tajikistan in Majlisi Milli and Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, Doctor in Law, Professor.
**Z. Mukhtorov** – Director of Research Institute on public administration and civil service of Public Administration Institute under the President of the Republic of Tajikistan, Doctor of Philology.

***Editorial Review Board:***

**Rahmon Ozoda Emomali** – Head of the Executive Office of the President of the Republic of Tajikistan
**Rahmon Asadullo** – Assistant of the President of the Republic of Tajikistan on personnel matters
**Rahmonzoda A.A.** – Assistant of the President of the Republic of Tajikistan on social development and public relations, academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan
**Davlatov J.M.** – Director of the State Service Agency under the President of the Republic of Tajikistan

**Rahimi F.K.** – President of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan



**САТҲУ СИФАТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ БА ДОНИШУ ТАҶРИБА, МАҲОРАТУ МАЛАКА, МАСЪУЛИЯТШИНОСИВУ ТАШАББУСКОРӢ ВА СИФАТҲОИ КАСБИВУ КОРДОНИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ ВОБАСТА АСТ.**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

**Мундарича**

**ПРЕЗИДЕНТ**

Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили ҷашни Наврӯз 20.03.2019 дар шаҳри Норак........ 10

**ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ИНСОНӢ, ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ВА ИҚТИСОДИЁТ**

*Ғафурзода А. Д., Сайдаҳмадова Д.* Такомули маърифати ҳуқуқӣ омили аз байн бурдани кирдори террористӣ ва ифротгароӣ дар байни ҷавонон ........ 14

*Маҷидзода Ҷ. З.* Мафҳуми террор ва терроризм дар ҳошияи паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ........ 21

*Алейникова С.М.* Рушди касбӣ ва таҳсилоти касбии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун самти сиёсати кадрии Ҷумҳурии Беларус........ 33

*Бондаренко Н. Л., Конаневич Ю. Г.* Проблемаҳои баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти муосири ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ; ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо ........ 38

*Олимзода Д.А.* Саҳми мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар рушди деҳот ........ 43

*Раҷабов М.А.* Ташаккулёбии системаи таъмини кадрҳо ҳамчун унсури сиёсати кадрӣ........ 48

*Мавлоназаров С.С.* Ҷалби сайёҳон омили муҳими рушди иқтисоди кишвар ........ 53

*Ализода Б.П.* Ташаккули низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар сарзамини Тоҷикистон дар замони Ҳокимияти шӯравӣ ........ 57

**ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ-ГУМАНИТАРӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

*Абдулхонов Ф.М.* Худшиносии миллӣ-омили муҳим бар зидди ифротгароӣ ва терроризм........ 65

*Ахмадзода З.К.* Инсондӯстӣ - муҳимтарин хислати шахсият ........ 71

*Асоев М.М.* Дастгирии давлат ҳамчун кафолати рушди соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 79

*Қодиров Д.С.* Таҳқиқи масъалаи миллӣ дар Афғонистон дар осори Ҳақназар Назаров........ 85

*Носиров М. С., Шоев Т.Ю.* Аҳмади Дониш саромади ҷараёни демократии маорифпарварӣ........ 93

*Сапёлкина Е.И., Веруш А.И.* Рушди касбии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Беларус.... 99

*Тешаева Х.Х.* Сайёҳӣ аз нигоҳи сайёҳи бузурги қарни XII Саъдии Шерозӣ ........ 103

*Бойматов Л.* Роҷеъ ба таърихи идоракунӣ дар давлатҳои асримиёнагии Осиёи Марказӣ........ 108

**СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ, ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ, ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ**

*Мухторов З. М., Қосимзода. М.Ф..* Масоили мубрами амнияти иттилоотӣ дар даврони муосир........ 119

*Раҳимов Ф.* Асосҳои назарии забоншиносии пайкаравӣ ва технологияи иттилоотии муосир........ 126

**Содержание**

**ПРЕЗИДЕНТ**

Выступление Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона на праздновании Навруза 20.03.2019 в городе Нурек ...... 10

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ И УПРАВЛЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМИ РЕСУРСАМИ, ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ, ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ**

*Гафурзода А. Д., Сайдахмадова Д.* Совершенствование правовой культуры фактор искоренения терроризма и экстремизма среди молодежи ...... 14

*Маджидзода Дж. З..* Понятия террора и терроризма в рамках Послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли ...... 21

*Алейникова С.М.* Профессиональное развитие и профессиональное образование государственных служащих как направление кадровой политики Республики Беларусь...... 33

*Бондаренко Н. Л., Конаневич Ю. Г.* Проблемы повышения эффективности современного юридического и экономического образования и поиски путей их решения ...... 38

*Олимзода Д.А.* Вклад органов местного самоуправления в развитие села ...... 43

*Раҷабов М.А.* Формирование системы обеспечения кадров как элемент кадровой политики ...... 48

*Мавлоназаров С.С.* Привлечение туристов - важный фактор экономического развития страны ...... 53

*Ализода Б.П.* Формирование системы государственного управления и государственной службы на территории Таджикистана в эпоху Советской власти...... 57

**СОЦИАЛЬНО-ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ И ВОПРОСЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ**

*Абдулхонов Ф.М.* Национальное самосознание основной фактор борьбы с экстремизмом и терроризмом ...... 65

*Ахмадзода З.К.* Гуманизм важнейшая черта личности...... 71

*Асоев М.М.* Поддержка государства – гарантия развития сферы здравоохранения Республики Таджикистан ...... 79

*Кодиров Д.С.* Исследование национального вопроса в Афганистане в трудах Хакназара Назарова...... 85

*Носиров М. С., Шоев Т.Ю.* Ахмад Дониш в истоках демократического течения просветительства...... 93

*Сапёлкина Е.И., Веруш А.И.* Профессиональное развитие государственных служащих в Республике Беларусь...... 99

*Тешаева Х.Х.* Туризм с точки зрения великого путешественника XII века Саади Ширази ...... 103

*Бойматов Л.* Об истории государственного управления в средневековых странах Центральной Азии...... 108

**ИНФОРМАЦИОННАЯ ПОЛИТИКА, ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ, ЕСТЕСТВЕННЫЕ НАУКИ**

*Мухторов З. М., Косимзода. М.Ф.* Актуальные вопросы информационной безопасности в современных условиях...... 119

*Рахимов Ф.* Теоретические основы корпускальной лингвистики и современные информационные технологии ...... 126

## Content


**PRESIDENT**

The speech of the Leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon at the ceremony of the holiday Navruz 20.03.2019 the sity of Nurek............. 10

**PUBLIC ADMINISTRATION AND HUMAN RESOURCE MANAGEMENT, LEGAL SCIENCE, ECONOMIC SCIENCE**

*Ghafurzoda A.D., Saydahmadova D*. Inhancement of legal culture as a factor of terrorism and extremism eradiation............ 14

*Majidzoda J.Z.* The concept of terror and terrorism in the framework of the Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Majlisi Oli ............ 21

*Aleynikova S.M.* Professional development and professional education of civil servants as the direction of the personnel policy of the Republic of Belarus ............ 33

*Bondarenko N.L., Konanevich U.G.* Problems of increase of efficiency contemporary legal and economic education and ways of their solution ............ 38

*Olimzoda D.A.* The contribution of local self-government bodies in rural development........... 43

*Rajabov M.A.* Formation of personnel provision system as the element of manpower policy ............ 48

*Mavlonazarov S.S.* Attracting tourists is an important factor in the economic development of the country............ 53

*Alizoda B.P.* Formation of the system of public administration and civil service in the territory of Tajikistan during Soviet period............ 57

**SOCIAL SCIENCES AND HUMANITIES AND INTERNATIONAL RELATIONS**

*Abdulkhonov F.M.* National self-consciousness as a main factor in the fight against extremism and terrorism............ 65

*Ahmadzoda Z.K.* Humanism - the most important quality of a person............ 71

*Asoev M.M.* State support – guarantee of development of the health sector of the Republic of Tajikistan ............ 79

*Qodirov D.S.* The study of the nationality question in Afghanistan in works Haqnazar Nazarov............ 85

*Nosirov M.S., Shoev T.U.* Ahmadi Donish in the origins of the democratic stream of enlightenment............ 93

*Sapelkina E. I., Verush A. I.* Professional development of civil servants in the Republic of Belarus ............ 99

*Teshaeva Kh. Kh.* Tourism from the point of view of the great traveler of XII century Saadi Shirazi............ 103

*Boymatov L.* About the history of public administration in medieval countries of Central Asia ............ 108

**INFORMATION POLICY, INFORMATION TECHNOLOGY, NATURAL SCIENCES**

*Mukhtorov Z. M., Kasimzoda. M. F.* Current issues of information security in modern society ............ 119

*Rahimov F.* Theoretical foundations of corpus linguistics and modern informational technology ............ 126

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗ 20.03.2019 12:00, ШАҲРИ НОРАК

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонон ва ҳозирини гиромӣ!**

Наврӯз бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ бузургтарин ҷашни миллии тоҷикон ва соли нави аҷдодии мо буда, ниёкони некноми мо онро аз замонҳои хеле қадим таҷлил мекарданд, омадани баҳор ва эҳёи табиатро бо шодиву хурсандӣ ва бо иштироки хурду бузурги диёр истиқбол мегирифтанд.

Дар ин лаҳзаҳое, ки ҳамаи мо дар арафаи фарорасии ин ҷашни бузурги байналмилалӣ қарор дорем, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, тоҷикону форсизабонони олам, халқҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз, зиёиёни мамлакат, намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро самимона табрик мегӯям.

Ҳамчунин, меҳмони азизи кишварамон – Президенти Ҷумҳурии Тотористон ҷаноби Минниханов Рустам Нургалиевичро ба Тоҷикистон ва тантанаҳои наврӯзии имрӯза хайрамақдам гуфта, мардуми дӯсти тоторро, ки Наврӯз дар диёри онҳо низ васеъ таҷлил мегардад, ба ифтихори ин ҷашни байналмилалӣ табрик менамоям. Дар чорабинии имрӯза ҳайати Бонки Ҷаҳонӣ бо роҳбарии Директори бонк доир ба масъалаҳои стратегӣ ва амалиётӣ хонум Мариам Шерман ва намояндагони шарикони рушд, инчунин, роҳбарони ширкатҳои мушовир ва пудратӣ иштирок доранд, ки ҳамаи онҳоро низ ба муносибати Наврӯзи байналмилалӣ табрик мегӯям.

Мардуми тоҷик Наврӯзро дар давоми ҳазорсолаҳо ҳамчун яке аз ойинҳои беҳтарини миллӣ аз насл ба насл ба мерос гузошта, то замони мо расонидаанд. Ин ҷашни бузург бо шарофати озодиву соҳибистиқлолии Ватани маҳбубамон на танҳо ба мақоми расмӣ соҳиб гардид, балки бо талошҳои Ҳукумати мамлакат ба ҳайси ҷашни эҳёи табиату зебоӣ мақоми байналмилалӣ касб кард ва имрӯз дар саросари олам таҷлил карда мешавад. Ин барои мардуми куҳанбунёди тоҷик ифтихори бузург ва боиси сарбаландиву сарфарозии ҳар як сокини Тоҷикистон мебошад.

Ҷавҳари таърихиву фарҳангии ин ҷашн саодату пирӯзии аҳли башар буда, инсонҳоро ба ҳамдигарфаҳмиву ҳамзистии осоишта, накӯкориву созандагӣ, дӯст доштану эҳтиёт кардани табиат ва неъматҳои он ҳидоят менамояд. Ин масъала, хусусан, дар замони мо, ки инсоният бар асари равандҳои ҷаҳонишавӣ ва гармшавии иқлим бо мушкилоти бесобиқа рӯ ба рӯ омадааст, аҳаммияти фавқулода муҳим дорад.

Маҳз ҳамин омил боис гардид, ки Созмони Милали Муттаҳид ҷашни Наврӯзро ба сифати ҷашни ҷаҳонӣ эътироф кард ва таҷлили онро дар манотиқи мухталифи сайёра тавсия намуд.

Дар айёми наврӯзӣ гирди ҳам омадан, ба дидори якдигар расидан ва бо ширкати хурду бузург, сарфи назар аз синну сол ва миллату мазҳаб, баргузор намудани ойинҳои наврӯзӣ асли милливу мардумии онро ташкил медиҳад.

Воқеан, таърихи Наврӯз ҳеҷ робитае бо ҷаҳонбинии диниву мазҳабӣ ва сиёсиву нажодӣ надорад ва башардӯстиву бузургдошти инсон ва табиат асли он ба шумор меравад. Қобили таъкид аст, ки умри Наврӯз ҳатто аз яке аз қадимтарин ойинҳои динӣ – зардуштия қариб ду баробар зиёд мебошад.

Наврӯз ҷашни эътидоли шабонарӯзӣ, айёми тавозуни зиндагӣ, оғози корҳои кишоварзӣ, киштукори баҳорӣ ва ҳама гуна ташаббусҳои созанда мебошад. Чун мардум табиатан аз сармои тӯлонии зимистон ранҷ мебаранд, омадани гармӣ ва бедории табиатро ба унвони эҳёи зиндагӣ дар қолаби Наврӯз бо хурсандии зиёд ҷашн мегиранд.

Имсол мо тасмим гирифтем, ки тантанаҳои Наврӯзро бо иштироки меҳмонон ва зиёиёни кишвар дар шаҳри Нораки вилояти Хатлон доир намоем.

Сокинони Хатлон аз қадимулайём бо меҳрубониву иродатмандӣ, далериву шуҷоат, заҳматдӯстиву ободгарӣ ва хештаншиносиву ҳувиятхоҳӣ машҳур  гардидаанд. Аз қадимтарин сарчашмаҳо маълум аст, ки сокинони Хутали бостонӣ дар ҳифзи ойину ҷашнҳои аҷдодӣ нақши басо арзишманд гузошта, имрӯз низ дар ин масир устуворона қадам мегузоранд, ки тантанаҳои Наврӯзи байналмилалӣ дар шаҳри Норак гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд.

Норак шаҳри энергетикҳо ва саноатчиён буда, дар пешрафти кишвари азизамон саҳми бузург дорад. Сохтмони нерӯгоҳи барқи обии “Норак”, ки бузургтарин нерӯгоҳи барқи обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, соли 1967 оғоз ёфта, 15 ноябри соли 1972 нахустин агрегати он бо иқтидори 300 мегаватт ба истифода супорида шуд. Соли 1979  нерӯгоҳ бо иқтидори 2700 мегаватт пурра ба фаъолият шурӯъ намуд. Вале дар натиҷаи фаъолияти тӯлонии нерӯгоҳ ва фарсуда шудани таҷҳизоти технологӣ имрӯз иқтидори лоиҳавии он 400 мегаватт кам гардидааст. Аз соли 2005 бо дастгирии шарикони рушд корҳо вобаста ба тоза намудани сатҳи поёноби нерӯгоҳ, мониторинги бехатарии сарбанди он, бунёди дастгоҳҳои тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 ва 220 - киловолта ба маблағи умумии 900 миллион сомонӣ анҷом дода шуданд.

Бо дарназардошти аҳаммияти нерӯгоҳ дар рушди иқтисодиёти кишвар ва пешгирӣ намудани коҳиши иқтидори он Ҳукумати Тоҷикистон солҳои 2015-2016 дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони рушд асосноккунии техникиву иқтисодии лоиҳаи «Таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии Норак”-ро омода намуд ва имрӯз дар остонаи ҷашни Наврӯз татбиқи навбати аввали он, ки арзиши лоиҳавиаш сеюним миллиард сомонӣ (баробар ба 350 миллион доллари амрикоӣ) мебошад, оғоз гардид. Таҷдиди нерӯгоҳи “Норак” дар ду марҳала бо ҷалби қариб 7 миллиард сомонӣ дар муддати 10 сол амалӣ карда мешавад.

Марҳалаи якуми лоиҳа таҷдиди 3 агрегат ва таҷҳизоти ёрирасони онҳо, 6 адад трансформатор ва ҳамзамон бо ин, анҷом додани корҳоро вобаста ба бехатарии сарбанд дар бар мегирад.

Дар марҳалаи дуюми лоиҳа таҷдиди 6 агрегати боқимонда ва таҷҳизоти ёрирасони онҳо дар назар дошта шудааст. Яъне баъди ба анҷом расидани лоиҳа нерӯгоҳи барқи обии “Норак”, куллан нав мегардад ва умри дубора пайдо мекунад.

Мехоҳам махсус зикр намоям, ки дар доираи таҷдиди нерӯгоҳ аз ҷониби ширкати бонуфузи сатҳи байналмилалӣ таҷҳизоту технологияҳои пешрафтатарин ворид ва васлу насб карда мешаванд. Инчунин, дар раванди амалӣ намудани корҳои таҷдиди нерӯгоҳ ҳазорон нафар мутахассисону коргарон аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷойи корӣ мегарданд.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳа иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳ аз 3000 то ба 3300 мегаватт зиёд гардида, бо дарназардошти иқтидорҳои аздастрафта дар он 700 мегаватт иқтидори иловагӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар ин замина таъминоти аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар бо барқ ба таври назаррас беҳтар мегардад, ки ин омил бевосита ба татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ - саноатикунонӣ, афзоиши иқтидори содиротии кишвар ва шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин, мавқеи Тоҷикистон ҳамчун кишвари истеҳсолкунандаи нерӯи барқ аз манбаъҳои таҷдидшаванда ва татбиққунандаи “иқтисоди сабз” дар миқёси сайёра боз ҳам таҳким меёбад.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба роҳбарияти Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷумла Асосиатсияи Байналмилалии Рушд ва ҳамзамон бо ин, ба Хазинаи Авруосиёии субот ва рушд, ки нақшаи Ҳукумати Тоҷикистонро дастгирӣ карда, саҳми худро барои оғоз намудани таҷдиди нерӯгоҳи барқи обии “Норак” гузошта истодаанд, изҳори сипос менамоям.

Ҳукумати Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ ба масъалаи рушди Норак - шаҳри энергетикиву саноатӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, на танҳо тармиму таҷдиди қисматҳои гуногуни нерӯгоҳро амалӣ намуд, балки бунёди даҳҳо муассисаҳои нави иҷтимоиро ба анҷом расонид. Дар як муддати кӯтоҳ Норак симои худро ба куллӣ тағйир дода, имрӯз ба як шаҳри зебову намунавӣ табдил ёфтааст.

Бунёди муассисаҳои нави иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои соҳаи маорифу тандурустӣ, меҳмонхонаву марказҳои муосири хизматрасонӣ ҳусни шаҳрро ба куллӣ тағйир дода, ҳоло Норак ба яке аз мавзеъҳои сайёҳии кишвар табдил ёфтааст. Ҳамзамон бо ин, даҳҳо коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ бунёд ва садҳо ҷойи иловагии корӣ муҳайё гардидаанд.

Норак, инчунин, дар оянда метавонад бо ду сабаб макони беҳтарини сайёҳӣ гардад.

Аввалан, он аз пойтахти мамлакат чандон дур набуда, ҳоло рафтуомад тавассути шоҳроҳи Душанбе - Кӯлоб ниҳоят мусоиду осон мебошад.

Сониян, Норак ва атрофи он оби мусаффо, боду ҳавои муътадил ва табиати зебо дошта, ҷойи бисёр мувофиқи истироҳату фароғати сокинони мамлакат ва меҳмонону сайёҳони хориҷӣ шуда метавонад.

Итминон дорам, ки роҳбарони вилояти Хатлон ва шаҳри Норак ҷиҳати бунёди инфрасохтори сайёҳӣ ва марказҳои табобату истироҳат чораҳои иловагӣ андешида, ба ин раванд сармояи мустақим ва соҳибкорони ватаниро ҳарчи бештар ҷалб менамоянд ва

шаҳри Норакро ба мавзеи муҳимми сайёҳӣ ва истироҳату фароғати кишвар табдил медиҳанд.

Яке аз ҳадафҳои мо аз эълони солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ низ маҳз аз он иборат аст, ки бо истифода аз ҳамаи василаву имкониятҳо деҳоти кишварро обод кунем, инфрасохтори иҷтимоиву сайёҳиро тараққӣ диҳем ва бо ҳамин роҳ барои ҳамватанонамон ҷойҳои нави корӣ муҳайё намоем.

Бовар дорам, ки дар муддати се соли оянда деҳоти мо симои худро ба куллӣ тағйир дода, тавассути саъю кӯшиши соҳибкорони ватанӣ ва мардуми бонангу номуси диёрамон боз ҳам зеботар мегарданд, дорои инфрасохтори муосир мешаванд ва бо ин роҳ мушкилоти зиёди мардум бартараф карда мешаванд. Ҳамзамон бо ин, барои рушди сайёҳӣ имкони бештар фароҳам омада, дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон иншооти наву замонавии сайёҳӣ бунёд шуда, мавзеъҳои таърихиву фарҳангии он ба макони дӯстдоштаи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ табдил меёбанд.

Мардуми тоҷик аз қадим ҳунарманд буда, бо ҳунару касбҳои бобоии худ ифтихор менамоянд. Дар ин се сол умедворем, ки ҳунарҳои мардумӣ дар кишвар боз ҳам рушд карда, маҳсули меҳнати ҳунармандони мо ба ҷаҳониён бештар муаррифӣ мегардад.

Яке аз таомулу ойинҳои Наврӯз низ ҳанӯз аз оғози пайдоиши он ободкориву созандагӣ мебошад. Гузаштагони мо дар рӯзҳои наврӯзӣ бо нияти нек таҳкурсии ободиҳои гуногунро мегузоштанд, майдонҳои киштро васеъ мекарданд ва барои осудагиву фаровонии ҳар як хонадон замина муҳайё месохтанд.Мо низ бояд ин анъанаи шоистаи наврӯзиро идома бахшида, барои ободиву сарсабзии кишварамон талош намоем ва аз худ бароиояндагон як мулки обод ва кишвари пешрафтаву тараққикардаро ба мерос гузорем.

Бисёр рамзист, ки дар рӯзи дуюми Наврӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Рӯзи ҷаҳонии обро таҷлил менамояд. Об низ ба мисли Наврӯз рамзи покизагиву ободӣ, саодату нишот ва идомаи ҳаёт мебошад. Хушбахтона, Тоҷикистони азизи мо дорои захираҳои бузурги об буда, дар айни замон дар  масъалаҳои марбут ба об дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми кишвари пешбарандаро касб кардааст.

Бо ташаббуси кишвари мо Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид солҳои 2018-2028-ро Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” эълон кардааст, ки баъди ду рӯз, яъне 22-юми март соли дуюми даҳсола оғоз меёбад.

Итминон дорам, ки сокинони кишварамон дар доираи чорабиниҳои ин ташаббуси байналмилалӣ ва хусусан, дар рӯзҳои Наврӯз ба хотири истифодаи оқилонаи захираҳои об ва дигар сарватҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва ба ин васила ҳаллу фасл намудани мушкилоти вобаста ба об саъю талоши бештар мекунанд.

Бори дигар фарорасии ҷашни мубораку бузурги Наврӯзро ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон, кулли тоҷикону форсизабонони ҷаҳон, халқу миллатҳои олам, ки онро таҷлил мекунанд ва ба ҳамаи шумо ҳозирини мухтарам самимона табрик гуфта, орзумандам, ки бахту саодат ва хайру баракат дар ҳар хонадони кишварамон ва сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва  ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо ҷовидонӣ бошад.

**Наврӯзатон фирӯз бод,**
**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**

**Ғафурзода А. Д.,**
ректори Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, тел.: 224-17-86, info@did.tj

**Сайдаҳмадова Д.,**
мудири кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, 734003, ш.Душанбе. кӯчаи Саид Носир 33 ,тел: 987212922, e- mail: sdl 6868@mail.ru

# ТАКОМУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ОМИЛИ АЗ БАЙН БУРДАНИ КИРДОРИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ИФРОТГАРОӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

**Аннотатсия**

*Муаллифони мақола саравval оид ба тарбияи фарзанд дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус маълумот дода, сипас сабабҳои коста гардидани ахлоқи қисме аз наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани баъзе аз онҳоро нишон додаанд.*

*Дар мақолаи мазкур оид ба ҳадафҳои нопоки террористону ифротгароён ва пайравони онҳо, ки душманони миллатанду ҳадафҳояшон ба ҷуз барангехтани ҳисси нобоварӣ нисбат ба давлату ҳукумат ва тафриқаандозӣ миёни миллат чизи дигаре нест, маълумоти саҳеҳ оварда шудааст.*

*Дар баробари ин таъкид карда мешавад, ки шаҳрвандони кишвар ва бахусус ҷавонон бояд огоҳ бошанд, ки кирдорҳои ҷинояткоронае чун терроризму ифротгароӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят маҳсуб ёфта, оқибати содирнамоии ин гуна амалҳо ҷазоҳои сангине ба бор хоҳад овард.*

**Вожаҳои калидӣ:** тарбияи фарзанд, рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, рисолати волидайн, равияҳои бегона, терроризм, экстремизм, заминаи эътиқоди динӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, маърифати ҳуқуқӣ, худшиносӣ, зиракии сиёсӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷазоҳои сангин

**Аннотация**

**Совершенствование правовой культуры фактор искоренения терроризма и экстремизма среди молодежи**

*Авторы статьи в первую очередь обращают внимание на воспитание детей в духе любви к Родине, самопознания, стремления к наукам и изучения наук, мужества и добросовестности, а также соблюдения чести. По мнению авторов отсутствие*

*указанных ценностей способствует возникновению нравственного кризиса у молодежи и их вступлению в ряды преступных организаций, в том числе террористических.*

*В данной статье приводятся истинные цели террористов и экстремистов, а также их последователей, которые, бесспорно, являются врагами нашей нации, преследующие такие цели, как вселение чувства недоверия между членами общества, в отношении государства и правительства, а также распространения смуты внутри общества.*

*Кроме того, в статье делается упор на то, чтобы граждане страны, особенно молодёжь, должны быть осведомлены о тяжкой ответственности, которая установлена действующим законодательством Республики Таджикистан которая может наступить за совершение таких преступлений, как терроризм и экстремизм.*

**Ключевые слова:** воспитание детей, любовь к Родине, самопознание, миссия родителей, незнакомые способы, терроризм, экстремизм, основа религиозной веры, защита прав и свобод граждан, правовая цивилизация, самопознание, политическая сметливость, уголовная ответственность, суровое наказание

**Annotation**

**Inhancement of legal culture as a factor of terrorism and extremism eradiation**

*The authors of the article primarily paid attention on children education in the spirit of love of the Motherland, selfknowledge, ambition for science and science study, fortitude, honesty and honour. According to the authorts opinion, lack of noted values contributes to the emergence of a moral crisis among young people and their entry into the ranks of criminal organizations, including terrorist organizations.*

*This article presents the true goals of terrorists and extremists, as well as their followers, who are undoubtedly enemies of our nation, pursuing such goals as invigoration a sense of distrust between members of society in relation to the state and government, as well as spreading distemper within society.*

*In addition, the article emphasizes that citizens of the country, especially young people, should be aware of the serious responsibility that is established by the current legislation of the Republic of Tajikistan and may occur for such crimes as terrorism and extremism.*

**Keywords:** children education, love of the Motherland, selfknowledge, parents’ mission, unknown methods, terrorism, extremism, basics of religional faith, protection of citizens’ rights and freedoms, legal civilization, political sharpness, criminal responsibility, severe punishment

---

«Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили поки фарзанд нафис асту нақшпазир, ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ҳар тухме, ки дар вай бикорӣ, бирӯяд. Агар тухми хайру некӣ аст, ба саодати дину дунё расад ва падару модару муаллим дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ, то ҳар чи хоҳад, кунад ва бо ҳар ки хоҳад, нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ накунӣ.

*(Муҳаммад Ғазолӣ)*

Таърих гувоҳ аст, ки аз қадимулайём мардуми соҳибтамаддуни тоҷик ба тарбияи фарзанд аҳамияти хоса зоҳир намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ, донишандӯзиву маърифатпарварӣ, ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ва нангу номус ба воя расонидани фарзандони худ ҳамеша кӯшиш менамуданд.

Дар тӯли мавҷудияти худ миллати тоҷик ҳазорон фарзандони фарзонаро ба дунё овардаву ба камол расонидааст, ки онҳо барои халқи худ ва тамаддуни башар хизматҳои шоёне анҷом додаанд.

Рисолати волидайн ин ба фарзандони хеш омӯзонидани дарси далерию мардонагӣ ва корнамоиҳои аҷдодон ба мисли Спитамен, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик ва дигар абармардони миллати бо нангу номуси мо, ки дар симои онҳо худшиносӣ ва истиқлолияти миллӣ таҷассум ёфтааст, ба ҳисоб меравад.

Мутаассифона, солҳои охир сатҳи тарбияи фарзандон то андозае паст рафтааст ва баъзе падару модарон ба ин масъалаи ҳаётан муҳим беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Коста гардидани ахлоқи қисме аз наврасону ҷавонон, ҷалб гардидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракату равияҳои бегона ва ба ҷинояткорӣ даст задани иддае аз онҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи беаҳамиятӣ ва бемасъулиятии падару модарон мебошад. Наврасон, ки ҳоло миёни сиёҳу сафед фарқ гузошта наметавонанд, баъзан фирефтаи амалҳои шахсони ҷинояткор гардида, оқибати кирдорҳои худашонро дарк накарда, даст ба ҷиноят мезананд.

Дар ин раванд ҳикмати пурмуҳтавои халқамонро ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки мегӯяд: «Фарзандони худро ҳунар ва илм биомӯзед ва онҳоро чунон бояд тарбия намоед, ки оқибат сиришки ғам аз дидаҳои пурумед нарезад» [5].

Ҳоло яке аз масъалаҳои муҳим, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Терроризм ва ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб дар замони имрӯза ба шумор меравад, зеро зуҳуроти мазкур боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш - таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, бенизомӣ, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии кишвар таъкид доштанд, ки “Дар паёмҳои қаблӣ ва дигар суханрониҳо ман андешаҳои худро доир ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳор карда будам.

Шиддати ин хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мутаассифона, имрӯз ҳам паст нашудааст.

Аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вақтҳои охир дастгир шудани гурӯҳҳои ҷиноятие, ки мехостанд дар минтақаҳои сарҳадӣ ва дохили Тоҷикистон амалҳои террористӣ анҷом диҳанд, гувоҳи ин гуфтаҳост”.

Террористону ифротгароён ва пайравони онҳо душманони миллат буда ҳадафи онҳо ба ҷуз барангехтани ҳисси нобоварӣ нисбат ба давлату ҳукумат ва тафриқаандозӣ миёни миллат чизи дигаре нест. Онҳо дар зери шиорҳои бофтаву хаёлӣ фирефтаи таълимоти

«гӯё динӣ» гашта, ба амалҳои низоъпарастӣ, ифротгароӣ ва террористӣ ҷавононро даъват намуда, амалҳои бади худро бо номи «қаҳрамонӣ», «фидокорӣ» ташбеҳ мекунанд ва мехоханд бо ин роҳ ба мақсадҳои душманонаи худ ноил шуда, нуфузу дастовардҳои миллиро то андозае паст зананд.

Мураккабтарин ва хатарноктарини зуҳури терроризм он аст, ки агар дар заминаи эътиқоди динӣ хосияти соф идеологӣ пайдо намуда бошад. Чунин шакли терроризм хеле мураккаб аст. Зеро раванди ташаккули он, асосан, ноаён мегузарад. Он метавонад дар доираи маҳдуди вақт фазои номаҳдудро фаро бигирад ва дар муносибатҳои ҷомеаи сиёсӣ нақши барҷаста пайдо намояд [1,10].

Барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан, аксаран ташкилотҳои экстремистӣ ба эътиқоди динии шахсон таъсир расонида, мардумро бовар кунониданӣ мешаванд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост. Маҳз бо ин роҳу восита мехоҳанд дини мубини исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода баранд. Пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна падидаҳои номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки баъзе ҷавонон бехабар аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, таълиму тарбияи нокифоя ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил шуда, даст ба ҷиноят мезананд.

Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ба ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ҳастаиро ба миён овардааст, ки мутаасифона, қурбонии ин амалҳо, асосан ҷавонон мебошанд.

Ҳар фарде, ки ба чунин амалҳои ҷинояткорона даст мезанад, бояд аз оқибатҳои ҳуқуқии он андеша намояд. Кишвари мо дар интихоби роҳ ба сӯйи як ҷомеи ҳуқуқбунёд тамоми талошҳои худро баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона месозад. Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошанд. Ҳамчунин Сарвари давлат дар паёми хеш иброз доштанд, ки: “Тавре ки маълум аст, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад.”

Аз ин рӯ, шаҳрвандони кишвар ва бахусус, ҷавонон бояд огоҳ бошанд, ки кирдорҳои ҷинояткоронае чун терроризму ифротгароӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ба ҳисоб рафта, оқибати содирнамоии ин гуна амалҳо ҷазоҳои сангине ба бор хоҳад овард.

Дар ин маврид дар моддаи 179 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: 1) Терроризм, яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон ё дигар кирдоре, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдорҳои зикршуда бо ҳамин мақсадҳо,- (КҶТ аз 14.11.2016 с., №1359)

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурўҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) такроран; (КҶТ аз 14.11.2016 с., №1359)

в) аз ҳиссиёти бадбинӣ ё хусумати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ; (КҶТ аз 14.11.2016 с., №1359)

г) аз ҷониби хизматчии ҳарбӣ; (КҶТ аз 14.11.2016 с., №1359)

д)аз ҷониби шахси мансабдор бо истифода аз мақоми хизматӣ; (КҶТ аз 14.11.2016 с., №1359)

е) дар ҳолати ретсидивӣ хавфнок содир шуда бошад, – (КҶТ аз 14.11.2016 с., №1359)

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюми ҳамин модда, агар он :

а) аз ҷониби гурўҳи муташаккил;

б) дар алоқамандӣ бо таҳдиди истифодаи силоҳи қатли ом, моводи радиоактивӣ ё иҷрои дигар кирдоре, ки ба ҳалокати оммавии одамон оварда мерасонад;

в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад;

г) аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё ин ки дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз понздаҳ то бисту панҷ сол ё ҷазои қатл ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад. (КҶТ аз 31.12.08с №451).

Шахсе, ки дар омода сохтани кирдори терористӣ иштирок дорад, агар мақомоти давлатиро сари вақт огоҳ созад ё бо роҳи дигар содир гаштани кирдори терористиро пешгирӣ кунад ва агар дар ҳаракатҳои ин шахс дигар таркиби ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки мақсад аз ин муқаррарот на танҳо татбиқи ҷазо, балки тарбияи шаҳрвандон мебошад, чуноне ки дар эзоҳи моддаи мазкур бо истифода аз принсипи гуманистӣ муқаррар гардидааст. Афроде, ки дар содир намудани ин кирдорҳо иштирок доштанд, вале сари вақт аз кардаи хеш пушаймон гардида, ҳамчунин мақомоти дахлдори давлатиро аз ба вуқуъ пайвастани чунин амалҳо огоҳ месозанд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод мегарданд.

Аз ин рў, ҷавонони моро зарур аст, ки ба қадри неъмате чун истиқлолияту давлатдории миллӣ расида, арзишҳои муқаддастарини давлату давлатдориро дарк намуда, онҳоро пос нигоҳ доранд, чунки пос ва муқаддас донистан ин ҳам карз, ҳам масъулият ва ҳам шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва ҳам талошу заҳмати ҳар фарди бедордили ҷомеа бахри худшиносӣ, маърифат ва фарҳанги волои миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо омилҳои асосии паст кардан ва аз байн бурдани хатарҳои гароиш ва пайравии ҷавонон ба ташкилот ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, ин ба таълиму тарбия,

ҳунаромӯзӣ фаро гирифтани онҳо ва ҳамчунин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва динии ҷавонон дар заминаи таълимоти мазҳаби ҳанафӣ мебошад.

Дар ин замина мо - шаҳрвандони кишвар, омӯзгорон ва дигар фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки дар маҷрои ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулияти баланд истиқлолияти худ, ва он сулҳу суботеро, ки дар асоси заҳматҳои зиёди шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуҷуд омадааст, пос дошта, содиқона ва мунсифона онҳоро ҳифз намоем.

Имрӯзҳо на ҳама ҷавонои тоҷик аз ташкилоту ҳаракатҳои ифротӣ пайравӣ менамоянд, балки ҷавононе низ ҳастанд, ки дар пешбурди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқамон хидмат намуда, дар пешбурд ва муаррифии кишвари азизамон саҳмгузор мебошанд. Чуноне ки Пешвои миллат дар паёми хеш таъкид доштанд: "Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд.

Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем. Ман ба ҷавонони кишвар барои дастгириашон аз сиёсати давлату Ҳукумат ва хизмати содиқонаашон миннатдории самимӣ баён мекунам" [4].

Дар ҳамин замина, ҷавононро зарур аст, ки ба ин боварӣ ва эътимоди Пешвои миллат сазовор бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надода, худогоҳӣ, худшиносии миллӣ ва ватандӯстиро сармашқи зиндагии худ қарор диҳанд.

Имрӯзҳо тамоми аҳолии фаъоли кишварро зарур аст, ки натанҳо бо шиору гуфтори ситоишомез, амалҳои риёкорона, балки содиқона ва самимона дар ҳама соҳаҳо меҳнати софдилона намуда, баҳри таълиму тарбияи наврасон, ҷавонон дар роҳи ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, инчунин ҷалби онҳо ба корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошанд, чунки меҳри Ватан бағоят пурзӯр буда, аз лаҳзае, ки чашму ақли одам кушода мешавад, муҳаббати зиндагиро дар дили худ тавассути диёру кишвар мебинад, пайкари худро бо обу хоки Ватан сайқал медиҳад, чуноне, ки шоир Абдулҳай Қаландар гуфтааст:

Хоки поки Тоҷикистон сурмаи чашмон кунем,
З-обҳои ноби он ҳар лаҳза нӯши ҷон кунем
В-аз насими субҳи содиқ дил чу гул хандон кунем,
Шукри обу нону хоки ин Ватан чандон кунем.
Тезхӯю тундрав, раҳгуму ифротӣ мабош,
Дар дифои Меҳани худ доимо омода бош!

Дар охир ин андешаҳоро бо суханони пурмуҳтавои Сарвари давлат хулоса намудан мумкин аст. Пешвои миллат таъкид доштанд: Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву

иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд[3].

Дар шароити ҷаҳони пурҳаводиси муосир бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти нерӯҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд.

**Адабиёт:**

1.Зокиров Г.Н. “Моҳият ва хусусиятҳои асосии терроризм дар замони муосир ”12-13-уми январи соли 2016.

2.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998

3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 22.12.2016,

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 26-уми декабри соли 2018.

5.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» Душанбе,14.12.2010.

**Маҷидзода Ҷ. З.,**
раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор

# МАФҲУМИ ТЕРРОР ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МАҶЛИСӢ ОЛӢ

**Аннотатсия**

*Дар мақолаи мазкур мафҳуми террор ва терроризм дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлисӣ Олӣ ва масъалаи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм бозгӯ гардида, ҳамзамон мавқеи мақоми қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муқовимати беамон бо терроризм ва ифротгароии ҷаҳонӣ аз нигоҳи муаллиф ба қалам дода мешавад.*

**Калидвожаҳо:** Президент, терроризм, ифротгароӣ, паём, мулоқот, сиёсати дугона, эътилофҳои ҳарбӣ ва сиёсӣ, ҳуқуқи инсон, муҳоҷират, гуреза, созмонҳои байналмилалӣ

**Аннотация**

**Понятия террора и терроризма в рамках послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли**

*В данной статье автор рассматривает понятия террора и терроризма в рамках послания Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан, а также указывается роль законодательной власти в борбе с терроризмом и экстремизмом, с точки зрения автора статьи.*

**Ключевые слова:** Президент, терроризм, экстремизм, послание, политика, политика двойних стандартов, военно-политические коалиции, права человека, миграция, беженцы, международные организаци.

**Annotation**

**The concept of terror and terrorism in the framework of the Message of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Majlisi Oli**

*In this article, the author concider the concept of terror and terrorism in the framework of the Message of the of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rakhmon to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, and also the role of legislative branch in the fight against terrorism and extremism.*

**Keywords:** President, terrorism, extremism, message, politics, double standards policy, military-political coalitions, human rights, migration, refugees, international organizations

«Дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагию гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст. Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад.» [1].

Дар ин паёми таърихӣ, Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қатори инъикоси дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз зарурати ислоҳоти иқтисодӣ, рушди рукни низоми давлатдорӣ ва баъзе мушкилиҳои олами муосир ва камбудиҳову норасоиҳои ҳаёти иҷимоӣ ҳарф зада, чандин маротиба аз таҳдиди падидаи манфии «терроризм» ба ҳаёти осоиштаи мардум ёдрас шуданд. Пешвои миллат тағйирпазирии ин зуҳуроти манфиро вобаста ба шароит ва тағйирёбии манфиатҳо таъкид намуда, хотирасон карданд, бо вуҷуди он ки, мо ҳамарӯза шоҳиди содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ дар Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико гардидем ва қариб рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ нагарданд, вале бо вуҷуди он, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст.

Дарвоқеъ, дар шароити тағйирпазирии арзишҳо дар замони ҷаҳонишавии манфиатҳо, суиистифодаи ғаразнок ва ҳадафманди ин зуҳуроти манфӣ аз ҷониби нерӯҳои мухталифи сиёсӣ афзун гардида, рӯ овардани бозигарони майдони сиёсии олам ба ин амали мудҳиш ва зишт ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои нопок дар шаклҳои гуногун сурат мегирад. Терроризм ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳо бо самтҳои нав ва симоҳои гуногун муаррифӣ гашта, дар байни аҳли сиёсати ҷаҳонӣ дар зери гарди ғаразу манфиатҳо худро пинҳон карданист, ин ҳолат дар олами илми ҷиноятӣ шинохти дақиқ ва баҳодиҳии воқеии онро бамаротиб душвор гардондааст. Ҳодисаҳои тавлиди толибон дар Афғонистон, нерӯҳои муқобили режими давлатдории Асад дар Сурия ва ниҳоят пайдоиши ҷинмонанди Давлати исломӣ дар миёни кишварҳои Ироқу Сурия худ гувоҳи гуфтаҳои болост. Ҳамзамон террористони ҷумҳуриҳои Қафқози Русияро ҳамчун озодихоҳон шарҳ додани иддае аз сиёсатмадорони ғарбӣ шаклҳои нави эътирофи амалҳои террористӣ дар дипломатияи ҷаҳонист.

Принимая во внимание некоторую опасность социальных сетей, данный ресурс можно и нужно использовать в рамках образовательного процесса по следующим причинам: во-первых, необходимо принимать во внимание объективно существующий вектор социального развития, и пользоваться для целей прогресса в будущем даже теми технологиями, которые объективно могут создавать определенную опасность для общества; во-вторых, «силу» противника (информационные технологии, которые разучивают людей думать и запоминать) необходимо использовать против него же. Ярким примером того, как это можно сделать эффективно и с серьезной развивающей составляющей, является хозяйственная деятельность такого производителя информационного контента, как Wargaming, с его виртуальным игровым пространством «Танки». Фактически, игровизация системы образования позволит обеспечивать получение знаний, умений и навыков даже в том случае, когда у обучающегося отсутствует желание получать такие знания, умения и навыки; в-третьих, такой подход позволит в значительной степени удешевить образовательный процесс с одновременным улучшением его качества (при условии, что за функционированием таких образовательных ресурсов будет надлежащий, но не чрезмерный, общественный и государственный контроль).

Целесообразным видится создание комплексных образовательных информационных ресурсов, в концепции которых будет одновременно сочетаться

несколько элементов: система виртуального образования, которая позволяла бы одновременно преподавателю и обучающемуся максимально задействовать возможности получения знаний и возможности их донесения. В рамках подобной системы преподаватель имел бы возможность публиковать свои разработки с обеспечением правовой защиты его исключительных прав и одновременным получением вознаграждения за пользование такими объектами интеллектуальной собственности иными лицами в случае востребованности (что само по себе стимулирует создание качественных курсов лекций, учебных пособий и иных материалов). При этом такие научные труды были бы доступны для открытой критики как со стороны научного сообщества, так и со стороны специалистов и тех, кто является потребителем такого рода литературы (такой подход минимизировал бы выход в свет некачественной и не соответствующей потребностям образовательного процесса учебной литературы). Обучающийся же имел бы возможность получить доступ к качественному массиву информации; система информационных технологий «legal-tech», позволяющая в режиме реального времени пользоваться правовой информацией, происходящей из различных юрисдикций, взаимосвязанной с системой международного права, содержанием правоприменительной деятельности и содержанием системы хозяйствования в разных странах; система информационных технологий «fin-tech», позволяющая в привязке к реальности (обусловленной содержанием правового регулирования общественных отношений, а не фантазиями какого-нибудь непрофессионального педагогического работника) понимать и пользоваться системой экономических и финансовых технологий, используемых на данном историческом этапе в системе функционирования финансового рынка, рынка инвестиций и рынка денег; системы игровых технологий, позволяющей одновременно заинтересовать обучающихся и обучающих в получении новых знаний и решать целый комплекс практических вопросов (например, выработка новых технологий совершения хозяйственных операций с апробацией их в виртуальном пространстве без рисков экономических потерь; решение вопросов трудоустройства выпускников посредством мониторинга их способностей со стороны потенциальных нанимателей и др.).

Система подготовки специалистов в системе государственного управления предполагает создание условий, при которых теория, практика и социальные нормы, определяющие содержание общественных отношений, максимально совпадают друг с другом. Полагаем, что создание комплексных информационных ресурсов, сочетающих в своей структуре сферы образовательных технологий, legal-tech и fin-tech будет эффективным инструментом совершенствования системы подготовки государственных служащих. Использование описанных подходов позволит быстро и эффективно трансформировать не только форму, но и содержания образования в целом и высшего образования – в частности.

**Список использованных источников:**

1. Конституция Республики Беларусь от 15 марта 1994 г. № 2875-XII : Конституция Республики Беларусь // Национальный реестр правовых актов Республики Беларусь. – 1999. – № 1, 1/0.

2. Гражданский кодекс Республики Беларусь / Кодекс Республики Беларусь от 7 дек. 1998 г. № № 218-З // Ведамасці Нацыянальнага сходу Рэспублікі Беларусь. – 1999. – № 7–9. – Ст. 101.

**Олимзода Д.А.,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (+992) 93 937 77 72, E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru

# САҲМИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИИ МАҲАЛЛӢ ДАР РУШДИ ДЕҲОТ

**Аннотатсия**

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳо оид ба амалишавии нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар рушди деҳот барасӣ карда шудааст. Дар ин радиф ҳангоми омӯзиши масъалаи мазкур муайян гардид, ки барои рушди хоҷагии халқ дар деҳот нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ хеле муҳим мебошад, зеро ҳамаи масъалаҳо дар деҳот, аз ҷумла масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бо дастгирӣ ва кумаки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба анҷом расонида мешавад. Муқаррароти санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо оид ба худидоракунии маҳаллӣ ба таври мушаххас ҳуқуқи шаҳрвандонро ба худидоракунии маҳаллӣ кафолат надодаанд. Ҷой доштани заминаҳои мукаммали ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ метавонад ба таври самаранок амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандонро дар рушди деҳот таъмин намояд. Дар масъалаи рушд ва инкишофи деҳот саҳми мақомоти худидораи маҳаллӣ - Ҷамоат басо назаррас аст. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо номи Ҷамоат ифода гардидааст, ҳамчун шакли таҷассумёбии демократия ва идораи озод арзёбӣ гардида, то ба ҳол мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор дошта, ҳар яке бо дарназардошти таҳлилҳои илмии худ, раванди амалигардонии худидоракунии маҳаллиро ба таври худ шарҳ додааст.*

**Калидвожаҳо:** мақомоти давлатӣ, рушд, маҳал, худидоракуниии маҳаллӣ, ҳокимияти халқ, деҳот, Ҷамоат

**Аннотация**

**Личный интерес органов местного самоуправления в развитии села**

*В статье рассматриваются вопросы вклада и роли органов местного самоуправления в развитии села. В ходе изучения вопроса выяснилось, что в развитии местной экономики в селе значителен вклад органов местного самоуправления, потому что все экономические, социальные и политические вопросы в селе решаются при активном участии, поддержки и содействии органов местного самоуправления. Следует отметить, что положения правовых актов, регулирующих местное самоуправление, четко и конкретно не гарантируют право граждан в местном самоуправлении. Обладая полным спектром правовых, экономических и финансовых ресурсов, можно обеспечить эффективное внедрение прав населения в развитии села.*

**Ключевые слова**: государственный орган, развитие, местность, местное самоуправление, народная власть, сельская местность, джамоат.

**Annotation**

**The contribution of local self-government bodies in rural development**

*The article has been addressed to solve the problem of the local self-government bodies' implantation to rural development. In this context, it was found out that the rural development was very important in the local self-governing bodies because all problems in the community on economic, social and political issues solves with the support and assistance of the local self-government. Legal provisions which regulate the local self-government were not guaranteed the right of the citizens of the local self-government. With the full range of legal, economic and financial resources it can provide the effective implementation of citizens into rural development. The contribution of local self-government body into rural development is very huge. The self-governing body of the city and the village, in accordance with normative legal acts – jamoat, is considered as a form of democratization and free governance, as everyone has taken part in analysis of the process of local self-governance.*

**Keywords:** state agencies, development, region, local self-government, peoples power, rural area, jamoat

Ҳадафҳои муҳимтарини сиёсати давлатии Тоҷикистон мустаҳкам намудани асосҳои сохти конститутсионӣ, барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, ки ҷавҳари онро риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ташкил медиҳанд, мебошанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзишҳои олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онҳоро давлат кафолат дода, дар моддаи 6 муқаррар менамояд, ки дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст. Инчунин моддаи 27 пешбинӣ менамояд, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд [2,27].

Бояд гуфт, ки мафҳуми худидоракунии маҳаллӣ дар таҷриба ва қонунгузории Тоҷикистон нисбатан нав аст. Падидаи ҳуқуқӣ-конститутсионии худидоракунии маҳаллӣ аввалин маротиба бо роҳи ба боби 14 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 дохил кардани тағйироту илова ва қабули Қонуни ҶТ аз 25 декабри соли 1991 дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагидории маҳаллӣ пайдо гардид [3,14]. Мувофиқи Қонуни мазкур ва тағйиру иловаҳои Конститутсияи соли 1978 худидоракунии маҳаллӣ хислати конститутсионӣ пайдо кард [4,14]. Муқаррар карда шуд, ки низоми худидоракуниии маҳаллӣ ва нақши он дар рушди деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Совети маҳаллии вакилони халқ, мақомоти марзии худидоракунии ҷамъиятӣ, раъйпурсии маҳаллӣ, маҷлисҳои шаҳрвандон ва дигар шаклҳои демократияи бевоситаро дарбар мегирад.

Худидоракунии маҳаллӣ дар қаламрави якчанд деҳот ва ё воҳидҳои марзию маъмурии ҶТ дар асоси се сатҳ амалӣ карда мешуданд, ки асоси марзии онро:

- Совети шаҳрак,
- қишлоқ,
- ноҳия, шаҳр,
- ноҳия дар шаҳр, вилоят ташкил мекарданд. Зинаи асосии худидоракунии маҳаллӣ Совети маҳаллии вакилони халқ, ҳамчун мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб мерафт.

Худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз нисбатан нав будан ва ҳанӯз кам будани таҷрибаи кори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот устувор гашта истодааст. Ва ин бесабаб нест, зеро ки ин таҷриба ба мардуми ҷумҳурӣ шинос буда, решаҳои он ба шӯрои мӯйсафедон, комитетҳои маҳаллӣ, маҷлиси аҳолӣ дар ҷойи истиқомат ва ѓайра пайвандӣ дорад.

Азбаски бо дарки моҳият ва татбиқи қонунҳо дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ҳанӯз дар ҷумҳурӣ мушкилие ба назар мерасад, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 асоси ҳуқуқии ташкилёбӣ, фаъолият ва низоми худидоракунии маҳаллӣ хеле маҳдуд гардид. Дар моддаи 78 муқаррар карда шуд, ки мақоми худидоракунии шаҳраку деҳа Ҷамоат аст. Дар раъйпурсии конститутсионии соли 2003 ба ин меъёр илова карда шуд, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд [5,2003].

Ин меъёр асоси қабули қонуни ҶТ "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" аз 1 декабри соли 1994 гардид. Қонуни мазкур мафҳуми худидоракунии маҳаллиро ҳамчун низоми ташкили фаъолияти аҳолӣ барои мустақилона ва таҳти масъулияти худ мустақиман ё ба воситаи мақомоти интихобкардаи худ дар асоси қонунҳои ҶТ ҳаллу фасл намудани масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ муайян кард. Сатҳи худидоракунии маҳаллӣ дар ҳудуди шаҳраку деҳа муайян кард шуд. Мувофиқи қонуни мазкур мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва нақши он дар рушди деҳот масъалаҳоеро, ки ба салоҳияти онҳо дахл доранд мустақиман ва ё ба воситаи намояндагони худ ҳаллу фасл менамоянд. Дар зери партави Қонуни мазкур мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳа Ҷамоат ташкил ёфта, малакаи муайяни худидоракунии пайдо карданд, дар фаъолияти худ онҳо баъзе нуқсонҳое, ки ба пешравии кор мусоидат намекарданд, ошкор карданд.

Бо мақсади мукаммал намудани қонунгузорӣ ва бартараф кардани нуқсонҳои қонуни пешина 5 августи соли 2009 Қонуни нави ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» қабул карда шуд, ки дар устувор гардидани ѓояи худидоракунии маҳаллӣ давраи нав гуфтан мумкин аст. Зеро ки мувофиқи он ба масъалаҳои ташкил, салоҳият ва фаъолияти Ҷамоат чанде таѓйироти ҷиддӣ дохил карда шуданд.

Мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот, мувофиқан, Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳа мебошад. Онҳо шахси ҳуқуқӣ буда, аз рӯйи усули ҳудудӣ ташкил меёбанд ва фаъолияти

онҳо дар рушди деҳот мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мақомоти давлатӣ сурат мегирад. Ҳуқуқи иштирок дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба шаҳрвандони ҶТ, ки синнашон ба 18 расидааст ва дар марзи шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд, дода шудааст.

Дар айни замон, идоракунӣ дар сатҳи маҳал ва иштироки шаҳрвандон дар интихоботи шаҳрак ва деҳот масъалаи муҳим мебошад. Дар асоси мазмун, он интихоботҳои вакилони интихобшуда, аъзои дигар мақомоти интихобии худидоракунии маҳаллӣ ва мансабдорони онҳо мебошад. Аммо ин танҳо рӯйхати интихоботҳои мақомоти интихоби мебошад, ки дар Федератсияи Русия гузаронида мешавад. Барои фаҳмидани мафҳуми интихоботҳои маҳаллӣ, барои ошкор кардани ин мафҳум, ба тавсифи асли худ бояд кӯшиш карда шавад. Ба андешаи мо, муҳимияти асосии фаҳмидани моҳияти интихобот ҳадафи он мебошад.

Интихоботи шаҳрдорӣ масъалаи мустақими иродаи шаҳрвандӣ мебошад, ки мувофиқи талаботе, ки қонунҳои федералӣ, қонунҳои субъектҳои Федератсияи Русия, оинномаҳои шаҳрӣ муайян кардаанд ва ба муайян кардани намояндагони аҳолии шаҳру навоҳии дахлдор, ки ба таври инфиродӣ ё аъзои як кумита аз номи аҳолӣ, масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ, инчунин дигар мақомоти иҷроияи маҳаллиро муқаррар менамояд. [1,448].

Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои зерини фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро муқаррар кард:

- қонуният ва адолати иҷтимоӣ;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- демократия, ошкорбаёнӣ ва ба эътибор гирифтани афкори омма; мустақилият, худидоракунӣ ва масъулият дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта;
- ҳисоботдиҳанда будан дар назди аҳолӣ;
- иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ; мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ;
- дастҷамъӣ будани фаъолияти Ҷамоат[7,2009]. Бояд қайд кард, ки татбиқи амалии ин усулҳо ба устувор гардидани робитаи Ҷамоат бо аҳолӣ, сазовор гаштан ба боварии аҳолӣ ва ривоҷ ёфтани иштироки онҳо дар амалӣ намудани вазифаҳои худидоракунии маҳаллӣ мусоидат менамоянд.

Баробари ин яке аз нуқсонҳои усулии Қонуни мазкур дар он аст, ки ҳуқуқи иштирок дар ташкил ва фаъолияти Ҷамоат фақат ба шаҳрвандони Тоҷикистон дода шудааст. Ин меъёр, моҳиятан хилофи таъйиноти асосии падидаи худидоракунии маҳаллӣ мебошад, ки қонун онро эълон доштааст. Зеро ки дар он муқаррар карда шудааст, ки «худидоракунии шаҳрак ва деҳот-фаъолияти аҳолии шаҳрак ва деҳот мебошад», ба салоҳияти Ҷамоат ҳалли «масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ-масъалаҳои ҳамарӯзаи аҳолии шаҳрак ва деҳот» гузошта шудааст, яке аз усулҳои фаъолияти Ҷамоат бошад «ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» дониста шудааст [8,2009]. Ин меъёрҳо дар

ташкилу фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ иштироки «аҳолӣ» ва «инсон»-ро дар назар доранд. Зеро ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ин мафҳумҳо шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷӣ ва ҳам шахсони шаҳрванди надоштаро, ки дар марзи шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд, дарбар мегиранд. Онҳо низ барои ҳалли дурусти масъалаҳои ҳаёти маҳал манфиатдор мебошанд. Пас чаро қонун шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони шаҳрвандинадошта, ки дар марзи шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд, аз ҳуқуқи иштирок дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва нақши онро дар рушди деҳот маҳрум кардааст, норавшан аст.

Дар давлати демократӣ ташкил ва амалӣ шудани ҳокимияти давлатӣ ба усули тақсимоти ҳокимияти давлатӣ асос меёбад, ки он бо усули худидоракунии маҳаллӣ ҳамҷоя мебошад [6,488].

Дар таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам кайҳост, ки ин масъала аз байн бардошта шудааст ва иштироки ин шахсон дар ҳаёти маҳалл на ин ки дастгирӣ меёбад, балки ҳавасманд гардонида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши мақомоти худидораи маҳаллӣ дар рушди деҳот хеле баланд мебошад.

Бояд хотиррасон кард, ки сатҳи баланди кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд тақозои такмили қонунгузории ҶТ дар бораи худидоракунии маҳаллӣ, дар рушди деҳот инчунин таҳқиқоти илмии мушкилоти дар ин самтбударо ба миён мегузорад. Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар пешниҳод намуданд, ки солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шавад [9].

Муҳтавои асосии пешниҳоди Сарвари давлат низ аз он иборат мебошад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии сатҳи деҳот тавваҷуҳ ва нерӯи бештар равона созанд. Чунки, амалишавии бештари ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон дар сатҳи маҳал бевосита ба корҳои ташкилии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот низ зич алоқаманд мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки иштироки фаъоли аҳолии маҳал дар ташкили фаъолияти худидоракунии маҳаллӣ дар самаранок амалишавии сиёсати ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд.

**Адабиёт**

1.Избирательное право и избирательный процесс в Российской Федерации.Под ред. А. В. Иванченко. М.: НОРМА, 1999, с. 816.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016)

3.Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1978. (Боби 14. https://tg.wikipedia)

4. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. - М.: ЮРИСТЪ, 2000. - С. 592.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз 5 августи 2009, таҳти № 549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503.

6.http://mihdasht.tj/dar-payomi-peshvoi-millat-solhoi-2019-2021-solhoi-rushdi-dehot-sajyohy-va-hunarhoi-mardumy-elon-karda-shudand

**Раҷабов М.А.,**
муаллими кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:(+992) 988 84 49 99.

# ТАШАККУЛЁБИИ СИСТЕМАИ ТАЪМИНИ КАДРҲО ҲАМЧУН УНСУРИ СИЁСАТИ КАДРӢ

**Аннотатсия**

*Муаллиф дар мақола овардааст, ки системаи муосири идоракунии кадрҳо дар якҷоягӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар давраҳои душвори таҳаввулотро аз сар гузаронидааст. Ташкили таълими иқтисодии идоракунӣ қисми муҳими фаъолияти муассиса буда, мақсади асосии он аз ҷиҳати иқтисодӣ пурра тайёр намудани роҳбарон дар ҳолатҳои гуногуни фаъолияти идоракунӣ мебошад. Зарурати чунин таълим дар он аст, ки натоиҷи ниҳоии ангезавии ташкили фаъолияти роҳбарӣ бевосита аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ баҳо дода мешавад. Бинобар ин, роҳбари касбиро зарур аст, ки ба равандҳои инкишофи иқтисодӣ самтгирӣ карда тавонад ва роҳҳои стратегии рушди иқтисоди корхонаро муайян созад. Бинобар ин, таълими иқтисодиро ҳамчун тарбияи маънавии роҳбарӣ ва самтгирии роҳбар ба натиҷаи самарабахши рушди иқтисодию маърифатӣ бояд шинохт.*

**Вожаҳои калидӣ:** менеҷмент, роҳбар, иқтисод, стратегия, меҳнат, ангеза, инноватсия, сиёсат, музди меҳнат

**Аннотация**

**Формирование системы обеспечения кадров как элемент кадровой политики**

*Автор в статье констатирует, что нынешняя система управления кадрами вместе с другими отраслями экономики страны пережила трудные периоды преобразования. Налаживание экономического обучения управления является важным элементом деятельности учреждения, главной целью которого является всесторонняя подготовка руководителей в разных ситуациях управленческой деятельности. Необходимость такового обучения заключается в том, чтобы конечные мотивационные результаты управленческой деятельности оценивались по экономическим показателям.*

*Поэтому, профессиональному руководителю необходимо умение ориентироваться на тех направлениях, которые определяют стратегические пути экономического развития предприятия.*

**Ключевые слова**: менеджмент, руководитель, стратегия, труд, мотивация, инновация, политика, заработная плата

**Annotation**

**Formation of personnel provision system as the element of manpower policy**

*The author states in the article that the current personnel management system, together with other sectors of the country's economy, has experienced difficult periods of transformation. The establishment of economic educating of management is an important element of the institution's*

*activities, the main goal of which is the overall preparation of managers in various management situations. The need for such education is to ensure that the final motivational results of management activity are evaluated by economic indicators.*

*Therefore, the professional leader needs the ability to focus on those areas that determine the strategic paths of economic development of the enterprise.*

**Keywords:** management, manager, economy, strategy, labor, motivation, innovation, policy, salary

Таълими иқтисодии роҳарӣ бояд хислати бефосилагиро дошта, пайвастагии омилҳо ва мураккабии ҳолатҳо вобаста аз зинаи идоравӣ муайян карда шаванд, чунки фаҳмиши инсонӣ вобаста аз ин худро тайёр карда, майнаро ба дарки дурусти иқтисодӣ равона месозад ва бо мақсади мушаххас ба фаъолият оѓоз менамояд. Пас, мақсад ва манфиатҳои субъекти идоравӣ ҳамчун омилҳои ташаккулдиҳандаи рафтори роҳбарӣ бароман менамоянд. Мавҷудияти алоқамандӣ ва пайвастагии бевоситаи ин гуфтаҳо нақшаи тарбияи иқтисодиро ташкил дода, доимо навшавӣ ва роҳбариро талаб менамояд. Зарурати тарбияи иқтисодии роҳбарони идоракунандаи низ дар ҳамон аст, ки сарчашмаҳои ҳавасмандии дохилии кормандони ҷавонро пайдо кунад ва онро боло бароварда, фаъол гардонад. Дар ин раванд иқтидори асосӣ ва қувваи ҳаракатдиҳанда мақсади ҳаётии ҳар як корманд, коллектив ва ҷомеа мебошад.

Ба инобат гирифтани ин омилҳо, онро нишон медиҳад, ки идоракунии кадрҳо ин худ унсури муҳими ташкилот буда, бо одамон ва муносибатҳои онҳо дар ташкилотҳо иртибот дорад. Дар он сурат мумкин аст, ки идоракунии захираҳои инсонӣ имрӯзҳо бояд ба дастовардҳои самаранокии меҳнатии ташкилот, самаранокии шуѓли худи коргарон, ташаккулёбӣ дар сатҳи баланди касбӣ ва уҳдабароии онҳо дар натиҷаи фаъолияти меҳнатии онҳо қабул карда шавад.

Системаи муосири идоракунии кадрҳо ҳамеша бо коркард ва сиёсати мавҷуда, интихоб, ҷобаҷогузории захираҳои инсонӣ, мутобиқшавии онҳо, омӯзонидан ва тайёр намудани кадрҳо, методҳои ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ, шароити меҳнат, ҳаллу фасли муноқишаҳои меҳнатӣ ва роҳҳои аз байн бурдани он ва ѓайра алоқаманд аст.

Олимон ва мутахассисони бахши менеҷмент пайваста таъкид бар он доранд, ки ѓамхорӣ дар бахши тарбияи рушди инсонӣ ба ташаккули талаботи менеҷмент равона гардида, зарууртарин фаъолияти инсонӣ мебошад, чунки аксари талаботи тарбиявии фардӣ, оилавӣ, қабилавӣ, гурӯҳӣ ва ҷомеа ба мақсади таъмини талаботи рушд буда, бо мақсади менеҷмент мувофиқат менамояд. Пас, муайян кардани зинаи зарурии талабот барои ҳар як фард ва менеҷмент самтгирии корҳои таълимии иқтисодӣ дар менеҷмент буда, имкони расидан ба онро мавҷудияти захираҳои иқтисодӣ, ҳунари коркард, мақсаднокӣ ва тарзи истифодаи онҳо муайян месозад.

Стратегияи таълими иқтисодии ҷузъии роҳбарӣ, бояд равандҳои зеринро дар бар гиранд:

1.Нигоҳдорӣ ва таъмини талаботи иқтисодии фардӣ, оилавӣ ва фарзандон. Мувофиқи талаботи ин раванд ҳар як корманд оид талаботи иқтисодии хеш андеша карда, онро ҳамчун сарчашмаи инкишофи фардӣ, яъне нигоҳдории ҳолати хуби саломатӣ интихоби шароити ҷойи хуби зиндагии доимӣ, такмили ихтисосу азхудкунии

технологияи навин ва барои қонеъ гардонидани дигар талаботи маънавии рушди инсонӣ арзёбӣ менамояд. Инчунин, муҳайё кардани шароити хуби зиндагӣ барои зану фарзандон ва аҳоли оила, аз шартҳои муҳими ин раванд маҳсуб мегардад.

2.Самтгирӣ ба сарватмандшавии иқтисодӣ дар шакли пулию молӣ, моддию моликиятдорӣ ва руҳию маънавӣ мебошад. Дар ин раванди тарбияи иқтисодии корманд бояд зарурати сарватмандшавиро бо роҳи меҳнати пурсамар ва имкони ба даст овардани зиндагонии хуб масъалагузорӣ намуд.

3.Раванди навини тарбияи иқтисодӣ. Ин талабот нисбат ба талаботи дигари фардӣ болотар меистад ва тавассути захираҳои иқтисодӣ ва бо истифода аз санъати баланди роҳбарӣ метавон коре кард, ки коргар ба он ноил гардад. Ин зинаро ҳамчун зинаи аввали боздеҳи баланди тарбияи иқтисодӣ муаррифӣ намудан мумкин аст.

Барномаҳои ҷадид дар хусуси ташаккулёбии системаи таъмини кадрҳо дар шароити имрӯза ба он равона карда шудааст, ки он бояд коргарони дорои истеъдоди баланди касбӣ, фаъолияти мақсаднок дар иҷрои вазифаи дар назди худ гузошташуда ва дар пешрафти иқтисодиёт саҳмгузорбударо тарбия намояд.

Самаранокии системаи таъмини кадрҳо дар он ҳолат дида мешавад, ки барои ҳавасмандӣ, ҳосилнокии баланди меҳнат ва ҳавасмандии меҳнат шароит муҳайё карда шавад. Инчунин он ба роҳбар имконият медиҳад, ки маълумоти заруриро дар бораи коргарон дастрас намояд.

Вобаста ба суръати баланди инкишофи техникӣ ва технологӣ талаботи тарбияи иқтисодии роҳбарӣ низ дигаргун шуда, аз ҳар як корманд донишу фаҳмиши навинро талаб менамояд. Кормандоне, ки ба ин талаботи имрӯза ҷавоб гуфта наметавонад, бояд майдони менеҷментро холӣ карда, ба дигар вазифа ва ё фаъолият гузарад, бо дониши кӯҳнашудаи худ набояд садди роҳи инкишофи ҷавонон ва умуман, инкишофи иқтисодии менеҷмент гардад.

Омилҳои муҳими тарбиявие, ки фаъолнокии иқтисодии кормандонро метезонад, барои кормандони синну соли гуногун фарқ мекунанд.

Ин омилҳо метавонанд шаклҳои зеринро гиранд:

1. Дар мисоли дастовардҳои дигарон нишон додани натоиҷи мақсадгузориҳои иқтисодӣ ва вогузор кардани вазифаҳою уҳдадориҳои фардӣ ба кормандони ҷавон.

2. Таъйин намудани мураббии муътамад ва ҳунарманди варзида барои иҷрои вазифаҳо ва мақсадҳои гузошташудаи инкишофи иқтисодию иҷтимоӣ бо кафолати мураббӣ.

3. Бартараф намудани хатари нокомӣ дар расидан ба мақсад ва пурзӯр сохтани талабот оид ба паси сар кардани монеаҳо ва қувваҳои бадхоҳи корхона.

4. Ташкили фаъолияти бартариятноки ҷавонони лаёқатманд ва таъмини мақсаднокии стратегии лоиҳаҳо ва қарорҳои менеҷмент.

5. Эътироф ва дастгирӣ намудани дастовардҳои муттахассисони ҷавон, қадршиносии меҳнати иноватсионии онҳо ва кордонию эҷодкорӣ дар фаъолияти менеҷмент.

Истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатии ташкилот дар асоси барномаҳои илман таҳқиқшуда, ки барои ташаккули системаи таъмини кадрҳо равона карда шудааст, ба роҳ монда мешавад.

Системаи таъмини кадрҳо бояд фарогири тавсифи илмӣ-таҳқиқотӣ бошад, на аз рӯйи хоҳиш ва таҷрибаи кӯҳнашудаи роҳбар амал намояд. Дар ин ҷо боз ҳамон ҷадвали стратегии рафтори роҳбарӣ истифода карда мешавад, ки барои ҷалби фаъолият ва пурра боло бурдани қобилиятҳои баланди зеҳнӣ, дар аксар маврид, манфиатҳои фардии ин кормандонро аз манфиатҳои менеҷмент болотар гузошта, минбаъд замони пурра амалӣ гаштани лоиҳа ва кашфиётҳо самараи онро метавон интизор шуд. Бинобар ин, менеҷментро зарур аст, ки дар ин ҷо низ нигоҳи дурбинонаи маънавӣ дошта, оияндабинии стратегии корхонаро таъмин намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи омилҳо ва равандҳои дар боло зикргардидаи тарбияи роҳбарӣ ба рафтори иқтисодии коллективи корхона вобаста буда, як муҳити фарҳангии иқтисодиро пайдо месозад, ки кормандон ба он одат карда, кору фаъолият менамоянд. Агар дар ҳақиқат ин раванд дар асоси талаботи дар боло гуфташуда ба роҳ монда шаванд, пас инкишофро ноил гардида, ҳавасмандии кормандон ва умеду орзуи ояндаи онҳоро муҳайё карда, самаранокии кори менеҷмент таъмин хоҳад гардид.

Дар шароити кунунӣ дараҷаи мустақилият ва муҳим будани ташкилотҳо хеле боло рафтааст. Вазифаи танзими бозори қувваи корӣ, вобаста аз конюктураи талабот ва пешниҳодот, ин ҳавасмандгардонии тақсимот ва азнавтақсимкунии оқилонаи аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, шуғл дар хоҷагиҳои шахсии хонагӣ, фаъолияти мустақилона ва шуғли кироя дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад.

Мувофиқи пажӯҳишҳои илмӣ дар давраи гузариш музди меҳнати коргарон меафзояд, аммо шумораи машғулбудагон коҳиш меёбад. Байни шахсоне, ки хоҳиши меҳнат кардан доранд, рақобатнокӣ пурзӯр мешавад. Мушкилии асосии бозори меҳнат дар он аст, ки доштани касби бонуфуз бо имконияти ёфтани ҷойи корӣ вобаста нест. Аз ин лиҳоз, тайёркунии кадрҳоро мебояд бо дарназардошти бозори меҳнат равона кард.

Таҷрибаи истеҳсолоти давлатҳои тараққикарда шаҳодат медиҳат, ки барои ҷорӣ кардани технологияи замонавӣ ва худкорсозии раванди истеҳсолот, ҳаҷми фаҳмиши иловагӣ, ки ба ҳар як коргар дар ҷараёни бозомӯзии касбӣ дар мактабҳои олӣ ва марказҳои таълимӣ дастрас шудааст, бисёр зарур мебошад. Ин усул барои омодасозии кадрҳои баландихтисос ҳамчун проблема дониста мешавад.

Ба ақидаи мутахасисони ғарбӣ донише, ки дар мактабҳои олӣ ва марказҳои таълимӣ гирифта мешавад, танҳо барои 3-5 соли корӣ басанда буда, баъд аз он корманд бояд ҳатман аз курси такмили ихтисос гузарад. Хароҷоти корхонаҳои амрикоӣ барои такмили ихтисос аз 1 то 5 ҳиссаи фоидаи ба даст омадаро ташкил медиҳад [1]. Хусусан, барои муҳандисон ин раванд ҳатмӣ мебошад. Масалан, дар донишкадаҳои Англия дараҷаи якуми илмӣ – бакалаври илми техника – баъди се сол дода мешавад, дар донишкадаи техникӣ бошад, баъди чор сол дода мешавад. Лекин дипломи инжинерҳо баъди гузаштан аз курси омӯзиши таҷрибавӣ бо розигии роҳбари илмӣ, ки ӯ узви иттиҳодияи касбӣ мебошад, дода мешавад [2].

Дар ШМА ҳар як роҳбар дар тӯли фаъолияти меҳнатии худ 2 - 3 маротиба аз курси бозомӯзии касбӣ мегузарад. Роҳбарияти корхона талаб менамоянд, ки ҳар як роҳбар дар як сол на камтар аз 40 соат бояд дар машғулиятҳои курсҳои такмили ихтисос омӯзиш дошта бошанд. Дар коллеҷҳо ва донишгоҳҳо барои донишандӯзӣ бештар донишҳои назарявӣ аз худ карда мешавад, ки он 25 % барномаи таълимиро ташкил медиҳад.

Таҳлилгарони хориҷӣ чунин мешуморанд, ки қобилияти мутобиқшавӣ ба талаботи нав – дуюмин омили муҳими сифат баъд аз ташкили фаъолият ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи омӯзиш роҳбарон дар хусуси ояндабинӣ, созмондиҳӣ, навовариҳо ва дигар корҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ба машқу тамрин машғул мешаванд ва дар охир имтиҳон месупоранд.

Яке аз омилҳои асосии рушд ва пешрафти муассиса дар шароити худкорсозии истеҳсолот – ин фаъол намудани эҷодкории амалиёти коргарон ба шумор меравад. «Барои баъзе роҳбарон фаъолсозии эҷодкорӣ ҳолатҳои ногуворро мумкин аст ба вуҷуд оварда, яъне дар оянда боиси аз даст додани обрӯ ва вазифааш гардад. Бинобар ин, роҳбарон баъзан садди роҳи инкишофи эҷодкории коргарон мегарданд»[3]. Ҳамин ҳолат дар ҷумҳурии мо бештар ба назар мерасад, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ ки яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ ба шумор меравад, мувофиқи мақсад мебуд, агар аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ нозирон таъйин гардида, ин гуна ҳолатҳоро бартараф намуда, он шахсиятеро, ки ҳамеша ба эҷодкорӣ ва такмили соҳа машғуланд, ҳамчун роҳбар пешбарӣ намоянд.

Сиёсати кадрии имрӯза бояд ба самаранокии қувваи корӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат бо роҳи муҳайё намудани шароити мусоиди меҳнатӣ, беҳшавии муносибатҳо дар муассиса дар байни субектони он ба роҳ монда шавад.

Як қатор усули муҳими моҳияти сиёсати кадрӣ вуҷуд дорад:

- Идоракунии озоди демократӣ;
- Дониш ва маҳорати алоҳидаи ҳар як одам ва талаботи ӯ;
- Нигоҳдории адолати баробари ҳамагонӣ ва пайдарпайии ҳаракат дар ҳайати кормандон.

Ҳолати ибтидоии сиёсат дар сатҳи идоракунии ҳайати кормандон чунин мебошад:

- Сиёсати таъмини кадрҳо – таъмини самаранокии ҳайат ва водор кардани онҳо ба самаранокии баланди меҳнат;
- Сиёсати таълим – таъмини кормандон бо донишҳои мустаҳками мувофиқ, барои он, ки коргарон дониши худро пурра истифода намоянд;
- Сиёсати музди меҳнат – пардохтани музди меҳнати баланд, нисбат ба дигар ташкилотҳо, қобилиятҳои муайяншаванда, таҷриба ва ҷиддият дар фаъолияти меҳнатӣ;
- Сиёсати муносибатҳои истеҳсолӣ – муайян намудани раванди лозим барои қарори одии меҳнатӣ;
- Сиёсати молиявӣ – таъмини хизматрасонӣ ва имтиёзҳо, дар шароити беҳтар нисбат ба дигар кордиҳандагон.

Ҳар кадоми инҳо чунин шароитро талаб менамоянд:

- Таъминот(таҳлили ҷойи кор, банақшагирии захираҳо, ва ғайра.);
- Омӯзиш (озмоиши коргарони нав, таҷрибаомӯзӣ, инкишоф ва ғайра.);
- Музди меҳнат;
- Муносибатҳои меҳнатӣ (услуби идоракунӣ, ташаккули фарҳангии ташкилот ва ғайра.);
- молиявӣ (нафақа, мусоидат, ёрдампулиҳо ва ғайра).

**Адабиёт:**

1. Maccobv M. The corporate climber has to find his heart // Fortune. 1996. №6. P. 99.

2. Дункан Дж. Основополагающие идеи в менеджменте / Пер. с англ. М.: Дело, 1996. С. 34.

3. Иванцевич Д. М., Лобанов А. А. Человеческие ресурсы управления: Основы управления персоналом. М.: Дело, 1993. С. 52.

**Мавлоназаров С.С.,**
мудири кафедраи технологияи итттилоотӣ ва илмҳои табиатшиносии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: (+992)2248393

# ҶАЛБИ САЙЁҲОН ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ИҚТИСОДИ КИШВАР

**Аннотатсия**

*Муаллиф дар мақола оид ба рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон , ки яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди кишвар ба шумор меравад, маълумот додааст. Тоҷикистон дорои ёдгориҳои ҷолиб ва мероси ғании таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар аз имкониятҳои воқеӣ бархӯрдор мебошад.*

**Вожаҳои калидӣ:** сайёҳӣ, ёдгории таърихию фарҳангӣ, иттилоот, шабака, интернет, технология

**Аннотация**

**Привлечение туристов - важный фактор экономического развития страны**

*В статье рассматриваются вопросы развитие туризма в Таджикистане, который является одним из важных факторов экономического развития страны. Таджикистан обладает богатым историческим и культурным наследием и природными ресурсами и имеет реальный потенциал для привлечения в страну большого количества иностранных туристов.*

**Ключевые слова:** туризм, памятники истории и культуры, информация, сеть, интернет, технология

**Annotation**

**Attracting tourists is an important factor in the economic development of the country**

*An article in the article on Tourism Development in Tajikistan, which is one of the sectors of economic development of the country is reported. Tajikistan has rich historical and cultural heritage and natural resources and has a real potential for the attraction of many foreign tourists to the country.*

**Key Words**: Tourism, history and culture, information, network, internet, technology.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир ба шумор рафта, дар баъзе кишварҳои ҷаҳон, ба монанди Фаронса, Испания, Австрия, Кипр, Малайзия, Туркия, Чин ба яке аз манбаҳои асосии даромад дар иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст.

Боиси хушист, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат, бо дарназардошти мавҷуд будани иқтидори бузурги соҳаи сайёҳӣ барои рушди он дар кишвар зина ба зина корҳои созандагию бунёдкориро амалӣ менамоянд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 декабри соли 2017) соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва (2 январи соли 2019) солҳои 2019-2021«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, ки ин далели равшани таваҷҷуҳ ва ғамхории доимии роҳбарияти олии мамлакат нисбат ба ин соҳаи барои иқтисодиёти кишвар ҳаётан муҳим ба ҳисоб меравад.

Сайёҳӣ дар Тоҷикистон — яке аз соҳаҳои иқтисоди кишвар мебошад, ки тайи солҳои охир босуръат дар ҳоли рушд мебошад. Тоҷикистон дорои ёдгориҳои ҷолиб ва мероси ғании таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар аз иқтидори воқеӣ бархӯрдор мебошад.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар эълон намудааст.

Воқеан, агар аз як тараф, барои рушди соҳаи сайёҳӣ, захира ва имкониятҳои сайёҳӣ, шароити инфрасохторӣ зарур бошад, аз сӯйи дигар, нақши калидиро дар ин самт захираи инсонӣ, яъне неруи зеҳнӣ дар шакли фарҳанги сайёҳӣ ифо менамояд.

Тоҷикистон сарзамини мардуми соҳибмаърифату меҳмоннавоз ва кишвари меваҳои шаҳдбор буда, аз нигоҳи иқлим, обу ҳаво, манзараҳои дилписанди табиат, кӯҳҳои осмонбӯс, пиряххои азим, обҳои шифобахш, кӯлҳо ва чашмаҳои оби мусаффо, олами ҳайвоноту наботот ва урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ дар олам беҳамто ва беҳтарин макони сайру саёҳат мебошад**.**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бо мақсади пайдо кардани роҳҳои рушди бахши сайёҳӣ, барои ҷалб намудани сармоягузориҳо ба ин бахши муҳими иқтисодиёт давлат, аввалан самтҳои афзалиятноки онро муайян карда, ба он имтиёзҳо ҷудо менамояд. Зеро дар марҳилаи аввал, давлат бахши хусусиро барои сармоягузорӣ ҳавасманд намуда, барои обод намудани мавзеъҳои сайёҳӣ заминаҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Дар Тоҷикистон заминаҳои қонунгузорӣ дар самти танзими муносибатҳо ва фароҳам овардани шароити инкишофи сайёҳӣ рӯз ба рӯз такмил ва рушд меёбад. Аз ҷумла, дар самти иҷтимоию иқтисодӣ, ки соҳаи сайёҳиро низ дар бар мегирад, солҳои охир имтиёзҳо ва ҳавасмандиҳои зиёд роҳандозӣ шудаанд. Чунончи, бо мақсади рушди сайёҳӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ташаккул ёфта, тадбирҳои зерини дар шароити рушди давлат муҳим андешида шудаанд:

1. Аз пардохтҳои андоз ва боҷи гумрукӣ озод гардидани воридоти таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ барои иншооти сайёҳӣ;

2. Аз пардохти андоз аз фоида озод гардидани ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолият;

3. Ташаккул ёфтани низоми содакардашудаи раводид (шабакаи ягонаи электронӣ) барои шаҳрвандони 80 давлати ҷаҳон;

4. Муқаррар гардидани беш аз 10 имтиёзи дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ».

Дар ин росто, бо дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла тавассути пешниҳоди имтиёзҳои назарраси андозию гумрукӣ, солҳои охир фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон рушд мекунад ва умед аст, ки дар ояндаи наздик ба иқтисоди миллӣ таъсири муфиду муассир хоҳад расонид.

Дар баробари ин, бо мақсади ҷалби аҳолӣ ба истеҳсоли молҳои мавриди ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, аз ҳамаи намудҳои андоз озод намудани истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ, боиси такони нав бахшидан ба рушди ҳунарҳои мардумӣ, эҳё гаштани ҳунарҳои азбайнрафта ва ҳарчи зиёдтар баровардани маҳсулоти ҳунарҳои дастӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мегардад

Дар Тоҷикистон зиёда аз 200 чашма ва манбаъҳои обҳои табобатӣ мавҷуд аст, ки дар назди онҳо истироҳатгоҳҳо бунёд гардида, ин намуди саёҳат инкишоф ёфтааст. Машҳуртарини онҳо истироҳатгоҳҳои «Хоҷа Обигарм», «Шоҳамбарӣ», «Обигарм», «Зумрад», «Ҳавотоғ» мебошанд. Дар чашмаҳои гарми шифобахши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди «Гармчашма», «Башор», «Авҷ», «Шоҳдара», «Зайрон» таҳшинҳои оҳакӣ ва намакин ба вуҷуд меоянд. Шифобахштарини онҳо, махсусан дар истироҳатгоҳи «Гармчашма» ба назар мерасанд, ки он 35 км дуртар аз шаҳри Хоруғ воқеъ мебошад.

Тоҷикистон-сарзамини қуллаҳои осмонбӯс, пиряххои бузург, дарёҳои хурӯшону сероб, кӯлҳои дорои оби ширин ва оби шӯри дар ҷаҳон беназир, олами ҳайвоноту набототи нодир мебошад. Асосан, кӯҳҳои зинадор ва манзараҳои табиати зебои Тоҷикистонро инъикос мекунанд. Дар ҷумҳурӣ дар муддати якуним соат метавон аз водии гармсери Вахш ба минтақаи арктикии пурбарфи Помир бо ҳавопаймо парвоз кард. 13 парваришгоҳ ва мамнуъгоҳҳои мавҷудаи давлатии Бешаи палангон, Ромит, Зоркўл, Мозкўл, Даштиҷум, боғи табии таърихии Ширкент, Боғи ботаникии Помир ва Боғи миллии Тоҷикистон аз ҷиҳати экологӣ беҳамто мебошанд.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки ҳамчун воситаи аёнии муаррифи фарҳанг ва тамаддун арзёбӣ гардида, шавқу рағбат ва таваҷҷуҳи бевоситаи сайёҳонро ҷалб мекунад, ин молу маҳсулот ва маснуоти ҳунарҳои дастии ҳунармандону пешаварони маҳаллӣ мебошад, ки барои сайёҳии хориҷӣ ва дохилӣ барои савғотӣ, тухфа, руқъа, фитта ва ғайра пешниҳод мегарданд. Дар бисёр кишварҳои ба ин навъи кору истеҳсолот, аксаран дар маҳалҳо оилаҳои ҳунармандон машғул мегарданд, чунки маҳсулоти дастӣ бо дарназардошти сатҳу сифат аз маъруфияти хос бархӯрдор мебошад ва талаботи бозор низ ба истеҳсоли маҳсулоти мардумӣ зиёд аст. Зимнан, ҳавасмандӣ ва муқаррар намудани имтиёзҳо ба ин намуди фаъолият — рушди ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Пешвои миллат саривақтӣ ва бисёр муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар навбати худ он метавонад ба ташкил ёфтани

ҳазорҳо ҷойи нави корӣ ва ба ин восита беҳтар шудани имкониятҳои иҷтимоии иқтисодии оилаҳо сабаб гардад

Хулоса, Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ҷиҳати ҳамоҳангӣ ва рушди устувори сохторҳои ҷомеа, ҳамгироии хизматрасониҳо, ташаккули заминаҳою имкониятҳои нав ва муосири иқтисодӣ, иҷтимоии иқтисодӣ ва фарҳангии маънавӣ, ки иштирок ва саҳми ҳар як узви ҷомеаи Тоҷикистонро дар ин иқдом тақозо мекунад, фурсати бисёр муносиб мебошад.

Дар Кумитаи рушди сайёҳӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқ ва муаррифии бештари таъриху фарҳанги миллӣ, иқтидори сайёҳии кишвар ва пешниҳоди маълумоти гуногуни соҳавӣ маркази муосири иттилоотии сайёҳӣ таъсис ёфтааст. Он бо технологияи иттилоотии муосир ҷиҳозонида шуда, ба шабакаи Интернет пайваст мебошад.

Барои рушди сайёҳӣ, айни замон сохтмони меҳмонхонаҳо дар шаҳри Хоруғу ноҳияи Дарвоз хуб ба роҳ монда шуда, ҷолиб он аст, ки онҳо бо нақшу нигори миллӣ оро ёфтаанд. Ҳамчунин, дар ин самти бунёди ҳостелҳо дар ноҳияҳои Ховалинг, Лахш, Мурғоб ва Шамсиддини Шоҳин ҷараён доранд. Баҳри рушди сайёҳии шикорӣ бошад, дар ноҳияҳои Ховалинг ва Шамсиддини Шоҳин меҳмонхонаҳои замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Вилояти Хатлон ҳам ба мисли дигар минтақаҳои кишвар барои рушди сайёҳии экологӣ ва таърихию фарҳангӣ, хеле мувофиқ буда, махсусан, мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб, Қалъаи Ҳулбук дар ноҳияи Восеъ, мақбараи Хоҷа Машҳад ва мавзеи Чилучорчашма дар ноҳияи Шаҳритус, оромгоҳи Зайналобуддин дар ноҳияи Дӯстӣ, мазори Ҳазрати Султон дар ноҳияи Ховалинг, шаршараи Сари Хосор дар ноҳияи Балҷувон, Чилдухтарон дар ноҳияи Муъминобод, Тахти сангин дар Қубодиён ва даҳҳо дигар мавзеъҳо хеле диданӣ буда, таваҷҷуҳи шумораи зиёди сайёҳони дохилию хориҷиро ҷалб мекунанд.

Ҳамин тавр, ба ифодаи басо мувофиқу сазовори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар бисёр мавридҳо изҳор мекунанд, ки Тоҷикистон сарзамини биҳиштосо ва дорои табиати беҳамто мебошад. Бояд ин неъмати худододро барои беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии сокинони кишвар истифода намоем.

**Адабиёт:**

1. Комилиён Ф.С. Шарапов Д.С. Гадоев А.Ф. Технологияи иттилоотӣ дар сайёҳӣ /Душанбе-2018.

2. Р.Б. Баротов “Конҳои маъдани Тоҷикистон ва ҳифзи онҳо” / Душанбе – 2001, 156 саҳ.

3. Амиров Н.И., Ҷобиров Ш.А., Валиев З.Ҷ. “Механизми таъмини рушди сайёҳии Ҷум ҳурии Тоҷикистон (ҳолат, масоил ва роҳҳои ҳалли онҳо)”.// Паёми Донишгоҳи миллии Т оҷикистон, №2/2. Душанбе: “Сино” 2017, С. 64-67..

4. Қиёмиддин Миралиён, Агентии милиии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар»

**Ализода Б.П.,**
сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, 734003, Душанбе, кӯч.Саид Носир 33, тел: (+992 37) 228 91 51. E-mailb.p.alizoda63@mail.ru

# ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ВА ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР САРЗАМИНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ

**Аннотатсия**

*Дар мақола масъалаҳои таърихи пайдоиш ва ташаккули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар оғози давлатдории Тоҷикистони Шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, қайд гардидааст, ки идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии ин давраи Ҳукмати Шӯравӣ хусусиятҳои хоси худро дошт.*

*Муаллиф қайд намудааст, ки баъд аз гузаронидани тақсимоти миллию марзӣ ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1924, мақомоти идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ ташкил гардиданд. Пас аз ташкил ёфтани ҶШС мустақили Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1929, самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ такмил дода шуда, баъзеи онҳо аз нав таъсис дода шуданд ва бо баъзе ислоҳотҳо чунин тарзи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон то замони Истиқлол давом кард.*

**Вожаҳои калидӣ**: низоми идоракунӣ, мақомоти идоракунӣ, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, Ҳокимияти шӯравӣ, кумитаи инқилобӣ, комиссариат, назират, ҳукумат

**Аннотация**

**Формирование системы государственного управления и государственной службы на территории Таджикистана в эпоху Советской власти**

*В статье рассматривается история возникновения, становления государственного управления и государственной службы на начальном этапе Советской власти в Таджикистане, указывается, что государственное управление и государственная служба данного периода имеют свои особенности.*

*Автор подчеркивает, что в постреволюционный период на территории Центральной Азии государственное управление и государственная служба формировались на основе советского метода государственного управления. После проведения национально-территориального размеживания Средней Азии в октябре 1924 года, были созданы новые органы управления Таджикской АССР. После создания самостоятельной союзной Таджикской ССР в октябре 1929 года, были сформированы и реорганизованы, в основном,*

*все органы государственного управления, которые с некоторыми изменениями существовали до приобретения независимости Таджикистаном.*

***Ключевые слова:*** становление, формирование, государственное управление, государственная служба, органы управления, Советская власть, революционный комитет, комиссариаты, правительство

**Annotation**

**Formation of the system of public administration and civil service in the territory of Tajikistan during Soviet period**

*The article deals with the history of the establishment and formation of public administration and civil service in the initial stage of Soviet authority in Tajikistan, it is emphasized that the state administration and civil service of this period have their own features.*

*The author notes that that in the post-revolutionary period in Central Asia, public administration and civil service were formed on the basis of the Soviet method of public administration.*

*After the national-territorial demarcation of Central Asia in October 1924, new administrative bodies of the Tajik ASSR were established. After the formation of self-dependant Tajik SSR in October 1929, basically all the main government bodies were established and reorganized, which have existed with some changes before the independence of Tajikistan.*

**Key words:** establishment, formation, public administration, civil service, government bodies, the Soviet authority, the revolutionary committee, commissariats, Government.

Таърихи ташаккули идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар замони Шӯравӣ ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи Тоҷикистони навин мебошад. Хизмати давлатӣ-ин иштироки амалӣ ва касбии шаҳрвандон дар амалисозии мақсад ва вазифаҳои давлат ба воситаи иҷрои вазифаҳо ва салоҳияти касбӣ дар мақомоти мушаххаси давлатӣ мебошад.

Мақсади хизмати давлатӣ танзиму баланд бардоштани самаранокии равандҳои ташаккул ва амалишавии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ мебошад. Мафҳумҳои хизмати давлатӣ ва хизматчии давлатӣ барои Ҷумхурии Тоҷикистон нав нестанд, аммо дар шароити имрӯзаи давлатдориамон ин мафҳумҳо мазмуни нав гирифтаанд.

Дар кишварамон вобаста ба давраҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофи низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳқиқоти А.А.Қаххоров ба анҷом расонида шудааст, ки мутаассифона, то имрӯз нашр нагардидааст [5, 99]. Дар баробари ин,масъалаҳои марбут ба ташаккул ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осори олимони варзида Розиқзода А.Ш.[9] ва Назаров Н.Ҷ. [7] мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Ҳамчунин Абдулов А.М.оид ба масоили ташаккули низоми пенитенсиарии Тоҷикистони тоинқилобӣ таҳқиқот анҷом додаст[1], ки асосан ҷанбаҳои ҳуқуқии масъалаи мазкурро фаро гирифтааст.

Баъзе масъалаҳои ташаккули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар осори олимон Ф.Т.Тоҳиров [10, 2001] ва Буриев И.Б [2]таҳқиқ гардидаанд. Аммо таҳқиқоти анҷомдодашуда ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккули мақомоти давлатӣ дар Тоҷикистонро аз нигоҳи илми ҳуқуқ фаро гирифта, масъалаи мазкур аз нигоҳи таърих, ба таври умда мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст.

Агар ба таърихи низоми идоракунии давлатии Тоҷикистони навин назар кунем, ташкили шаклҳои нави ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҳанӯз дар нимаи дуюми асри XIX аз давраи забткориҳои Россия оғоз шуда буд ва дар вилоятҳои ишғолгардида тарзи идоракунии давлатӣ дар асоси низоми идории империяи Россия ва дар заминаи чанд низомномаи муваққатӣ ба роҳ монда шуда буд. Барои ташкили низоми идоракунии мукаммал ва мунтазам 12 июни соли 1886 «Низомнома дар бораи идораи кишвари Туркистон» қабул шуд, ки амали он то соли 1917 давом кард. Ин ҳуҷҷати расмӣ оид ба танзими низоми идоракунӣ буд. Тибқи Низомномаи мазкур барои идоракунии вилоятҳои забтгардидаи Осиёи Марказӣ тавре муаллифи китоби таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон қайд намудааст: «Дар назди Генерал-губернатор Шӯро таъсис дода шуда буд. Ба таркиби Шӯро Генерал-губернатор, амалдорони дастгоҳи ӯ, губернаторони вилоятҳо, ёрдамчии Генерал-губернатор, намояндаи Вазорати молия, прокурори палатаи судӣ, намояндаи раёсати кишоварзӣ ва дигаронро тибқи зарурат дохил мекарданд. Шӯро бо пешниҳоди Генерал-губернатор масоили гуногунро баррасӣ мекард. Шӯро, махсусан, масъалаи андозбандӣ ва ҳаҷми онро бояд баррасӣ менамуд. Ғайр аз Шӯро Генерал – губернатор амалдоронро барои назорату идораи масоили соҳаи молия, телеграф, моликияти давлатӣ таъйин менамуд. [2, 244-245].

Воқеан, баъд аз забткориҳои Россия ва ташкили воҳидҳои нави марзию маъмурӣ дар низоми идоракунии вилоятҳои забтгардидаи Осиёи Марказӣ тағйироти куллӣ ба амал омаданд.

Дар Аморати Бухоро бошад, ташкили сохтори нави идоракунии он 10 августи соли 1920 аз ташкили Кумитаи инқилобии умумибухороӣ бо роҳбарии Аҳмадҷон Абдусаидов (Аҳмадҷони Ҳамдӣ) ва Шӯрои Нозирони Халқӣ бо сардории Файзулло Хоҷаев оғоз шуда буд. Аммо ташкили мақомоти давлатии идоракунии давлатӣ дар Бухоро баъд аз табаддулоти 2 сентябри соли 1920 ва ташкили ҶХШ Бухоро амалӣ карда шуд ва бештар ба тартиби низоми идоракунии Шӯравӣ шабоҳат дошт.

Дар баробари барпо намудани Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистони шимолӣ (вилояти Суғди имрӯза), аз ҷумла, дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппа (Истаравшан) тамоми мақомоти судии пешина то моҳи июли соли 1918 барҳам дода шуданд. «Ба ҷои суди сулҳофаринии барҳамдодашудаи Ӯротеппа суди халқии маҳаллӣ таъсис шуда, машваратчиёни судӣ интихоб карда шуданд ва онҳоро шуъбаи адлияи вилояти Самарқанд тасдиқ кард» [4, 169].

Вобаста ба вазъи сиёсии Бухорои Шарқӣ, ки ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубии имрӯза ба ҳайати он дохил мешуданд, 22 январи соли 1922 Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ (КФД) дар ҳайати Раис, муовини Раис, котиби масъул ва 4 аъзои

комиссия барои идоракунии Бухорои Шарқӣ ташкил шуда буд. Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ салоҳиятҳои васеъ, аз ҷумла ҳуқуқи Суди олиро дошт. Комиссияи мазкур ҳуқуқи нашри декретҳою супоришҳои марбут ба бекор кардан, боз доштан ё тағйир додани Конститутсияи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии (ҶХШ) Бухоро, ҳамчунин қонунҳое, ки Кумитаи Иҷроияи Марказии Бухоро қабул карда буд, дошт. Комиссияи фавқуллодаи диктаторӣ ҳар мансабдори давлатиро бо салоҳдиди худ аз вазифа сабукдӯш мекард. Парвандаҳои ҷиноиро аз судҳо гирифта, барои муҳокима ба шуъбаи муваққатии трибунали ҳарбӣ месупорид [5,84].Чунин фаъолияти худсаронаи Комисияи фавқулодаи диктаторӣ (КФД) собит мекунад, ки дар оғози фаъолияти Ҳукумати Шӯравӣ то замони тақсимоти миллию марзии Осиёи Марказӣ идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар Бухорои Шарқӣ аз доираи қонун берун буд.

Дар айни замон бояд қайд кард, ки 23 ноябри соли 1923 барои таҳкими қонуният, таъмини назорат оид ба иҷрои ягонаи қонунҳо аз тарафи ҳамаи шаҳрвандон, ашхоси мансабдор ва мақомоти давлатӣ Прокуратураи Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) ташкил карда шуд. То ин давра дар ҶХШБ вазифаи назоратро мақомоти мухталиф то андозае иҷро мекарданд. Дар раъси прокуратура Прокурори давлатии ҶХШБ қарор дошт, ки дар айни замон ӯ муовини аввали нозири (вазири) халқии адлия ҳисоб мешуд ва аз тарафи Кумитаи Иҷроияи Марказӣ (КИМ)-и Бухоро таъйин карда мешуд.

Вобаста ба таъмини қонуният моҳи октябри соли 1924 суди минтақавӣ (ҳавзавӣ)-и Бухорои Шарқӣ бо 13 воҳиди басти корӣ ва прокуратураи Бухорои Шарқӣ бо 4 воҳиди басти корӣ таъсис дода шуданд, ки аввалин прокурори давлатии ҳавзавии Бухорои Шарқӣ Аҳмадҷон Юлдошев буд ва дар ин вазифа то моҳи феврали соли 1925 фаъолият кардааст [5,49]. Чунин сохтори низоми судӣ дар ноҳияҳои Марказӣ ва Ҷанубии Тоҷикистон то тақсимоти миллию марзӣ дар Осиёи Миёна давом кардааст.

Барои нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятии ҳама гуна давлат сохтори муайяни мақомоти давлатӣ зарур аст. Бо дарназардошти ин, хадамоти пулисӣ дар Аморати Бухоро дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар ихтиёри миршаб (ҳокими шаб) қарор дошт, ки он нафақат ба пулиси шаҳр, балки ба ҳамаи миршабҳои шаҳрҳои Аморат роҳбарӣ мекард.Низоми пулисӣ дар маҳалҳо (дар бекигариҳо, амлокдориҳо, арбобҳо) амалан бо низоми мақомоти марказӣ яксон буд.

Қисмҳои муҳими ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар Туркистони мустамликавӣ бошад, жандармерия ва посбонони аспсавор-пулисҳо дар шаҳрҳои уездӣ буданд. Аммо пас аз инқилоб, дар асоси декрети Шӯрои Комиссарони Халқ аз 20 ноябри соли 1917 дар бораи ташкили милитсия дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ кормандони пулис аз кор озод гардида, милитсияи пролетарӣ ташкил шуд, ки ба Шӯрои волостҳо итоат мекард [4, 170].

Баъд аз гузаронидани тақсимоти миллию марзӣ дар Осиёи Миёна ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1924 сохтори идоракунӣ ва хизмати давлатии

ин сарзамин аз нав ташкил карда шуд. Барои роҳбарӣ ба соҳаҳои алоҳидаи мақомоти давлатӣ комиссариатҳои халқии ҶМШС Тоҷикистон бо сардории комиссарони халқӣ ташкил карда шуданд, ки онҳоро Кумитаи инқилобӣ ба вазифа таъйин ва озод мекард. «Тибқи сохтори дастгоҳи ҶМШС Тоҷикистон» бо қарори Кумитаи инқилобӣ чунин мақомоти идоракунии давлатӣ: Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) бо раёсатҳо ва шуъбаҳои (маъмурӣ, милитсия, кофтукови ҷиноятӣ, хоҷагии коммуналӣ), Комиссариати халқии адлия, Прокуратураи давлатӣ бо судҳои халқию мақомоти прокуратура дар маҳаллҳо ва сохторҳои дигари давлатӣ ташкил карда шуданд [10,218]. Бо сабаби вазъи мураккаби сиёсӣ комиссариатҳои халқии дар навбати аввал таъсисёфта, бояд таъҷилан ба ташкили дастгоҳи давлатӣ ва мубориза бо босмачигарӣ (КХКД, Прокуратура, Раёсати Асосии Сиёсӣ-ГПУ) ва ғайра оғоз мекарданд.

Дар натиҷаи тақсимоти миллию марзии Осиёи Миёна дар ин сарзамин ҷумҳуриҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки сарфи назар аз бисёр беадолатиҳо дар тақсимот нисбат ба ҳаққу ҳуқуқи тоҷикон, аҳамияти бузурги таърихӣ дошт.

Бо мақсади танзими идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии ҶМШС Тоҷикистон бо қарори Кумитаи инқилобӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ кодексҳои ҷиноӣ, ҷиноӣ-мурофиавӣ, ислоҳотӣ-меҳнатӣ, оинномаи хизмат дар ҷойи маҳбас, низомнома дар бораи судҳои интизомӣ ва дигар санадҳои ҶШС Ӯзбекистон ва РСФСР, ки вобаста ба шароити ҷумҳурӣ ба онҳо тағйироту илова ворид карда шуда буданд, мавриди амал қарор дода шуданд ва дар ташкили низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ аҳамияти зиёд доштанд [10, 225].

Бо мақсади демократикунонии мақомоти судии ҶХШ Бухоро «Низомнома дар бораи ташкили судҳои ҶХШБ, ки КИМ-и Умумибухороӣ 5 январи соли 1924 қабул карда шуда буд, барои танзими фаъолияти мақомоти мазкур аҳамияти калон дошт. Низомнома муҳокимаи коллегиалии парвандаҳоро дар судҳои халқии қозиҳо бо иштироки мушовирони халқӣ дар назар дошт, ки иштироки мустақими оммаи халқро дар рафти адолати судӣ таъмин мекард.

Низомномаи мазкур чунин низоми судиро дар ҶХШ Бухоро муқаррар карда буд:

1) суди халқӣ ва суди қозиҳо дар шаҳрҳо, туманҳо ва кентҳо. Ин судҳо ба сифати судҳои инстансияи якум амал мекарданд.

2) суди ҳавзавӣ, ки суди инстансияи касатсионӣ нисбат ба судҳои қозӣ ва судҳои инстатсияи якум ҳисоб мешуд.

Машваратчиёни халқӣ интихобӣ буданд, судҳои қозӣ ҳангоми ҳалли парвандаҳо ба он меъёрҳои шариат, ки ба қонунҳои Шӯравӣ мухолифат надоштанд, такя мекарданд.

Бо қарори КИМ-и Умумибухороӣ аз 28 феврали соли 1924 дар тамоми марзи ҶХШБ Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси мурофиаи ҷиноӣ-и РСФСР мавриди амал қарор дода шуданд [5, 73] ва мақомоти олии судии ҷумҳурӣ Суди олии ҶХШ Бухоро ҳисоб мешуд.

Барои ҳалли вазифаҳои муҳими сиёсӣ ва мубориза бо қувваҳои аксулинқилоб дар Бухорои Шарқӣ моҳи октябри соли 1924 Суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ ташкил карда

шуд, ки масъалаҳои ҷиноиро муҳокима мекард ва бинобар ин, фақат як шуъба-шуъбаи ҷиноӣ ва 13 воҳиди басти корӣ дошт. Дар назди суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ прокуратура ташкил шуд, ки ҳамаи вилоятҳоро назорат мекард. Аз ҷумла, суди ҳавзавӣ бо мусоидати трибунали инқилобӣ ҷинояткоронро ҳукми қатл медод. Ба ғайр аз суди ҳавзавӣ то давраи тақсимот дар Бухорои Шарқӣ 25 судҳои қозӣ низ амал мекарданд.

Моҳи декабри соли 1924 Бюрои ташкилии ҲК (б) Ўзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ба ҳайати он Ч.Имомов, С.М. Соколов, (котиби масъул), О. Окчурин, Б.В.Толпиго, Ҷ.Зокиров, Ш.Шотемур, Ч.А. Путовский, А. Алиев, А. Ёрмуҳаммадов, Б.Додобоев дохил буданд.

Дар айни замон 7 декабри соли 1924 дар ҷаласаи Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон дар қатори масъалаҳои дигар маърўзаи муовини раиси Кумитаи инқилобии ҷумҳурӣ А.Дадабоев «Дар бораи сохтори дастгоҳи ҶМШС Тоҷикистон» муҳокима гардида, дар бораи ташкили Комиссариати халқии адлия ва прокуратураи давлатӣ бо судҳои халқӣ ва мақомоти прокуратура дар маҳалҳо қарор қабул гардид. Баъдан, 14 декабри соли 1924 Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон «Дар бораи ташкили Комиссариати халқии адлия ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул кард.

Ҳамчунин, дар ҳамин давра 7 ноябри соли 1924 дар бораи ташкили Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул карда шуд, ки ҳамаи санадҳои ҳуқуқии ба КИМ ва Шўрои Комиссарони Халқии ҶМШС Тоҷикистон пешниҳодшударо мавриди баррасӣ қарор дода, дар якҷояӣ бо Шўрои Комиссарони Халқии ҷумҳурӣ дар нашри қонунҳо ва фармоишҳои ҳукумат иштирок мекард. Комиссариати халқии адлия, муассисаҳои судӣ ва мақомоти тафтишотро ташкил мекард, ба фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон (адвокатҳо), комиссияҳои замин ва ҳакамӣ, судҳои третейӣ ва маҳкамаҳои (камераҳои) оштӣ назорат мекард [6, 72].

Дар баробари ин, Комиссариати халқии адлия аз 22 декабри соли 1924 ба фаъолият оғоз кард ва 12 феврали соли 1925 мақомоти он дар шаш вилоят-Душанбе, Кўлоб, Ғарм (Рашт), Қўрғонтеппа (Бохтар), Ўротеппа (Истаравшан), Панҷакент ба фаъолият оғоз карданд.

Дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ адвокатура нақши муайян дорад. Дар китоби Искандаров З. Ҳ., ки ба фаъолияти адвокатӣ бахшида шудааст, дар бораи таърихи ташаккули мақомоти адвокатура дар Тоҷикистон маълумоти муфассал дода шудааст[3,38-47].

Адвокатура ҳанўз дар ибтидои моҳи октябри соли 1924 дар суди округи Бухоро ташкил карда шуда буд, ки дар назди он минбаъд коллегияи адвокатҳо таъсис дода шуд. 29-уми сентябри соли 1926 КИМ ҶШС Ўзбекистон Низомнома «Дар бораи сохтори судӣ» қабул намуд, ки дар асоси он 14 декабри соли 1927 Коммисариати халқии адлияи ҷумҳурӣ «Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоячиён»-ро қабул намуд.

Дар ин давра бо қарори Раёсати КИМ-и шўроҳои ҶШС Ўзбекистон аз 25 марти соли 1925 дар ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи суди Олии ҶШС Ўзбекистон ташкил карда шуда буд,

ки аъзои онро Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон таъйин мекард ва он то 1 сентябри соли 1926 дар ҳайати 9 нафар дар Тоҷикистон амал кардааст.

Тавре маълум аст, вазъияти сиёсӣ дар Тоҷикистони Шӯравии навтаъсис хеле мураккаб буд. Бо ҳамин сабаб, бо қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон аз 18 апрели соли 1925 дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ вазъияти фавқулода эълон шуда буд. Бо мақсади ҷазодиҳии қувваҳои аксулинқилоб 7 иҷлосияи сайёри шуъбаи Суди Олии ҷумҳурӣ ташкил шуда, 75 парвандаи ҷиноӣ нисбат ба 154 нафар муҳокима гардида, ба 83 нафари онҳо ҳукми қатл дода шудааст [5, 78]. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон дар оғози Ҳукумати Шӯравӣ хусусияти ғайридемократӣ дошт ва дар баъзе мавриди худсарона амал мекард.

Ҳамин тавр, дар солҳои 1925-1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон мақомоти судӣ: судҳои халқӣ, судҳои ҳавзавӣ ва шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии Ӯзбекистон амал мекарданд, ки дар ташаккули низоми судии минбаъдаи Тоҷикистон нақши муҳим доштанд.

Баъд аз як сол, 19 июни соли 1927 бо қарори КИМ-и ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Суди Олии ҶШС Ӯзбекистон дар Тоҷикистон ва ҳамаи судҳои ҳавзавӣ барҳам дода шуда, ба ҷойи онҳо Суди Асосии ҶМШС Тоҷикистон ва дар вилоятҳо ваколатдори Суди Асосӣ ташкил карда шуда буд. Суди Асосии ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати Пленум, Президиум (Раёсат), Коллегияҳои Судӣ ва касатсионӣ оид ба корҳои ҷиноӣ ва шаҳрвандӣ амал мекард. Ба Ваколатдори Суди Асосӣ, ҳамчунин вазифаи назорати молиявӣ дар вилоятҳо вогузор шуда буд.

Дар фаъолияти Суди Асосӣ дар баробари ҳалли масъалаҳои муҳими ҳуқуқи шаҳрвандон ва таҳкими қонуният баъзе камбудиҳо низ ҷой доштанд. Яке аз беадолатиҳои мақомоти судии ҶМШС Тоҷикистон то охири соли 1928 дар он буд, ки кодексҳо бо забони ӯзбекӣ буданд, ҳукмнома ва ҳалномаҳо бо забони ӯзбекӣ бароварда мешуданд, ки аксари мардуми маҳаллӣ - тоҷикон ин забонро намедонистанд.

Моҳи декабри соли 1927 иҷлосияи доимии Суди Асосии ҶМШС Тоҷикистон оид ба ВМК Бадахшон таъсис дода мешавад, ки дорои 2 ҳавзаи суди халқӣ буд. Чунин низоми судӣ то соли 1929 дар Тоҷикистон вуҷуд дошт ва минбаъд пас аз ташкили Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайси ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти прокуратура мустақил гардида, сохтори он такмил дода шуда, ба талаботи низоми идоракунии замони Шӯравӣ мутобиқ гардонида шуданд.

Дар ҳама давру замон мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодию фарҳангии давлат, таъмини муътадили вазъи сиёсӣ, ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии тамоми қишрҳои ҷомеа нигаронида шуда бошад, рушди устувори иқтисодии давлатро таъмин карда тавонад. Воқеан, бояд гуфт, ки низоми идоракунӣ ва хизмати давлатии замони шӯравӣ вазифаҳои зикргардидаро дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардонида, барои пешрафти ҷомеа ва таҳкими пояҳои давлат нақши муҳим

бозидааст.

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон мақомоти давлатӣ, тадриҷан дар муддати муайяни таърихӣ ташакул ёфта, дар замони истиқлол дар ҳифзи манфиатҳои умумидавлатӣ ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон нақши муҳим доранд.

**Адабиёт:**

1. Абдулов А.М.Пенитенциарная система Таджикистана (вторая половина Х1Х-ХХвв.). Монография / А.М.Абдулов–Душанбе: Ирфон, 2003. -116с.
2. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал. Васоити таълимӣ / И.Б. Буриев. –Душанбе: 2013. -265с.
3. Искандаров З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. Васоити таълимӣ.–Душанбе: «Эҷод», 2005.-134с.
4. История таджикского народа T.V. Новейшая история (1927-1941гг.), под ред. Р.М.Масова.–Душанбе: Дониш, 2004 - 752с.
5. Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР (1924-1929гг.): дис… канд. юрид. наук: 12.00.03 / А. А. Кахаров.- Душанбе, 1999.-167с.
6. Митюкова К.Д. Опыт государственного строительства Таджикской АССР (1924-1929).Монография/ К.Д.Митюкова –Душанбе: Дониш,1988.- 68с.
7. Назаров Носир. История таджикской милиции: этапы становления, развития и совершенствования. Монография / Н.Дж. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 2005 - 251с.
8. Раҳматуллоев А.Р. Таърихи халқи тоҷик (иборат аз ду китоб, китоби 2.). Китоби дарсӣ / А. Раҳматуллоев, Х.Сатторов, Н.Тоҷов.- Душанбе: Дониш, 2008. -202с.
9. Розиқзода А.Ш. Становление милиции Таджикистана. Монография. /А.Ш.Розикзода -Душанбе: Ирфон, 2011.- 404с.
10. Тахиров Ф. Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.). Т.2, ч.1. Монография / Ф.Т. Тахиров . - Душанбе: «Амри илм», 2001. -240 с.

**Абдулхонов Ф.М.,**
мудири кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ. дотсент, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Email: Faiz-7704@mail.ru. Тел: 933339946

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ОМИЛИ МУҲИМ БАР ЗИДДИ ИФРОТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ

**Аннотатсия**

*Дар мақолаи мазкур масъалаи худшиносии миллӣ ҳамчун як омили муҳим баҳри мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм баррасӣ мегардид. Таҳлили ин масоил нишон медиҳад, ки дар шароити кунунии ҷомеаи муосир яке аз масъалаҳои глобалӣ ин терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Тоҷикистони соҳибистиқлол чун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири ин хатароти номатлуб истисно буда наметавонд. Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон аз ибтидои ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ хатари ифротгароӣ ва терроризм таҳдид менамуд. Маҳз бо шарофати сиёсати сулҳпарварона, инсондӯстона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик тавонист аз ин фалокати иҷтимоӣ бар канор монда, бо ташаккули худшиносӣ, худогоҳии миллӣ бар муқобили ифротгароӣ ва терроризм мубориза бурда, пояи давлатдории хешро мустаҳкам намояд.*

**Вожаҳои калидӣ:** истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, давлатдорӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, миллат, ифротгароӣ, терроризм, дунявият, ҳудшиносии миллӣ

**Аннотация**

**Национальное самосознание основной фактор борьбы с экстремизмом и терроризмом**

*В статье рассматриваются проблемы национального самосознания как основного фактора борьбы с экстремизмом и терроризмом. Анализ данной проблемы показывает, что в нынешней обстановке в современном мире одними из глобальных проблем являются экстремизм и терроризм. Независимый Таджикистан, как член мирового сообщества, не может быть застрахован от этих негативных угроз. С начала приобретения независимости в новейшие истории таджикской государственности существовали террористическая и экстремистическая опасности. Только благодаря миролюбию и гуманистической политике Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона таджикская нация сумела устранить эту социальную угрозу и с помощью развития национального самосознания борется с терроризмом, экстремизмом и укрепляет основы государственности.*

**Ключевые слова:** независимость, суверенитет, государственность, самосознание, нация, экстремизм, терроризм, светский, национальное самосознание

**Annotation**

***National self-consciousness as a main factor in the fight against extremism and terrorism***

*The article deals with the problems of national self-consciousness as a main factor in the fight against extremism and terrorism. The analysis of this problem shows that in the current situation of the modern world, one of the global problem is extremism and terrorism. Independent Tajikistan as a member of the world community cannot be insured against these negative threats. Since the beginning of the acquisition of independence there was a terrorist and extremist danger in the modern history of the Tajik statehood.Only in consequence of the peacefull and humanistic policy of the Founder of Peace and National Unity – the Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rakhmon tajik nation could remove this social threat, fight against terrorism and extremism through the development of national self-consciousness and strengthen statehood foundations.*

**Keywords:** Independence, sovereignty, statehood, self-consciousness, nation, extremism, terrorism, secular, national self-consciousness

Бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ миллати тоҷик роҳ ба сӯйи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва иҷтимоиро пеш гирифт. Дар ибтидои давлатдории навин гурӯҳҳои муғриз бар тафаккури миллии мо ғояҳои бебунёд ва иртиҷоиро таҳмил намуда, миллати сулҳпарвари тоҷикро ба гирдоби ҷанги фалокатбори шаҳрвандӣ кашиданд. Вале хиради азалии созандаи ин миллат боло гирифта, бо саъю талоши фарзанди фарзона ва ғамхори меҳан- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу субот дар сар то сари кишвари азизамон пойдор гардид.

Миллати тоҷик яке аз миллатҳои кӯҳанбунёд буда, дар тӯли мавҷудияти худ барои як қатор қавму миллатҳои дигар фарҳангу тамаддун, тарзи зисту зиндагӣ ва шакли давлату давлатдориро омӯзонидааст.

Ҳамзистиву ҳамҷаворӣ бо ақвому халқиятҳои гуногун, бо гузашти айём, ин миллатро водор сохтааст, ки барои як миллати том боқӣ мондан дар худ ҷавҳари худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстиро ташаккул диҳад. Худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандӯстӣ ягона маҳакест, ки ҳар миллатеро дар раванди таърихӣ пойдор нигоҳ медорад. Бахусус, раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар ҷаҳони муосир босуръат идома дорад, аз ҳар давлати миллӣ тақозои онро менамояд, ки барои нигоҳ доштани истиқлолияти давлатии худ ғояи миллӣ ва худшиносии миллиро тақвият бахшад.

Маҳз ҳамин ҳолати ҳассоси ҷаҳони тағйирёбанда Сарвари давлатро водор сохт, ки дар яке аз паёмҳои қаблии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояи миллиро зери унвони «Тоҷикистони озоду соҳибистиқлол – Ватани маҳбуби ҳамаи мо» [3] муқаррар намуда, дар атрофи ин ғояи муҳими миллӣ мутаҳид намудани тамоми гурўҳҳо ва қишрҳои ҷомеаи кишварро талаб карда, яке аз ҳадафҳои муҳими давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар густариши худшиносиву худогоҳии миллӣ муқаррар намоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар аксари суханрониҳои хеш ба масъалаи ватандўстию худогоҳии миллӣ ва зиракии сиёсиро, бахусус, дар миёни ҷавонон пайваста хотирнишон сохта, шаҳрвандони кишварро ба гиромӣ доштани ин арзишҳои воло раҳнамун месозанд.

Аз ин ҷост, ки дар паёмҳои қаблиашон ба Маҷлиси Олии кишвар, чунин тазаккур доданд: «Ҳамаҷониба густариш бахшидани худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳисси ватандўстиву ватандории мардум ва баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус, наврасону ҷавонон ҳадафи доимии мо маҳсуб мешавад» [2].

Истеҳкоми соҳибистиқлолии давлатӣ ба тақвияти худшиносии миллӣ вобаста буда, бидуни такмили он наметавон соҳибихтиёрии комили давлатиро таъмин намуд.

Ташаккул ва тақвият надодани худшиносии миллӣ ва ифтихори ватандўстӣ метавонад хатари ҷидие ба истиқлолияти кишвар ва номуназам сохтани низоми сохтори давлатӣ оварда расонад. Миллате, ки худшиносӣ ва ҳисси ватандориро такмил намедиҳад, батадриҷ аз саҳнаи таърих маҳв гардида, истиқлолияти хешро низ аз даст медиҳад, ки таърих ин гуна мисолҳоро зиёд ба хотир дорад.

Гарчанде тоҷикон миллати кўҳанбунёд ва дорои таҷрибаи ғании давлатдорӣ мебошанд, аммо давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон на он қадар таърихи тўлонӣ дорад. Аз ин рў, имрўзҳо кулли сокинони ин давлати ҷавонро зарур аст, ки ба хотири пойдорӣ ва устувории соҳибихтиёрии кишвар дар замири хеш худоогоҳӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳанд.

Мавҷуд набудани худогоҳӣ дар фитрати ҳар шахс боиси аз миён байн бурдани худшиносии миллӣ мегардад, чунки шахси худноогоҳ мисли кўдаке мебошад, ки аз воқеият дур буда, моҳияти аслии ҳаводиси дар атрофии хеш рухдодаро дарк карда наметавонад.

Чуноне ки дар ин маврид Муҳаммад Иқбол мефармояд:

Кўдакеро дидӣ, ай болиғназар,
К- ў бувад аз маънии худ бехабар.
Ношиноси дуру наздикончунон,
Моҳро хоҳад, ки баргирад инон. [1, 167]

Маҳз набудани худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ боис гардидааст, ки бархе аз ҳамватанони мо ба ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилоту созмонҳои ифротгароию террористӣ шомил гардида, аз ақоиди бебунёди онҳо пайравӣ намоянд.

Ташаккули худшиносӣ дар фард ба он вобаста аст, ки  шахс аз таърихи гузаштаи аҷдоди хеш то ба кадом сатҳ ошноӣ дорад. Маълумоти кофӣ доштан аз таърихи гузаштаи худ дар шахс худшиносиро ба вуҷуд оварда, ҳисси ватандориро қавӣ мегардонад.

Чунон ки Сарвари давлат дар паёми хеш қайд намудаанд: «Ватандӯстиву худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, пеш аз ҳама, маънои гиромӣ доштану ҳифз намудани таърих ва анъанаву суннатҳои миллӣ мебошад.

Бе ин ягон халқу миллат ҷавҳар ва асолати худро маҳфуз дошта наметавонад ва бо тадриҷ дар гирдоби таърих бе ному нишон мешавад».[3]

Ҳақ ба ҷониби Сарвари давлат аст, зеро миллате, ки аз ҳаводиси гузаштаи таърих сабақ намегирад бо дастовардҳо ва хидматҳои дар тамаддуни башарӣ анҷомдодаи гузаштагони худ ифтихор наменарзад, хоҳу нохоҳ асолати хешро аз даст дода, аз сафҳаи таърих зудуда хоҳад шуд. Дар ин маврид Иқболи Лоҳурӣ фармудааст:

Фард чун пайванди айёмаш гусехт,
Шонаи идроки ӯ дандона рехт.
Қавм равшан аз саводи саргузашт,
Худшинос омад, зи ёди саргузашт.
Саргузашти ӯ гар аз ёдаш равад,
Боз андар нестӣ гум мешавад. [1, 168]

Аммо имрӯзҳо афроде низ ҳастанд, ки аз ҳаводиси таърихии бар сари ин миллатомада сабақ намегиранд. Боз ҳам ба ҳамон хоҷагони хориҷии худ такя намуда, ғояву таълимоти бепояи худро мехоҳанд дар ин сарзамини амну ороми мо, ки рӯз то рӯз дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ рушду пешравӣ дошта, дар арсаи байналмилалӣ нуфузу эътибор пайдо менамояд, таҳмил созанд ва ватани маҳбуби моро ба гирдоби фалокатҳо бикашанд.

Сарвари давлат дар паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олӣ рушди босуботи кищварро хотиррасон намуда, таъкид доштанд: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Соли ҷорӣ мо барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ пешбинишуда қадамҳои устувор гузоштем.

Дар натиҷаи амалӣ намудани вазифаҳои дар паёми соли гузашта баёншуда, соли 2018 рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар сатҳи 7,3 фоиз ҷамъбаст гардида, таваррум дар сатҳи 5,4 фоиз нигоҳ дошта шуд.

Пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, бахусус, бахшҳои истеҳсолӣ таъмин гардида, зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуданд ва дар се соли охир шумораи шахсоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, 25 фоиз кам гардид». [4.]

Ба даст омадани  ин ҳама дастовардҳо бидуни амнияту осоиштагӣ дар кишвар ба вуқуъ намепайвандад. Асоси пойдории ҳар давлат ин вуҷуди амнияту бехатарӣ дар ҳудуди он мебошад. Терорризму ифротгарой имрӯзҳо чун вабои аср бар сари чандин кишвару миллатҳои гуногуни ҷаҳон нохушиҳои зиёдеро ба бор овардаанд, ки боиси нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст.

Пешвои миллат дар паёми имсола ба ин масъала дахл намуда, иброз доштанд: «Авзои сиёсии сайёра ҳоло бисёр ноорому бесубот ва боиси ташвишу нигаронии ҷиддии ҷомеаи ҷаҳон гардидааст.

Ин вазъият самаранокии мубориза бо хатару таҳдидҳои замони муосирро, ки ҳамдигарфаҳмӣ ва талошҳои муштараки ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро тақозо менамояд, коҳиш дода, баръакс, боиси пуштибонӣ ёфтани гурӯҳҳои террористиву ифротгаро аз ҷониби баъзе доираҳо ва истифодаи ин нерӯҳои даҳшатнок ба муқобили минтақаву давлатҳои алоҳида мегардад». [4]

Ҳамчунин Сарвари давлат таъкид медоранд: «пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад». Давлати мо имрӯз чун давлати ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта нест. Давлати тоҷикон имрӯз иқтидори комили ҳифзи марзу бум ва пойдории муназзами амнияти кишвари худро доро мебошад. Бо ҳамин асос Пешвои Миллат дар паёми имсолаи худ дилпурона иброз намуданд: «Мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем ва дилпурем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро чун сипар ҳимоя мекунанд». [4]

Ин суханони эътимодбахши Сарвари давлат муждаи пойдории давлатдории тоҷикон буда, маълум аст, ки дигар ҳеҷ як ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароюю террористӣ бар ҳарими амну осоиштаи мо наметавонад дасти таарруз дароз карда бошад.

Бо дарназардошти ин ҳама низоми қонунгузории мо тамоми тадбиру чораҳои заруриро дар ин самт ба танзим даровардааст ва ҳар фарде, ки ба чунин кирдорҳои нохалафона даст мезанад, ҳатман ба ҷазои кирдори худмерасад.

Истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи марзу бум, нигоҳ доштани сулҳу суботи кишвар, гиромидошти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзишҳои бебаҳо буда, таъмини онҳо вазифаи ҳар фарди бо нангу номуси ин Ватани азиз - Тоҷикистони маҳбуб мебошад.

Ҳифзи ин арзишҳо дар асоси худшиносии миллӣ ва устувор гардидани давлат муяссар мегардад. Барои тақвият ёфтани худшиносии миллӣ, ҳисси ифтихори миллӣ дар

шуури ҷавонон зарур аст, ки дар замири ин қишри ҷомеа ҳисси ватандӯстиро бедор намуд.Ин омилро низ Сарвари давлат ҳамчун вазифаи муҳим барои аҳли ҷамоатчигӣ пеш гузоштанад.

«Мо вазифадорем, ки ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстиву меҳанпарастии фарзандони худро тақвият бахшем, то ки онҳо арзишҳои фарҳанги ѓаниву рангоранги гузаштаи миллати худро қадр намоянд». [3]

Ҳамчунин Сарвари давлат дар яке аз суханрониҳои худ дар ҳамоиши байналмилалӣ иброз намуданд: «Фидокориву мардонагии халқи тоҷик дар ҳимояи марзу бум ва арзишҳои фарҳангу тамаддуни қадимаи хеш, иродаи қавии мардуми мо ба сулҳу субот ва созандагиву бунёдкорӣ боис гардид, ки пеши роҳи амалҳои террористону ифротгароёни дохиливу хориҷӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гирифта шавад». [5]

Амалӣ гардонидани ин вазифаи муҳим ва дар айни ҳол зарурӣ, маҳз дар натиҷаи амиқ омӯхтани таърихи пурифтихори гузаштагонамон ва хидматҳои онҳо дар пешбурди самтҳои гуногуни фарҳангу тамаддуни башарӣ муяссар хоҳад гардид.

Чист таърих? Эй зихудбегонае,
Достоне, қиссае, афсонае,
Ин туро аз хештан огаҳ кунад,
Ошнои кору марди раҳ кунад.
Забт кун таърихро, поянда шав,
Аз нафасҳои рамида зинда шав. [1. 166]

Аз ин рӯ, имрӯзҳо сокинони ин кишвари азизро зарур аст, ки дар асоси сиёсати созандаву бунёдкоронаи Сарвари давлат  муттаҳид гардида, дар заминаи таҳкими худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ бар зидди ифротгароиву кирдорҳои террористона қиём намуда, марзу бум ва амну суботи Ватани маҳбубамонро ҳифз намоянд.

Ба ҳамин тариқ, дар охир мехостам бо каломи омӯзандаи Асосгузори сулҳу ваҳдат-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамчун як шахсияти худогоҳу худшинос ва ватандӯсти ин миллат дар паёми имсола ба Маҷлиси Олии кишвар ҳамчун муроҷиат ба тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд, навиштаҳои худро хулоса намоям.

«Мо бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибихтиёру маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафтаву нерӯманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем.

Ин аст, муроҷиати ман ба шумо – мардуми азизу шарафманди Тоҷикистон, вакилони мақоми олии қонунгузори мамлакат, аъзои Ҳукумат ва кулли хизматчиёни давлатӣ!». [4]

**Адабиёт**

1. Муҳаммад Иқбол. Ашъори форсӣ. Душанбе, 2001. С. 368.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20. 04. 2012, шаҳри Душанбе.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26. 04. 2013, шаҳри Душанбе.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26. 12.2018, шаҳри Душанбе.

5. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез” 04.05.2018, шаҳри Душанбе

**Ахмадзода З.К.,**
проректор по воспитательной части Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, к.п.н., 734003, г. Душанбе, ул. Саида Носира 33, тел.: (+992) 985 459 980

# ГУМАНИЗМ - ВАЖНЕЙШАЯ ЧЕРТА ЛИЧНОСТИ

**Аннотация**

*Автор статьи раскрывает сущность общих и конкретных сторон понятия гуманизма. Гуманизм– это высшая точка разума человека. Человек должен в отношении с другими быть очень вежливым, доброжелательным, честным и справедливым. Тема гуманизма и наилучшие человеческие качества очень хорошо отображены в поэзии таджикско-персидских классических поэтов.*

**Ключевые слова:** гуманизм, любовь, справедливость, честность, верность, героизм, свобода слова, совесть, помощь бедным, прощание, доброжелательность, поэзия

**Аннотатсия**

**Инсондӯстӣ -муҳимтарин хислати шахсият**

*Муаллиф дар мақолаи худ дар бораи эҳсоси инсондӯстӣ дар муносибат бо волидон, хешу табор, ҳамдарсон, ҳамсинфон, ҳамватанон, намояндагони халқияту миллатҳои дигар ва муносибати хайрхоҳона доштан дар муоширaт бо ашхос изҳори ақида менамояд. Инсондӯстӣ яке аз масъалаҳое ба шумор меравад, ки дар шароити кунунӣ басо зарур ва мубрам аст. Мавзӯи дӯстию бародарӣ ва баробарию якдилӣ дар ашъори шоирони классики тоҷику форс хуб таҷассум ёфтааст.*

**Вожаҳои калидӣ:** инсондӯстӣ, бародарӣ, муҳаббат, ҳақиқат, ростӣ, покдилӣ, поквиҷдони, қаҳрамонӣ, озодфикрӣ, ҷавонмардӣ, нангу номус, бахшоиш, назм

**Annotation**

**Humanism - the most important quality of a person**

*The author of the article reveals the essence of general and specific concepts of humanism. Humanism is the highest point of the human mind. A person should be very polite, benevolent, honest and fair with others. The issue of humanism and the best human qualities is very well imaged in the poesy of Tajik-Persian classic poets.*

**Keywords:** humanism, love, justice, honesty, loyalty, heroism, freedom, of speech, conscience, relief, farewell, benevolence, poetry

Древняя мудрость гласит, «для человека нет больше интересного объекта, чем сам человек». Ученые, исследователи, великие мыслители решали труднейшие задачи в области медицины и искусства, астрономии и химии. Ими даже открыт путь в космос,

изучены многие вопросы, касающиеся внеземной цивилизации. Д.Дидро считал человека высшей ценностью, создателем всех культурных ценностей на земле разумным центром Вселенной, тем пунктом, от которого все должно исходить и к которому все должно возвращаться. Этот бесконечный процесс созидания происходит благодаря разуму человека. Возможно, поэтому для человека до сих пор остаётся интересным объектом исследования сам Человек.

Придя в реальный мир, человек становится его частью, в том числечастью человеческого общества. Он может изменить многие природные процессы, может воссоздать и даже разрушить Вселенную. Ведь человек- очень сложная формула, имеющая сложную структуру. Внешний вид-есть первая оболочка человека, но первая главная оболочка- его внутренний мир, где сосредоточен главный его вклад, его сущность, которую следует не только исследовать и понять, но и создавать, развивать с тем, чтобы накопленные ценности он мог бы использовать в своей жизни- не только для себя, но и во имя других.

Человек с цельным характером обычно считается тот, у кого слово не расходится с делом, кто живет согласно своим принципам, кто действует по велению своей совести. Такая жизнь свидетельствует о единстве духа и тела. Зрелый человек тот, в котором созрело умение любить, заботиться о ближнем. Ведь любовь есть источник благородности. «Любовь является великим украшением жизни» -говорил А.В. Луначарский. [1,39].

Следовательно, любить, совершать добро, быть искренним-все это полностью зависит от самого человека. Жизнь человека есть испытание. Сумеет ли человек выдержать эти испытания зависит только то него самого. Сумеет ли он выбрать истинный путь, путь добра и любви. «Какая бы беда ни постигла тебя, это дело рук твоих» [Коран, 6, 30].

Любовь и есть сердце гуманизма. Ведь человек-это существо, в котором происходит постоянное противоборство. Он наделен способностью выбора между двумя противоборствующими мирами. От того, что преобладает в человеке-добро и зло зависит исход этой борьбы. Говоря о доброте, о гуманности, хотелось бы выявить истоки, цели и содержание понятия гуманизм. Источником восточного гуманизма считалась и считается «Авеста», священная книга зороастрийцев, автором данной книги является Заратуштра, который проповедовал зороастризм. Чтобы понять гуманистический смысл книги достаточно назвать три правила, три лозунга этой книги: «Доброе слово-добрые намерения и доброе дело». Обращаясь к педагогическому наследию Востока и Запада, мы находим красивые и мудрые высказывания, источником которых является «Авеста».

В 53-ей статье «Авесты» начертано: «О, великий Ахурамазда, покровительствуй нам, чтобы добрые мысли были на нашей стороне» [9,91]. Когда спросили Заратуштру о его сокровенном желании и том, к чему стремится, он ответил, что его единственное

желании-это творение добра и стремление только к добру. Заратуштра всегда поощрял добро и наказывал зло. Ведь зло разрушает и уничтожает, а добро создает и строит.

В современном мире более 700 миллионов человек на вопрос «Кто ты такой?» на арабском языке отвечает так: «Муслим». Это значит человек, который проповедует ислам.

Гуманность и справедливость, чистосердечность и доброжелательность есть требование Корана. Согласно Корану, верующим считается тот, кто творит добро, благо. Будь-то мужчина или женщина. Коран призывает людей не быть злопамятным по отношению к другим, ведь доброе дело, доброе слово и доброжелательность-это самые лучшие нравственные качества людей: Речь добрая и прощение-лучше, чем милостыня-за которой следует обида [7,107].

Близки взгляды ахи-братьев, которые тоже были сторонниками добра, гуманизма, справедливости. Таджикско-персидский поэт XIII века Низами Ганджави был членом общества «ахи» (братья). Рациональная мысль этого течения выражена в двустишии мыслителя XIII века Фаридаддина Аттора:

Гуфт: «назди ман ҷавонмард он бувад,
Камтарин кораш фидои ҷон бувад» [13,43].

(Тот кто считается настоящим мужчиной, у того самый скромный поступок- это отдать жизнь за другого).

Поэт уверяет, что истинный гуманист тот, кто всегда готов помочь другому, даже ценою своей жизни. Жизнь-это самое малое что можно отдать ради другого члена этого общества.

Абуабдулло Рудаки является основоположником таджикско-персидской классической литературы. Жизнь и деятельность Рудаки протекали в эпоху расцвета государства Саманидов. Выходец из народа, великий поэт и музыкант Рудаки согласился быть придворным поэтом Насра II не ради богатства и славы, а для того, чтобы быть услышанным народом. Как гуманист, Рудаки то уговорами и наставлениями, то угрозой божьей кары хотел удержать господствующие классы от насилия над бесправными, стремился сгладить классовые противоречия и как-то облегчить жизнь бедняков.

Не для насилия и убийства мечи в руках блестят,
Господь не забывает зла и воздаст стократ [1,47].

Рудаки-гуманист, учил молодёжь быть добрыми и чуткими, внимательными к людям, оказать им помощь:

Слепую прихоть подавляй и будешь благодарен!
Калек, слепых не оскорбляй-будешь благодарен!

Не благодарен, кто на грудь упавшему наступит,
Нет! Ты упавших поднимай-будешь благодарен! [3,49].

Рудаки употребляет в поэзии слово «мужчина», которое в этом понимании означает, обладающий самыми лучшими человеческими качествами: добр, отзывчив, щедр, готов помочь тому, кто в беде и нужде, защищать слабых. Великий Рудаки превыше ставил гуманное отношение к людям. По его словам, если смотреть на мир глазами разума, а не чувствами, то можно увидеть, что мир подобен морю, преодолеть которое можно только на корабле, построенном из добрых дел. Поэтому он призывает людей к доброте:

На мир взгляни разумным оком,
Не так, как прежде ты глядел.
Мир-это море. Плыть желаешь?
Построй корабль из добрых дел [3,99].

Рудаки поощряет умение мириться не только с друзьями, но и врагами, ведь залог мира и спокойствия, ибо имея врага, очень трудно жить.

Не наживай врагов, ибо один враг-
Это уже много, а друзей и тысяч мало [2, 59].

Если хочешь познать поэта, то ты должен отправиться в страну поэта, -писал Гёте. Воспевая гуманизм, великий Фирдоуси вознес человека на самую вершину. Молодость Фирдоуси совпала с расцветом государства Саманидов. Язык дари был общим литературным языком. На этом же языке была написана «Шахнаме»-Книга о царях или «Царская книга». Вся поэма содержит три части: мифологическую, героическую и историческую. Во вступительном разделе книги следуют один за другим краткие сказы о сотворении мира и человек, о том, как была составлена эпопея, воздается хвала разуму. Наиболее проникновенно и глубоко звучат строки похвалы разуму от лица великого Фирдоуси:

Разум выше всего, что дарует нам бог,
Разум выше и лучше, из лучших дорогого
Вечно разума слово-его не прервешь,
Разум-жизнь основа, его не прервешь,
Разум-свет путеводный во мраке земном,
Разум-высший судя в этом мире и том.
Жизнь-горечь и сладость идут от него,
И убыток, и радость идут от него [2,26].

Для гуманистической идеи «Шахнаме» характерно то, что она вобрала много из образов, выработанных предшественниками Фирдоуси, особенно древнеиранской литературной традицией. Таковы образы человека- богоборца (Рустам), человека тираноборца, другие образы героев, наделенных чувством глубокого человеколюбия и высокого человеческого достоинства, будь то иранцы или туранцы. В образе Рустама Фирдоуси воплотил все те привлекательные человеческие качества, которые он хотел бы видеть в каждой личности.

Великий ученый и мыслитель XI века Абуали Хасан Низомулмулк является автором самой гуманной книги о политике и управлении государством «Сиёсатнаме». Это одно из крупных произведений таджикско-персидской литературы. В назиданиях, советах всем государственным чиновникам автор подчеркивает, что в своих деяниях они не должны принимать поспешных решений. Одна из любимых тем Низомулмулка-это взаимоотношения между царем и его придворными. Долг царя строго соблюдать справедливость и наказывать того, кто действительно виноват, а ни того, кто беззащитен и не может постоять за себя. «Во всех делах не надо торопиться. В каждом случае царь должен тщательно разобраться, где истина и где ложь, кто виноват, а кто жертва. Поспешность эта свойственна беспомощным людям, а не мужественному человеку» [9,120].

По мнению Низомулмулка, только великодушие, в конечном счете приведет человека к счастью в потустороннем мире. Поэтому он пишет:

Великодушие лучше всех дел,
Великодушие – из обычай пророка,

Два мира, несомненно, будут за великодушным,
Будь великодушным, и два мира твои [9, 37].

Своеобразным памятником педагогической литературы XI века на таджикском языке является книга «Кабуснаме» (Книга советов). Её автор Унсурумаоли Кайковус по своему социальному происхождению был аристократом. «Кабуснаме» предназначалась сыну автора Гелоншаху и другим молодым аристократам. Сорок четвёртая глава книги называется «Об обычаях джавонмарда». В начале главы автор даёт определение понятия джавонмарди. Затем он разделяет всех людей на три группы и определяет место каждой из них в существующей тогда общественной иерархии. По его мнению, из всех свойств человека самыми важными являются – мудрость, правдивость и человечность. Однако не каждый обладает этими качествами, так как вялость, тупость и спешка закрывают путь большинству людей. Интересна мысль Кайковуса о человеке и природе. Человек часть природы. Но вместе с тем человек как существо, обладающее разумом, объединяет в себе раздельные миры – земной и небесный – в единое целое.

Высшая точка гуманизма - это человеческий разум. Сила власти разума с юных лет занимала мысли Абуали Ибн Сино. Он утверждал, что не все познается только одним разумом и ощущениями. «Пирузнаме» полна наставлений, призывов к добру и истине. Великий мыслитель основой общества считает семью, а вершиной человеческого счастья-любовь. В своих произведениях Абуали Ибн Сино бичевал человеческие пороки, зависть, алчность, высокомерие, самовлюбленность, противопоставляя им великодушие, честность, скромность, искренность. Абуали Ибн Сино считает необходимым овладение знаниями, огромное значение при этом придавал взаимосвязи теории с практикой. Поэт показывает, что разум и наука взаимосвязаны:

Душа как стекло, а наука фонарь
А без масла фонарь никогда не горит.
И разум считается маслом таким [12, 112].

Говоря о человеческом отношениях Абуали Ибн Сино воспевает истинную дружбу, отвергая в ней фальшь.

Всемирно признанным поэтом является Омар Хайям. Его четверостишия содержат глубокие философские раздумья, основанные на принципах детерминизма, жизнерадостное свободомыслие, все это лаконично выражено в исконно народной форме – рубаи. Вольнолюбивая мысль в классической литературе на фарси находила себе гораздо лучшее убежище в поэзии, чем в прозе. В стихотворении легче было скрыться за поэтической вольностью, полунамеком, иногда туманным мотивом и образом.

Идеи высокого Ренессанса пронизывают все творчество Омара Хайяма. Бросая вызов самому небу, Хайям утверждает:

Когда я был творцом – владыкой мирозданья,
Я небо древнее низверг бы с основанья.
И создал новое – такое, под которым,
Велика исполнялись бы все добрые желанья [2, 19].

У Хайяма индивидуалистический гуманизм, свойственный раннему Ренессансу, переходить на более высокую степень гуманизма, не отдельной личности, только «я, а общественного человека Мы».

Достоинство и гордость самое ценное, что есть у человека. Великий поэт из двух дорог выбирает одну дорогу-достоинства, а не унижения и советует другим не терять гордости.

Лучше впасть в нищету, голодать или красть,
Чем в числе блюдолизов, презренных попасть.

Лучше пусть у Хайяма ни крошки не будет,
Чем подлец его будет кормить на убой [8.166].

Доброе дело, доброта – есть источник счастья, источник благосостояния, источник жизни. Но зло делает мир добра мрачным и безрадостным. Как поэт, Хайям мечтает о счастливой жизни, где торжествует добро и справедливость:

Были б добрые в силе, а злые слабы,
Мы б от тяжких раздумий не хмурили лбы!
Если б в мире законом была справедливость,
Не роптали бы мы на превратность судьбы [8,196].

В поэзии Омара Хайяма имеются стихи о выборе друзей. Он считает, что дружба с подлыми людьми есть ад и дает такой совет:

Знайся только с достойным дружбы людьми,
С подлецами не знайся, себя не срами,
Если подлый лекарство нальет тебе вылей,
Если мудрый подаст тебе яду – прими [8, 198].

Имя великого поэта Низами Ганджави, его великолепный талант близок всему народов Востока и Запада.

Низами был учёным, философом и гуманистом, передавшим поэтическим словом сокровенные свои мысли. У него всегда простой пастух оказывается мудрее правителя. Он считает, что устремления к справедливости не нужно откладывать, их следует реализовать, ибо жизнь коротка:

Смотри на наш век! Ведь от бесчеловечности
Опасается человек человека [2,6].

Каждый должен знать свою меру и свой долг не тяготиться тем бременам, которое на него возложено.  Главной обязанностью носителя власти Низами считает заботу о благе поданных и защиту своего народа.

Поэт поднимает вопросы о миссии человека в этом мире. Человек в этой жизни должен подготовить запас для будущей жизни. Но этот запас может быть создан только трудом самого человека:

Мы пришли ради труда в этот мир,
Не ради пустых разговоров мы пришли[4,10].

Семь веков люди разных вероисповеданий и противоположных взглядов горячо спорят о Джалоллидине Руми. Они называют его поэтом, философом, богословом. Яркая жизнь Руми пронизанная высокими идеями человеколюбия, является высоким примером для подражания.

Литературно-философское наследие Руми, хотя по количеству произведений невелико, но по своему объему огромно и содержательно. Человек, считает Руми, наделен высокими чувствами: чувством любви, чистоту нравственную и духовную поэт противопоставляет тому злу, которое несут в себе сильные мира сего. Поэт видит в человеке самое лучшее качество, добро и ненавидит зло:

Не надо зеркало винить- сначала грешный лик омой
Клади на чащу все добро-тогда весов не упрекнешь[10,20].
Руми воспевает и любовь, любовь не только идеализированную, суфийскую:
Обрести хочу подругу, чтоб во сне и наяву,
Мог бы с ней не разлучаться, дивный образ созерцать [10,22].

Если коротко сказать воспитание детей и молодого поколения-самая важная задача в духовной области нашей жизни. Поэтому мы должны знать, что произведения писателей – это урок нравственности и морали. Так как многогранные задачи формирования гуманистических качеств личности молодого поколения решаются в основном на уроках литературы, то необходимо наладить и осуществлять систематический контроль за качеством их проведения. Идеи гуманизма волнуют наш народ и сегодня, спустя тысячелетия, человека всегда интересовали пути развития общества. Человек и человечество никогда не утратят естественного, природобразного стремления к Вере, к Вере в будущее, к Вере во всё человечество. В данное время гуманизм играет важную роль в нашей жизни.

### Литература

1. Абуабдулло Рудаки. Избранное. Сталинабад, «Таджикгосиздат», 1958.
2. Адабиёти Ватан. Синфи 7. Т Миров вадиг. Душанбе. «Маориф», 1993.
3. Абуабдулло Рудаки. Избранное. Перевод с тадж. М.Левина и С.Липкина. М. 1985.
4. Бертельс А.Е., Низами. -М:, «Молодая гвардия», 1947.
5. Джалилов А. Из истории культурной жизни таджикского народа. Душанбе, «Таджикгосиздат», 1965.
6. Зацепин В.И. Мы и наша семья. -М.: «Молодая гвардия», 1989.
7. Родник жемчужин. Сост. М.Н.Соманова. Душанбе, «Маориф», 1986.
8. Низомулмулк. Сиёсатнаме. Душанбе, «Адиб», 1989.

9. Одинаев Я.К. Коран. Философское, этическое и эстетическое учение. Душанбе, «Маориф», 1991.

10. Руми. Газели и притчи. Душанбе, «Адиб», 1988.

11. Таърихи педагогии халқи тоҷик, Зери таҳр. Афзалов Х., Раҳимов Б. Душанбе,1989.

12. Фаридиддуни Аттор. Куллиёт. Душанбе, «Ирфон», 1990.

**Асоев М. М.,**
омӯзгори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва молияи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.:(+992) 777 05 05 83

# ДАСТГИРИИ ДАВЛАТ ҲАМЧУН КАФОЛАТИ РУШДИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Аннотатсия**

*Дар мақолаи мазкур сиёсати буҷетии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи миёнамуҳлат дар асоси афзалиятҳое амалӣ карда мешаванд, ки онҳо бо тадбирҳои аз ҷониби Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон оид ба рушди соҳаи тандурустӣ андешидашуда, баррасӣ гардидааст. Инчунин таҳлили соҳаи тандурусти ва муассисаҳои он дар ҳама сатҳ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.*

**Вожаҳои калидӣ:** тандурустӣ, иқтисодиёт, буҷети давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, амбулатория, хароҷоти буҷет, беморхона, марказҳои саломатӣ, маблағгузорӣ, маоши вазифавӣ

**Аннотация**

**Поддержка государства – гарантия развития сферы здравоохранения Республики Таджикистан**

*В данной статье рассматривается бюджетная политика республики в сфере здравоохранения и социальной защиты населения на среднесрочный период на основе приоритетов, которые предприняты со стороны Правительства Республики Таджикистан по развитию сферы здравоохранения. Также изучены вопросы совершенствования, касающиеся сферы здравоохранения и учреждений отрасли на всех уровнях.*

**Ключевые слова:** здравоохранение, экономика, государственный бюджет, социальная защита, амбулатория, расходы бюджета, больница, центр здоровья, капиталовложение, должностная ставка

**Annotation**

**State support – guarantee of development of the health sector of the Republic of Tajikistan**

*This article considers the budget policy of the republic in the field of public health and social protection of the population for the medium term based on the priorities that have been undertaken by the Government of the Republic of Tajikistan on the health sector development. There also is explored enhancement issues related to health care and sector institutions at all levels.*

**Keywords:** public health, economy, state budget, social protection, ambulatory, budget expenses, hospital, health centers, investments, official rate

Сиёсати буҷетии соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар давраи миёнамуҳлат дар асоси афзалиятҳое амалӣ карда мешаванд, ки онҳо аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Барномаҳои миллӣ, консепсияҳо ва дигар барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ барои давраи миёнамуҳлат пешбинӣ гардидаанд.

Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 ва дигар стратегияҳои соҳавӣ ва санадҳои стратегӣ дар асоси паёмҳои солонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба  Маҷлиси Олӣ  таҳия карда мешаванд. Барои устувор ва шаффоф намудани банақшагирии буҷети соҳаҳо, дар Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатӣ» мафҳуми тақсимкунандагони асосии маблаѓҳои буҷетӣ (ТАМБ), ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлат вобаста мебошанд, муайян гардидааст. Самтҳои асосии сиёсати буҷети давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати иқтисодию иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани афзалиятҳои муҳими стратегии давлатӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, бехатарии озуқаворӣ, амнияти кишвар, таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти  мамлакат равона гардида, дар ин робита устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, амалӣ намудани афзалиятҳои соҳавӣ, устувории бозори молиявӣ, дар дараҷаи муайян нигоҳ доштани қарзҳои дохилӣ ва берунии давлатӣ таъмин карда мешавад [1].

Паёми Пешвои миллат оинаи инъикоскунандаи пешравиҳои имрӯзу фардои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, он умеду боварии мардумро ба ояндаи дурахшон қавитар мегардонад.

Хароҷоти соҳаи тандурустӣ барои таъмини афзалиятҳои мазкур, аз ҷумла пешгирӣ, ташхис ва табобати сиривақтии бемориҳои дилу рагҳо, татбиқи маблағгузории сарикасии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи миллӣ ва мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ пешбинӣ карда шудааст [2].

Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2017 дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1**

***Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи  тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2017***

| | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **17/11 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи беморхонаҳо, воҳид | 439 | 445 | 461 | 467 | 474 | 479 | 484 | 11% |
| Шумораи бунгоҳҳои саломатӣ, воҳид | 1687 | 1695 | 1696 | 1704 | 1711 | 1704 | 1719 | 2% |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муассисаҳои табобатие, ки ба аҳолӣ ёрии тиббии амбулаторӣ мерасонанд, воҳид | 1410 | 1503 | 1517 | 1518 | 1540 | 1555 | 1567 | 12% |
| Шумораи катҳои беморхонаҳо: ҳамагӣ, адад | 38150 | 38107 | 38582 | 38714 | 39032 | 39816 | 40100 | 6% |
| ба 10000аҳолӣ | 48,9 | 47,7 | 47,3 | 46,4 | 45,6 | 45,5 | 40.1 | |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторӣ ва дармонгоҳҳо | 66,2 | 66,8 | 68,4 | 67,4 | 67,0 | 67,4 | 67,3 | |
| ба 10000аҳолӣ | 85,9 | 83,6 | 83,9 | 80,7 | 78,3 | 77,1 | 75.3 | |
| Шумораи духтурони ҳамаи ихтисосҳо, нафар | 15973 | 16248 | 16649 | 17352 | 17797 | 18044 | 18700 | 17% |
| ба 10000аҳолӣ | 20,5 | 20,3 | 20,4 | 20,8 | 20,8 | 20,6 | 21 | |
| Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ, нафар | 36848 | 38635 | 40063 | 43105 | 46037 | 49434 | 51800 | 41% |
| ба 10 000аҳолӣ | 47,2 | 48,4 | 49,1 | 51,6 | 53,8 | 56,5 | 58 | - |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С.142.* [3].

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 нишон медиҳанд, ки шумораи беморхонаҳо 439 воҳидро дар соли 2011 ташкил медод, вале дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 484 адад расида, дар соли 2017 нисбат ба соли 2011, 11,1% зиёд гардидааст. Шумораи бунгоххҳои саломатӣ ҳам дар солҳои таҳлили зиёд гардидааст. Дар соли 2011 шумораи бунггоҳои саломатӣ 1687 воҳидро ташкил медод, вале дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 1719 расида, ё ки 2,0 % нисбат ба соли 2011 афзоиш ёфтааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки шумораи муассисаҳои табобатие, ки ба аҳолӣ ёрии тиббии амбулаторӣ- дармонбахшӣ мерасонанд, зиёд гардидаанд. Дар соли 2011 шумораи чунин муассисаҳо 1410 воҳидро ташкил медода бошад, дар соли 2017 ин нишондиҳанда ба 1567 воҳид расида, 12,1% нисбат ба соли 2011 афзоиш ёфтааст. Шумораи катҳои беморхонаҳо дар соли 2011- 38150 ададро ташкил дода буданд, дар соли 2017 нишондиҳандаи мазкур ба 40100 адад расида, ки 6% афзоишро нишон медиҳад. Иқтидори муассисаҳои амбулаторӣ ва дармонгоҳҳо низ афзоиш ёфта, аз 66,2% дар соли 2011 то 67,3% дар соли 2017 боло рафтааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки шумораи духтурони ҳамаи ихтисосҳо, сол то сол зиёд мешаванд. Агар дар соли 2011 ин шумора 15973 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2017 ба 18700 нафар расида, 17,9% нисбат ба соли 2011 афзоиш ёфтааст.

Шумораи кормандони миёнаи тиббӣ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба афзоиш дорад. Масалан, дар соли 2011 шумораи кормандони миёнаи тиббӣ - 36848 нафарро ташкил дода бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 51800 нафар расидааст, ё ки 41,1 % нисбат ба соли 2011 афзудааст.

Афзоиши андозаи маоши кормандони соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2007-2016 дар ҷадвали 2 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 2**

***Афзоиши андозаи маоши кормандони соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2007-2016***

| Солҳо | Афзоиш % | Маоши вазифавии миёнаи табибон | Маоши вазифавии миёнаи кормандони миёнаи тиб | Маоши вазифавии миёнаи кормандони хурди тиб |
|---|---|---|---|---|
| 2007 | 50% | 87,36 | 61,11 | 48,15 |
| 2008 | 70% | 122,30 | 85,55 | 67,40 |
| 2009 | 30% | 225,00 | 133,00 | 100,00 |
| 2010 | 33% | 332,00 | 206,00 | 122,00 |
| 2011 | 40% | 465,00 | 288,40 | 170,80 |
| 2012 | 40% | 651,00 | 403,76 | 239,12 |
| 2013 | 21% | 788,00 | 488,55 | 289,33 |
| 2016 | 20% | 945.60 | 586,26 | 400,00 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017.* [4].

Рақамҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки афзоиши маоши кормандони соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2007-2016 назаррас мебошад. Масалан, агар маоши вазифавии миёнаи табибон дар соли 2007 87,36 сомониро ташкил дода бошад, пас ин маблағ дар соли 2016 ба 945,60 сомонӣ расидааст, яъне ба маблағи 858,24 сомонӣ зиёд гардидааст. Маоши вазифавии миёнаи кормандони миёнаи тиб ҳам, дар солҳои таҳлилӣ зиёд гардидааст. Агар дар соли 2007, маоши вазифавии миёнаи кормандони миёнаи тиб 61,11 сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2016 ин нишондиҳанда ба 586,26 сомонӣ расида, ба андозаи 525,15 сомонӣ афзоиш доштааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки маоши вазифавии миёнаи кормандони хурди тиб низ зиёд гардид. Дар соли 2007 маоши вазифавии миёнаи кормандони хурди тиб 48,15 сомониро ташкил дода бошад, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2016 ба 400 сомонӣ расидааст, яъне 351,85 сомонӣ афзудааст.

Шумораи миёнаи солонаи машғулин ва музди меҳнат дар соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2011-2016 дар ҷадвали 3 оварда шудааст .

**Ҷадвали 3**

***Шумораи миёнаи солонаи машғулин ва музди меҳнат дар соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2011-2016***

| **Нишондиҳандаҳо** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2016 / 2011 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи машғулин дар соҳаи тандурустӣ, ҳазор нафар | 84,0 | 88,6 | 90,6 | 94,0 | 98,3 | 104,5 | 124,4 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли пешина | 103,7 | 105,5 | 102,3 | 103,8 | 104,6 | 106,3 | |
| Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи меҳнат, ки ба кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо ҳисоб карда шудааст, ҳамагӣ, сомонӣ | 442,1 | 555,29 | 694,89 | 816,2 | 878,9 | 962,1 | 217,6 |
| Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи меҳнатии кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи тандурустӣ | 329,0 | 447,53 | 597,60 | 675,2 | 677,9 | 735,1 | 223,4 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017* [1].

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 чунин бармеояд, ки шумораи машғулин дар соҳаи тандурустӣ, сол то сол меафзояд. Агар дар соли 2011 шумораи машѓулини соҳаи тандурустӣ 84,0 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2016 ба 104,5 ҳазор нафарро ташкил додаст, ё ки 24,4% нисбат ба соли 2011 афзоиш ёфтааст. Музди миёнаи номиналии ҳармоҳаи меҳнатии кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои соҳаи тандурустӣ бошад, дар соли 2016 23,4% нисбат ба соли 2011 зиёд гардидааст.

Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2011-2016 дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4**

***Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ дар солҳои 2011-2016***

| **Нишондиҳандаҳо** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети давлатӣ, ҳамагӣ | 16185,1 | 18247,9 | 19693,9 | 21337,4 | 23785,2 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД | 33,4 | 33,5 | 32,2 | 31,9 | 30,4 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи тандурустӣ (ҳаз.сомонӣ) | 1150.1 | 1254,5 | 1385,2 | 1550,9 | 1705.9 |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба хароҷоти умумии давлатӣ | 7,1% | 6.9% | 7,1% | 7,3% | 7.1% |
| ба ҳисоби фоиз нисбат ба ММД | 2,1 | 2,0 | 2,1 | 2,1 | 2,3 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷмкистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018*[6].

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 чунин бармеояд, ки дар маҷмуъ хароҷоти буҷети давлатӣ дар ҳоли афзоиш аст, яъне агар дар соли 2015 хароҷоти буҷети давлатӣ 16185,1млн. сомониро ташкил дода бошад, пас ин рақам дар соли 2019 ба 23785,2 млн. сомонӣ расида, ё ки 47 % афзоиш ёфтааст.

Дар сохтори хароҷотии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои иҷтимоӣ бахши афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар соли 2019 барои маблағгузории ин соҳа аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузории буҷетӣ 10393,8 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли ҷорӣ 973,2 млн. сомонӣ ё 10,3 фоиз зиёд мебошад. Хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 43,7 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 13,3 фоизи ММД-ро ташкил мекунад. Афзоиши маблағгузории ин соҳаҳо дар солҳои минбаъда низ нигоҳ дошта шуда, дар соли 2020 равона намудани 11324,3 млн. сомонӣ ва12296,5 млн. сомонӣ дар соли 2021 дар назар дошта шудааст, ки афзоиши миёнаи солонаи он зиёда аз 9,3 фоизро ташкил мекунад

Дар буҷети соли 2019 нисбат ба соли 2018 ба соҳаи тандурустӣ 7,2 фоиз бештар маблағ равона карда шуда, танҳо дар давоми 3 соли оянда дар миқёси кишвар беш аз 560 беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти соҳаи тандурустӣ бунёд карда мешавад, ки ин ҳама бешак ба сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва баланд шудани сатҳи солимии мардум заминаи хубе хоҳад гузошт.

Дар ин робита хароҷоти соҳа дар ҳаҷми 1705,9 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2018 ба маблағи 155,0 млн. сомонӣ ё 10,0 фоиз зиёд мебошад. Дар соли 2020 барои рушди соҳаи мазкур 1882,1 млн. сомонӣ ва соли 2021 маблағи 2132,3 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст, ки афзоиши миёнаи солонаи он 11,2 фоизро ташкил менамояд.

Ҳамин тавр, соҳаи тандурустӣ самти афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**

1. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020. С.65-103.

3. Барномаҳои рушди иқтисодию- иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. Молияи Тоҷикистон – Душанбе, 2018. С. 19-29.

5. Тавзеҳот оид ба самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2021 С. 11

6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018.

**Қодиров Д.С.,**
муаллими калони кафедраи идоракунии давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел.: +992 98703625, E-mail: dovar.qodirov.88@mail. ru

# ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАИ МИЛЛӢ ДАР АФҒОНИСТОН ДАР ОСОРИ ҲАҚНАЗАР НАЗАРОВ

**Аннотатсия**

*Муҳаққиқ Ҳақназар Назаров дар баробари дигар самтҳои пажӯҳиши илмии таърихи Афғонистон ба масъалаи миллӣ дар ин кишвар таваҷҷӯҳи хоссае дошта, онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.*

*Ҳақназар Назаров аз нигоҳи илмӣ сиёсати табъизталабӣ, имтиёзҷӯӣ, бартариҷӯии қавмӣ ва зулму ситами миллӣ ва истибдоди феодалиро аз ҷониби ҳукуматҳои пешинаи Афғонистон сахт интиқод намуда, пайомадҳои ногувори онро дар идораи давлатии ин кишвар пешбинӣ намуда буд.*

*Аз ин лиҳоз муаллифи мақолаи мазкур кӯшиш намудааст, ки холисона масъалаи миллиро дар Афғонистон дар осори Ҳақназар Назаров ва дигар муҳаққиқон ба риштаи таҳқиқ кашад.*

**Вожаҳои калидӣ:** Ҳақназар Назаров, афғоншинос, Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ, масъалаи миллӣ, сиёсати табъизталабӣ, давлати федеративӣ, давлати касирулмиллат, тоҷикҳо, паштунҳо

**Аннотация**

**Исследование национального вопроса в Афганистане в трудах Хакназара Назарова**

*Исследователь Хакназар Назаров наряду с другими направлениями своих научных иссследований истории Афганистана особое внимание уделял национальному воспросу в этой стране и проанализировал данную тематику.*

*Хакназар Назаров жёстко раскритиковал дискриминационную политику, привилегии, племенное превосходство, национальное притеснение и феодальную диспотию со стороны бывшего правительства Афганистана. Он также спрогнозировал неприятные последствия подобной политики в государственном управлении этой страны.*

*Автор настоящей статьи постарался объективно исследовать национальный вопрос в Афганистане в трудах Хакназара Назарова и других исследователях.*

**Ключевые слова:** Хакназар Назаров, афганистик, Мухаммад Тахир Бадахши, национальный вопрос, дискриминационная политика, федеративное государство, многонациональное государство, таджики, паштунцы

**Annotation**

**The study of the nationality question in Afghanistan in works** H**aqnazar** N**azarov**

*The researcher Haqnazar Nazarov side by side with the other direction scientific explore history Afghanistan emphases spared about national question on this country and analysed this themes.*

*Haqnazar Nazarov with scientific glance hard criticized discrimination policy, privilege, tribal superiority, national oppression and feudal autocracy with side former government Afghanistan. He also forecasted the unpleasant consequences like policy in public administration these country.*

*So author persisting article strives that objective to research the nationality questions in Afghanistan in works Haqnazar Nazarov and other researcher.*

**Key words:** Haqnazar Nazarov, Afghanistan expert, Muhammad Tahir Badahshi, nationality question, discrimination policy, federative state, multinational state, tajiks, pashtons

Муҳаққиқ Ҳақназар Назаров дар баробари дигар самтҳои пажӯҳиши таърихи Афғонистон ба масъалаи миллӣ дар ин кишвар таваҷҷӯҳи хоссае дошта, онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Агар ба осори Ҳ.Назаров бо диққат назар андозем, маълум мегардад, ки ӯ ҳанӯз охири солҳои 50-уми қарни XX ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон диққати худро равона намуда буд.

Ҳ. Назаров аз нигоҳи илмӣ сиёсати табъизталабӣ, имтиёзҷӯӣ, бартариҷӯии қавмӣ ва зулму ситами миллӣ ва истибдоди феодалиро аз ҷониби ҳукуматҳои пешинаи Афғонистон сахт интиқод намуда, пайомадҳои ногувори онро дар идораи давлатӣ ин кишвар пешбинӣ намуда буд.

Нисбат ба андешаҳои муҳаққиқ Ҳ. Назаров дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз ҷониби афғоншиносони Шӯравӣ ва Тоҷикистон дар он замон вокуниши сахте нишон дода шуда буданд. Табиист, ки таърихнигори расмии шӯравӣ ҳам аз таърихнигори расмии афғонӣ кам фарқ мекард. Дар Давлати шӯравӣ ҳам аз консепсияи илмии пешниҳодкардаи афғоншинос И. М. Рейснер дар хусуси масъалаи миллӣ ва дигар масоили афғоншиносӣ сарфи назар намуда, манфиатҳои стратегии шӯравӣ дар мадди аввал гузошта мешуданд. Аз ин ҷиҳат давлати Шӯравӣ бо режими томгароии худ дар охири солҳои 50-уми қарни XX аз манофеи паштунҳо ҳимоя намуда, ба халқиятҳои ғайрипаштун таваҷҷуҳе зоҳир наменамуд.

Ҳ.Назаров дар масъалаи миллӣ дар Афғонистон яке аз идомадиҳандагони консепсияи илмии пешниҳодкардаи афғоншиноси маъруфи шӯравӣ И.М. Рейснер ҳисоб меёфт ва онро солҳои баъди такмил додааст.

Аммо аз осори Ҳ. Назаров, ки дар солҳои 60-70-уми қарни XX навишта шудааст, маълум мегардад, ки ба масъалаи миллӣ кам муҳаққиқ диққати худро равона намудааст. Ба андешаи мо маҳз сиёсати Давлати шӯравӣ ба устод Ҳ. Назаров имкон надодаанд, ки ин масъаларо мавриди пажӯҳиши жарфтар қарор диҳад. Аз ҷониби дигар, таҳқиқи масъалаи миллӣ дар он ҳангом хатари ҷиддие ба ҳаёти Ҳақназар Назаров ҳисоб меёфт. Новобаста

аз ин, Ҳ. Назаров дар осори солҳои 60-70-уми қарни XX худ дар бахше аз қисматҳои он ба таври пардапӯшона масъалаи миллиро низ таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ Ҳ.Назаров масъалаи миллиро дар Афғонистон дар партави «ҷунбишҳои мардумӣ», ки осори солҳои 60-70-уми қарни XX бо ин ном оғоз мешуданд, ба риштаи таҳқиқу таҳлил кашидааст.

Солҳои 80-уми қарни XX дар замони бозсозӣ дар кишвари шӯроҳо, масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз ҷониби Ҳ.Назаров аз нигоҳи нави илмӣ таҳқиқ гардидаанд [7].

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар остонаи қарни XXI ба Ҳ. Назаров имконият фароҳам овард, ки як зумра асарҳою мақолаҳои бунёдӣ дар бораи масъалаи миллӣ дар Афғонистон таълиф намояд [3;4;5;6;9].

Мо дар заминаи асару мақолаҳои дар боло зикргардидаи Ҳ. Назаров ва дигар адабиёти илмии дар даст дошта, кӯшиш мекунем, ки масъалаи миллиро дар осори муҳаққиқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Масъалаи миллӣ дар Афғонистон ба яке аз масъалаҳои доғи рӯз аз замони таъсиси давлати афғонҳо то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Вобаста ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон Ҳ.Назаров андешаҳои хеле ҷолибе дар осори худ баён намудааст. Ӯ менависад: «Масъалаи миллӣ дар Афғонистон ба яке аз мушкилоти тезу тунди иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфтааст. Дар адабиёти марбут ба Афғонистон чунин ақида муқаррар гардида буд, ки афғонҳо (паштунҳо) аксарияти аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд, аз ин лиҳоз, масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии рушду инкишофи на танҳо ду-се даҳсолаи охир, балки тамоми таърихи Афғонистон аз мавқеи онҳо мавриди арзёбӣ қарор дода шавад. Вақте ки муносибатҳои миллӣ тезу тунд шуданд, оқибат ба ҷунбишҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат оварда расонд, ки қисмизиёди «афғонҳо» тарафҳои муқобили ҷунбишҳо ҷудоихоҳӣ, ғасбкорӣ ва миллатгароии онҳоро баён намудаанд. Дар робита ба ин омӯзиши масъалаи миллӣ барои ифшои моҳияти ҷунбишҳои иҷтимоӣ, ки густариши фарох ёфтанд, маъмулан аҳамияти муҳимро касб менамуданд» [10,81].

Аз ин андешаҳои муҳаққиқ Ҳ.Назаров ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки афғонҳо (паштунҳо) ба ҳеҷ сурат намехостанд, ки зимоми давлатдорӣ ба дасти ақвоми ғайрипаштун интиқол ёбад. Бо ин мақсад онҳо дар байни қабилаи ғайрипаштун тоҷикҳо, ӯзбекҳо, ҳазораҳо ва соири дигар ақвом тафриқаандозӣ ва зулму ситами миллӣ ва иҷтимоиро ба роҳ монданд.

Устод Ҳ. Назаров дар мақолаи бунёдии худ «Перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон» низ дар такя ба адабиёти нодири илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва афғон, бори дигар масъалаи миллиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Вижагии хоси ин мақола дар он зоҳир мегардад, ки дар он далелҳои тозаи илмӣ роҷеъ ба масъалаи миллӣ дар Афғонистон ҷой дода шудаанд. Муаллиф дар мақолаи худ дар хусуси сиёсати миллии ҳокимони афғон нисбат ба қавму қабилаҳоии ғайриафғон, ҷойгиркунии қабилаҳои афғон дар заминҳои аҳолии ғайриафғон, табъизхоҳӣ, азаматталабӣ, зулму ситами миллӣ,

сиёсати иқтисодии молиявӣ, масъалаи забон ва амсоли инҳо андешаҳои судмандро пешкаши хонанда намудааст.

Муҳаққиқ Ҳ.Назаров чунин таъкид менамояд: «Афғонистон кишвари сермиллат бошад ҳам, аммо паштунҳо мавқеи ҳукмронӣ доранд, ҳол он ки мавқеи иқтисодӣ ва иҷтимоии тоҷикон ва дигар халқҳо хеле муҳим аст. Дар сурате ки онҳоро бедории миллӣ фаро гирифтааст, онҳо ба вазъи пештара муросо карда наметавонанд. Инқилоби Савр бисёр масоили муҳими сиёсати миллиро матраҳ сохт, лекин ҷанги эълоннашуда ҳаллу фасли онро ба таъвиқ андохт, ки ин боиси ташаннуҷ ва кашидагии авзои сиёсии Афғонистон гардидааст» [9,10].

Ҳ.Назаров дуруст андешаронӣ намудааст, ки сиёсати миллӣ ҳокимони афғон аз амир Абдураҳмонхон сар карда, то пирӯзии инқилоби Савр маҳз дар ҷойгирсозии қабилаҳои афғон дар ноҳияҳои шарқӣ, ғарбӣ ва шимолии мамлакат, ки дар он ҷо халқҳои ғайриафғон иқомат менамуданд, иборат буд. Аз ҷониби дигар, афғонҳо халқиятҳои ғайриафғонро ба зулми иқтисодӣ, андоз ва дигар молиёти феодалӣ гирифтор карда буданд, ки бениҳоят вазнину сангин буданд. Онҳо ба идораи мамлакат роҳ намеёфтанд.

Маҳз бори нахуст Ҳ. Назаров дар ҳамин мақолаи худ дар такя ба доҳии синфи коргар В.И.Ленин ва рӯзномаи «Меҳан» дар хусуси таъсиси давлати федеративӣ дар Афғонистон изҳори ақида намудааст. Ӯ менависад: «Гомҳои устувор дар роҳи таъмини ҳуқуқҳои сиёсии халқҳои ситамдида маҳз таъсиси давлати федеративӣ ва таҷзияи маъмурӣ-ҳудудии мамлакат бо ба инобатгирии вижагиҳои миллӣ ва таърихӣ бояд асос ёбад. Дар идома муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки маҳви умумии ситами миллӣ танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки таъмини пурраи баробарҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамаи миллатҳо дар асоси ихтиёрна додани ҳуқуқҳои ҳақиқӣ барои худмуайянкунӣ ба онҳо амалан тадбиқ мегардад [9,19]. Умуман, дар ин мақола муаллиф ақидаҳои ҷолибро дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон ироа намудааст.

Дар соли 1992 устод Ҳ. Назаров дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» зери унвони «Тоҳири Бадахшӣ кист?» мақолае ба нашр расонд. Дар ин мақола, муҳаққиқ дар хусуси рӯзгори хонаводагӣ, эҷодиёт ва баррасии масъалаи миллӣ дар Афғонистон аз ҷониби Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ақидаи худро баён намудааст Ҳақназар Назаров дар ин мақолаи худ дар бораи Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ чунин изҳор менамояд: «...рӯҳияи ҷавонмардӣ ва шуҷоатмандии Тоҳири Бадахширо ҳатто дастгоҳи шиканҷаи фашистии аминиҳо ҳам шикаста натавонист. Дар сурате ки робитаи ӯ бо олами беруна тамоман қатъ шуда буд ва ғайр аз қироъати Каломи Маҷид ва Маснавии Мавлавӣ тасаллои дигаре надошт, ӯ боз ҳам барои зиндониёни дигар намунаи ибрат гашта, лақаби ифтихории «Пӯлоди рехта» - ро касб намуда буд» [8,5].

Бешак, Ҳ.Назаров Муҳаммад Тоҳири Бадахширо аз ҷумлаи сиёсатмадорони варзида, ҳомии қавму миллатҳои мазлум, донишманд ва инсони шариф медонист.

Мақолаи дигари бунёдии профессор Ҳақназар Назаров «Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон» номгузорӣ шуда буд. Дар ин мақола муаллиф саъй намудааст, ки

дар заминаи андешаҳои муассиси «Созмони инқилобии заҳматкашони Афғонистон» - и Тоҳири Бадахшӣ, дар таҳқиқоти худ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон андешаронӣ намояд. Аз таҳлилу баррасии ин мақола ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳам Тоҳири Бадахшӣ ва ҳам Ҳ.Назаров аз муаллифони афғоншиноси шӯравӣ ба осори И.М.Рейснер, махсусан, асари «Рушди феодализм ва ташаккули давлатдории афғонҳо», ки соли 1954 нашр шуда буд, мароқи зиёд зоҳир намуда буданд. Бемуболиға Ҳ.Назаров ва Тоҳири Бадахшӣ аз консепсияи илмии И.М. Рейснер оид ба Афғонистон ҷонибдорӣ менамуданд.

Ба қавли Ҳақназар Назаров, дар Афғонистон мардумони ғайрипаштун – ҳазораҳо, ӯзбекҳо ва тоҷиконро мардумони аққалият ва беаслу насаб ҳисоб менамуданд, онҳо ҳаққи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ надоштанд, то вазифа ва масъулиятҳои давлатиро ишғол намоянд [4,56].

«Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон» мақолаи дигари муҳаққиқ Ҳ.Назаров мебошад. Мақолаи мазкур бо далелҳои тозаи илмӣ аз ҷониби муаллиф ба риштаи таҳрир кашида шудааст. Шаҳид Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ (1933-1979) шахсияти миллӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, муборизи роҳи озодӣ, демократӣ ва адолати иҷтимоии халқиятҳои мазлуми Афғонистон ба ҳисоб мерафт.

Ҳ.Назаров таъкид менамояд: «Аз рӯзгоре, ки зимомдории Хуросон ба дасти афғонҳо (паштунҳо ) афтод ва аввалин давлати онон Дуррониҳо соли 1747 мелодӣ бунёдгузорӣ шуд, тамоми вазоифи муҳимми давлатӣ аз сатҳи вулусволӣ то вазорат ва сафорат бо сурати инҳисорот ба ихтиёрии онон қарор гирифт ва қабоили дуррониҳо аз имтиёзоти васеъи сиёсӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдор шуданд. Вақте ки иқтидори кишвар ба шохаи дигари паштунҳо муҳаммадзоиҳо ва баракзоиҳо мунтақил гардид, зулм, истибдод ва бедодгариҳои иҷтимоӣ бисёр тавсиа ёфт. Мустабидтарин даврони салтанати афғонҳо ба андешаи Ҳ.Назаров ба замони ҳукумати амир Абдураҳмонхон (1888-1901) ва Нодир ва Ҳошим (1929-1942) тааллуқ дорад, ки давраи дувум ҳатто ба «истибдоди кабир» ва режими фашистӣ маълуму машҳур гаштааст. Афғонистони ин давраро як кишвари ба истилоҳ «зиндони халқҳои ғайриафғон» номидаанд [5,42-43].

Мақолаи дигари пурмуҳтаво ва арзишманди устод Ҳ. Назаров «Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон» ба шумор меравад. Муҳаққиқ тамоми нерӯи худро сарф намудааст, ки бо истинод ба адабиёти нодири илмӣ ва мулоҳизаҳои худ тамоми равандҳои муносибатҳои миллӣ ва сиёсати миллӣ дар Афғонистонро дар ҳамин мақола ба риштаи таҳқиқ кашад. Як хусусияти фарққунандаи ин мақола дар он таҷассум меёбад, ки муаллифи мақола масъалаи миллиро дар заминаи давлатҳои дар гузашта мавҷудбуда дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Муҳаққиқ иброз медорад, ки азаматталабӣ, табъизхоҳӣ, тафриқаандозӣ, имтиёзҷӯӣ, зулм ва истибдод на танҳо дар таърихи гузаштаи Хуросон, балки дар таърихи муосири Афғонистон густариши бесобиқае ба худ касб намудааст.

Ҳ.Назаров дар ин мақолаи худ менависад: «Ҳайати ҳокимони афғон тамоми дастовардҳо ва комёбиҳои таърихӣ ва фарҳангии Хуросонро ба худ нисбат дода, дигар ақвом ва миллатҳои Афғонистонро аққалияти миллӣ, муҳоҷирини хориҷӣ ва аносири бегона эълом карда буданд» [6,156].

Муҳаққиқ Ҳ.Назаров дар мавриди муайян сохтани маълумоти нисбатан дақиқ ва саҳеҳ оид ба таркиб ва таносуб дар байни ақвоми Афғонистон ба асари машҳури муаррихи афғон М.Ғ.Ғубор «Афғонистон дар масири таърих» такя намудааст. Ҳақназар Назаров бо ин асар ишора намуда, дар мақолаи худ чунин менигорад: «…аз ҷумлаи 15 млн. аҳолии Афғонистон паштунҳо 6 млн ё 40% аҳолӣ, даризабонҳо (тоҷикҳо ва ҳазораҳо) 8 млн ё 53%, таркиби забонҳои (ўзбекҳо ва туркманҳо) бештар аз 1 млн ё 7%-и аҳолии мамлакатро ташкил медиҳанд [6,157].

Новобаста аз он, ки шумораи даризабонҳо дар Афғонистон зиёд ҳастанд, то ба имрўз дар байни муҳаққиқон андешаву мулоҳизаҳои гуногун атрофи таносуби аҳолӣ, ки ҷузъи масъалаи миллӣ ҳисоб меёбад, ҷой дорад.

Саиди Саъдӣ муҳаққиқи нозукбин дар асари худ «Мухтасари таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон» [11] роҷеъ ба таркиб, нуфус ва сукунати ақвоми паштун ва ғайрипаштун - тоҷикҳо, ҳазораҳо, ўзбек ва амсоли инҳо маълумоти тозаи илмӣ бо ишора ба адабиёти арзишманди бунёдӣ, аз ҷумла профессор Ҳ.Назаров баён доштааст.

Масъалан, дар Энсиклопедияи советии тоҷик дар мақолаи Афғонистон афғонҳо бештар аз 9 млн, тоҷикҳо 4 млн 300 ҳазор, дар асари Ш. Зарипов «Кўчиёни Афғонистон» паштунҳо (афғонҳо) 55% ва тоҷикон 19% нишон дода шудааст. М.Ғ. Ғубор тавре дар боло овардем, нуфузи даризабонҳоро дар Афғонистон зиёдтар нишон додааст, ки ба воқеият наздиктар аст. Муаррихи дигари Афғонистон Мирмуҳаммад Сиддиқи Фарҳанг дар китоби худ «Афғонистон дар панҷ қарни охир» нуфуси афғонҳоро 36 дарсад таъйин намудааст. Шарқшиноси рус Н. В.Хаников дар асари худ «Андешаҳо роҷеъ ба таҳқиқи мардуми Эрон» теъдоди умумии тоҷикони Афғонистонро дар миёнаҳои асри XIX 1,5 млн. тахмин кардааст. Шарқшиноси ўзбек М.А. Бобохоҷаев нуфуси тоҷиконро дар асари худ «Очеркҳо дар бораи таърихи нави Афғонистон» 1 млн. нишон додааст. Дар таҳққиқоти ховаршиноси тоҷик Р. Маҳмадшоев «Тоҷикони Афғонистон дар замони нав» теъдоди тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX 2 млн оварда шудааст. Шарқшиноси дигари тоҷик Ҳ.Назаров дар таҳқиқоти худ «Ҷунбишҳои иҷтимоии солҳои 20-уми асри XX дар Афғонистон» дар бораи шумораи аҳолии Афғонистон чунин арқомро мутазаккир шудааст, ки дар солҳои 20-уми асри XX дар Афғонистон 9 млн нафар аҳолӣ вуҷуд дошта, аз ин 3,5 млн афғонҳо ва 3 млн тоҷикон ташкил медоданд. Арқоме, ки Р. Маҳмадшоев ва Ҳ.Назаров дар бораи нуфуси тоҷикон дар Афғонистон овардаанд, албатта тахминианд, аммо ба воқеият наздиктар мебошанд [11,67-71].

Дар остонаи қарни XXI маълумот дар хусуси таносуби этносҳо ва қавмҳои асосии Афғонистон дар адабиёти хориҷӣ ва сомонаҳои интернетӣ ҳар гуна арзёбӣ карда мешавад. Барои мисол, охирин арзёбиҳои коршиносон рус, ки ба масъалаи афғоншиносӣ

машғул мебошанд, таносуби паштунҳоро 47-49% нишон доданд, ҳол он ки бар асари ҷанги дохилӣ бештар аз қавмҳои дигар маҳз паштунҳо муҳоҷир шуда ва ба хориҷ аз кишвар рафтаанд. Коршиносони СММ низ дар ин маврид маълумот пешниҳод намудаанд, ки бар асоси он дар соли 1978 паштунҳо 40%, тоҷикҳо 30%, ўзбекҳо 8,3%, аймоқҳо 4,2%, балуҷҳо 1,8%, нуристонҳо 0,6%, пашаиҳо 0,5%, дигарон 1,4% аҳолии Афғонистонро ташкил медоданд [2,193].

Тибқи омори дигар, гўё сафорати Амрико ва Англия натиҷаи баҳисобгирии аҳолиро, ки ду сол пеш дар Афғонистон гузаронида буданд, нашр карданд. Мувофиқи он аз 34 млн аҳолии Афғонистон:

1. Тоҷикҳо 45,6%
2. Паштунҳо 26,4%
3. Ҳазораҳо 13,1%
4. Ўзбекҳо 7,2%
5. Туркманҳо 2,2%
6. Дигар қавмҳо 5%[2,194].

Дар сомонаҳои интернетӣ низ дар замони муосир дар атрофи теъдоди нуфуси Афғонистон маълумоти гуногун оварда шудааст. Барои мисол, доктор Ҳамид Муфид омори нуфуси Афғонистонро дар 34 вилоят таҳти баррасӣ қарор дода, се қавми бузург тоҷикҳо 39,64%, паштунҳо 34,67%, ҳазораҳо 12,65% ва бақияи ақвомро 13,04% муайян намудааст[12].

Муҳаққиқ Мирзо Шукурзода дар хусуси масъалаи миллӣ дар Афғонистон чунин иброз медорад: «Ин ки мегўянд, Афғонистон мўзее аз ақвоми мухталиф аст, иштибоҳи маҳз аст. Зеро дар маҷмўъ чаҳор ё панҷ қавм дар ин сарзамин ба сар мебаранд, ки аксари онҳо пайванди танготанге бо ҳам доранд...» [13,38]. Бинобар ин, ба ақидаи ин муҳаққиқ дар Афғонистон ду қавми муаззам тоҷик ва паштун истиқомат менамоянд, ки ҳудудан ҳаштод дар сади ҷамъияти кишварро дар бар мегиранд.

Сарфи назар аз он, ки аксари коршиносон ва афғоншиносон шумораи қавмҳои ғайрипаштун, хосса тоҷиконро назар ба паштунҳо зиёд нишон медиҳанд, аммо афғонҳо ба ин гуна арзёбӣ ҳеҷ розӣ шудан намехоҳанд. Онҳо худро қавми сернуфус дар ҷомеаи Афғонистон ҳисоб намуда, аз сермиллат будани ин минтақа худдорӣ менамоянд.

Аз ин рў, дар миёни роҳбарони сиёсии қавмҳои ғайрипаштун масъалаи таъсиси давлати федеративӣ аз рўйи асли (принсипи) этникӣ-ҳудудӣ ва ҳатто бо додани ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо дар Афғонистон ҳанўз солҳои 60-уми қарни XX матраҳ шуда буданд. Дар солҳои охир, якчанд тарҳҳои сохтори федеролӣ барои Афғонистон низ пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, тарҳи аввал тақсим кардани Афғонистон ба ду ҷумҳурӣ, тарҳи дуюм ба панҷ субъекти федеролӣ бо номҳои таърихии онҳо, тарҳҳои дигар ба 9 иёлат ва амсоли инҳо [2,196-199].

Ба назари мо, агар дар солҳои минбаъда азаматталабӣ, табъизхоҳӣ, имтиёзҷӯӣ ва зулму истисмори табақаи афғон ба муқобили аҳолии ғайриафғон густариш ёбад, шояд амалишавии ин тарҳҳо имконпазир бошад.

Аммо ба назари афғоншиноси номии тоҷик Шарофиддин Имом маҳз ҳамкорӣ ва ҳамёрии таърихӣ ва стратегии тоҷикон ва паштунҳо – ду қавми пурнуфустарин ва бонуфузтарин зомини субот ва бақои Афғонистон ҳамчун давлати мустақил, нерӯманд ва дорои мақоми шоиста дар низоми навини байналмилалӣ хоҳад буд [1,7].

Ҳамин тариқ, Ҳ.Назаров низ дар охири қарни XX ва остонаи XXI ба мисли дигар афғоншиносоне, ки масъалаи миллиро дар Афғонистон холисона таҳқиқ намудаанд ва баробари тамоми ақвомро дар низоми идораи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баён менамоянд, аз он пуштибонӣ намудааст. Аммо сад афсӯс, ки паштунҳо назарияи «аксарияти қавмӣ»-ро намепазиранд ва худро бунёдгузори тамаддуни ғановатманди Афғонистон (Хуросони Бузург ва ё Ориёнои Кабир –Д.Қ.) меҳисобанд. Бо чунин андешарониҳои ғалати паштунҳо, албатта боз ҳам дар байни ақвоми ғайриафғон тухми нифоқ дар солҳои баъди низ кошта мешавад.

**Адабиёт:**

1. Имом Ш.Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX. -Душанбе, 2003.-265 с.

2. Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷи ҷангу сулҳ.-Душанбе:Дониш,2018.-219 с.

3. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.–Душанбе: Дониш,1998.-656с.

4. Назаров Ҳ. Масъалаи миллӣ дар таърихи муосири Афғонистон //Фарҳанги Ориёно, Шумораи 7,8,9, –Душанбе, 2000.– С.55-59. (Ба хатти форсӣ).

5. Назаров Ҳ. Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ ва тарҳи масъалаи миллӣ дар Афғонистон // Ёдномаи Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ.–Душанбе,2000.– С.40-54. (Ба хатти форсӣ).

6. Назаров Ҳ. Як нигоҳи умумӣ перомуни масъалаи миллӣ дар Афғонистон // Ому, Шумораи 2. Соли 2001.– С.151-165. (Ба хатти форсӣ).

7. Назаров Ҳ., Мерганов С. Афғонистони навин.-Душанбе: Ирфон, 1982–176 с.

8. Назаров Ҳ.Тоҳири Бадахшӣ кист? //Адабиёт ва санъат.-1991.-7 ноябр (№45).-С.5.

9. Назаров Х. К постановке национального вопроса в Афганистане// Изв. АН. ТаджССР. Сер.: Востоковедение, история, филология.–1991.–№2.–С.10-20.

10. Назаров Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане./Отв. ред. А.Г. Слонимский; АН Тадж. ССР. Ин-т востоковедения. –Душанбе: Дониш, 1989.–265 с.

11. Саиди С. Мухтасари таърихи сиёсии тоҷикони Афғонистон.–Душанбе: Оли Сомон, 1995.–72 с.

12. Ҳамид М. Доктор Ҳамид Муфид: Анқариб 40 дарсади ҷамъияти Афғонистон тоҷиканд аз санаи 11.03.2018с.

http://tajikam.com/tajik/index.php?option=com_content&view=article&id=218:----40----&catid=6:2012-02-06-07-19-05&Itemid=5 (санаи муроҷиат: 14.11.2018 с.)
13. Шакурзода М. Размоварони Ҳиндукуш.-Душанбе:Адиб, 2009. -480 с.

**Носиров М. С.,**
мудири бахши табъу нашри Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
тел.: (+992) 939 996 092

**Шоев Т.Ю.,**
магистранти Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир,33, тел.: (+992) 988 37 37 47,
E-mail: tohirjon.shoev@mail.ru

# АҲМАДИ ДОНИШ САРОМАДИ ҶАРАЁНИ ДЕМОКРАТИИ МАОРИФПАРВАРӢ

**Аннотатсия**

*Дар мақола нақши маорифпарварии мутафаккири машҳури халқи тоҷик Аҳмад Маҳмуди Дониш мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

*Аҳмади Дониш, ки нахустин маорифпарвари Осиёи Марказӣ буд, ба муқобили сохти зӯроварии манғития дар асри XIX баромад кардааст. Ӯ тарзу усули кӯҳнашудаи таълиму тарбияро дар аморати Бухоро маҳкум намуда, барои кушодани мактабҳои нав, ҷорӣ кардани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, тарбия кардани мутахассисон дар хориҷи кишвар саҳми беандозаи худро гузоштааст.*

**Калидвожаҳо:** Аҳмади Дониш, маорифпарварӣ, ислоҳоти маориф, таҷрибаи Россия, ҷавонон, забонҳои хориҷӣ, кушодани мактаби нав

**Аннотация**

**Ахмад Дониш в истоках демократического течения просветительства**

*В статье авторы рассматривают вопросы просветительской роли великого мыслителя таджикского народа Ахмада Махдуми Дониша. Ахмад Дониш одним из первых просветителей выступил против деспотического режима правителей династии мангитов в XIX веке. Он подвергал жесткой критике и осуждал существующие схоластические методы обучения и воспитания в школах Бухарского эмирата, предлагал реформы в системе образования, открывать школы нового типа с преподованием точных и природоведческих дисциплин, переняв опыт зарубежных стран.*

**Ключевые слова:** Ахмади Дониш, просветительство, реформа образования, опыт России, молодежь, иностранные языки, открытие школы нового типа

**Annotation**

**Ahmadi Donish in the origins of the democratic stream of enlightenment**

*The Author considers the issues of enlightenment role of the great thinker of Tajik nation Ahmad Mahdumi Donish in the article. Ahmadi Donish was one of the first enlighteners who made a stand against a despotic regime of the mangit dynasty governors in XIX century. He harshly criticized existing scholastic methods of education in the schools of Bukhara Emirate, proposed reforms in the education system, opening new type schools with exact and natural subjects, taking over the experience of foreign countries.*

**Keywords:** Ahmadi Donish, educating, experience of Russia, guardian of children, youth, foreign languages, opening school

Ташвиқи илму маърифат, ҳимояи маориф масъалаи нав нест. Ин масъала аз давраҳои қадим мавзӯи асосии эҷодиёти адибон ва баҳсу мунозираи мутафаккирон аст. Устодони бузурги каломи бадеъ, мутафаккирони форсу тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон омӯхтани илмҳоро тарғиб менамуданд. Ба вуҷуд омадани ҷараёни маорифпарварӣ падидаи нави иҷтимоӣ буда, пайдоиши он ба омилҳои айнӣ ва зеҳнии асрҳои XVII-XVIII дар Аврупои Ғарбӣ алоқаманд аст. Дар ин давра муносибатҳои ақибмондаи феодалӣ садди роҳи инкишофи муносибатҳои пешрафтаи сармоядорӣ мешуданд. Дар чунин вазъият як гурӯҳ мутафаккирони Англия, Фаронса, Олмон ва дигар кишварҳои Аврупо, ба мисли Ҷ.Локк, Волтер, Ш.Монтеске, Г.Лесинг, И.Гёте, Ж.Ж.Руссо, Дидро ва дигарон баҳри инкишофи илму маориф, барҳам додани монеа ва иллатҳои ҷомеаи мавҷуда, ба низом даровардани қонунгузорӣ ва ғайра баромада, ба пайдоиш ва инкишофи ҷараёни маорифпарварӣ асос гузоштаанд.

Ғояҳои ҷараёни маорифпарвариро донишмандон ва муборизони роҳи озодии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Т.Пейн, Т.Ҷефферсон, А.Гамилтон боз ҳам инкишоф доданд. Онҳо таълимоти маорифпарвариро барои бедории миллӣ ва худшиносии халқҳои Амрико, ба муқобили мустамликадорони англис, барои озодии миллӣ ва истиқлолияти ИМА истифода бурданд.

Аҳмади Дониш (1827-1897) дар шароити сахттарини зулму истибдод амир ва таассуби динии ислом дар Бухоро умр ба сар бурдааст.

Аз тарафи Россия забт карда шудани як бахши қаламрави аморати Бухоро дар айёми зиндагонии Аҳмади Дониш ба амал омад. Аҳмади Дониш писари як нафар имоми масҷид буда, дар мактабҳо ва мадрасаҳои Бухоро таълим гирифт. Муддате дар солҳои 1860-1885 дар дарбори амир Музаффар вазифаи мунаҷҷимиро ба ҷо овард. Ӯ аксари асарҳои худро дар нимаи дуюми асри XIX, замоне, ки аморати Бухоро ба ҳукумати подшоҳии Россия вобаста гардида буд, таълиф намудааст.

Устод Садриддин. Айнӣ мегӯяд: "Аҳмади Дониш бисёр хушхат ва лаввоҳи ҳунарманд буда, даромади ин пеша хароҷоти "валинеъматномаи" ӯро мебардошт. Ӯ на танҳо лаввоҳ ва ҷадвалкаш буд, балки рассоми ҳунарманд ҳам буд, ки расмҳои бисёр зинда мекашид"[1,34]. Аҳмади Дониш бо маълумоте, ки аз мадраса гирифта буд, қонеъ нашуда, боз чандин ҳунарҳои дигарро омӯхт. Ӯ шоир, мусиқанавоз, рассом, мунаҷҷим ва ҳаким буд. Аҳмади Дониш дар асарҳои худ дар бораи фалсафа, публисистика ва адабиёти бадеӣ ғояҳои нав ба майдон мегузорад. Асарҳои ӯ барои зиёиёни маорифпарвари Бухорои амирӣ то дараҷае ҷанбаи қомусӣ доштанд. Руҳониёни иртиҷоӣ Донишро "аҳли бидъат" меномиданд. Чунон, ки С.Айнӣ менависад: "Як қисми ин табақаро Аҳмад дар бадӣ шогирди шайтон шуморад, қисми дигарашро дар некӣ ба дараҷаи фаришта мебаровард"[1,30]. Аҳмади Дониш ба сифати узви ҳайати сафорати Бухоро се бор ба Санкт Петербург сафар кардааст. Ин сафарҳо барои ташаккул ёфтани ҷаҳонбинии Дониш аҳамияти махсусе доштаанд.

Аҳмади Дониш пешрафти илму маорифи Русияро бо чашмони худ дид. Ӯ фаҳмид, ки илму маориф омили муҳимми тараққиёти ҷомеа мебошанд, ки ба ин Россия ва дигар кишварҳои Аврупо муваффақ гардидаанд. Мутафаккир тартибу низоми давлатдории амирони манғитияро маҳкум намуда, илму маърифат, маориф ва тарбияи инсонро амри зарурӣ мешуморад. Ӯ аз тарзу усули таълими мактабу мадрасаҳои Бухоро розӣ набуд. Дар мактабу мадрасаҳо ба омӯхтани забони арабӣ, аз худ кардани шариати дини Ислом машғул мешуданд, вале ба омӯхтани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ эътибор дода намешуд. Муалллиф ба хотир меорад, ки илмҳои табиатшиносӣ, нақшакашию хаттотиро берун аз таълими расмии мадраса омӯхтааст. Ӯ тарзу методи таълими мадраса ва усули саводомӯзиро сахт танқид мекунад. Мутафаккир дар сафарҳояш ба Россия дид ва мушоҳида кард, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони арабӣ ба усули дигар ба роҳ монда шудааст. Дар он ҷо вақтро ба ҳалли "муқаддимот" сарф накарда, ба омӯхтани забони ҷиддӣ машғул мешаванд. Дар натиҷа маҳорат ва малакаи тарҷума ва таъбир карданро пайдо мекунад. Муаллиф менависад: "Агар гӯӣ, илми русум муқаддимот-ул-маърифати илми ҳақиқӣ аст ва мафқуфун илайҳ. Гӯем: насорою куффори Фаранг аз ғайри тааллуми сарфу наҳв ва мантиқ ба муҷарради тарҷумаи каломи муфраду мураккаби араб чунон маҳорат пайдо мекунад, ки ба забони мутаадида ҳадису оятро тафсиру таъбир мекунад (аз ғайри тааллум), бе он ки тайи муқаддимот кунанд (аз мубтадову хабар ва ҷару маҷрур ва фоилу маъфул)" [2,96]. Дар мадрасаҳо низоми ягонаи таълим вуҷуд надошт. Толибилмони фақир ҳаққи таҳсилро пардохта наметавонистанд. Амир ба соҳаи маориф, такмилу беҳбудии таълим маблағ ҷудо намекард. Чунин ҳолатро Аҳмади Дониш танқид намуда, ислоҳоти ҷиддии маорифро пешниҳод мекунад. Аҳмади Дониш "муллоҳои расмиро бераҳмона танқид карда, фасоди байни умаро ва уламоро кушода, нуқсонҳои усулҳои дарс, беарзиш ва нодаркор будани аксари чизҳои дар мадраса хондашавандаро нотарсона навишта будааст"[3,110]. Устод Айнӣ ҳолати мадрасаҳои аморати Бухороро хеле хуб медонист. Ӯ андешаҳои Аҳмади Донишро оид ба сифати пасти таълими мадрасаҳо тасдиқ намуда, навиштааст, ки "Шарҳ ва ҳошияҳо ба ҳадде зиёд шудаанд, ки ба масъалаҳои асосии ҳеҷ як илму фан навбат нарасида, муддати 18-20 солаи ҳаёти мадрасагии талаба ба

омӯзиши дебоча ва хутбаю "Шарҳи Мулло"- ҳошияи Қутбӣ, Шарҳи Ақоиди Насафӣ, Таҳзиб, Ҳикмат-ул-айн ва Мулло Ҷалол барин 5-6 китоб, ба ҳошияи онҳо ва ба ҳошияи ҳошияҳои онҳо сарф мешуд. Фанҳое чун ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб ва амсоли инҳо ба номи худ нест шуда рафтанд [1,111].

Андешаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш дар рисолаи "Дар васояти фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо" боз ҳам равшантар баён ёфтаанд. Мутафакир инсонро ҳамчун субъекти ҷомеа тасвир карда, дар ташаккули он муҳим будани мақоми тарбияро нишон медиҳад. Фарзанд нахустин маротиба дар оила ба дунё меояд "Ва ҳар ки абнои ҷинси шумо ба ҷаҳон омадааст- менависад муаллиф, - баъд аз он ки аз канори модар бархост, майл ба лаъбу давидан меорад ва ғалтидан ва бархостан. Чун сукунат ва вақори мардум мебинад, кам-кам аз он доия мутақоид мешавад"[3,112]. Инсон чун калонтар шуд, барои хӯрдану пӯшидан аз пайи симу зар мешавад, вале мебинад, ки зару сим бе пеша бе ягон касбу кор муяссар намегардад. Мутафаккир ба тарзу усули таълиму тарбияи мадрасаҳо бори дигар рӯ оварда, бо таассуф менависад, ки дар ин самт камбудиҳои зиёд мавҷуданд. Талабаи мадраса вақти қимати худро беҳуда сарф мекунад. Муаллиф дар насиҳати фарзандон омӯхтани илмҳои дунявиро зарур мешуморад ва дар бораи касбу пешаҳои гуногун маълумот медиҳад. Ӯ ба хонанда мефаҳмонад, ки дар интихоби касбу ҳунар хато накунад.

Аҳмади Дониш аз таҷрибаи худ медонист, ки омӯхтани илм машаққат ва меҳнати бисёрро талаб мекунад. Ба хотир меорад, ки агар одам ба коре шавқ надошта бошад, онро дуруст аз худ карда наметавонад. Вақте Аҳмади ҷавонро ба дабистон фиристоданд, ҳифз кардани Қуръон ба ӯ мушкил омад, "чунки, - ба хотир меорад мутафаккир ,- лакнат бар забон доштам ва ба душворӣ сабақе ҳифз мекардам ва ба такрори бисёр ҳавсала надоштам. Ҳамин ки аз мактаб берун мешудам, дар маъракаи таъриххонон ҳозир мешудам ва бар он рағбате ва шавқе дар табиат доштам"[4,296]. Ин андешаҳоро муаллиф ба хотири он овардааст, ки падару модарон ба шавқу ҳавас ва ба истеъдоди фарзандон эътибор диҳанд. Аз тарафи дигар, ба усули таълими дабистон эродҳои ҷиддӣ мегирад.

Дар ҷомеа яке аз пешаҳои мақбул ва ба дили мардум наздик табибӣ мебошад, вале дар низоми аморати Бухоро ба ин касб таваҷҷуҳе намешуд. Барои тайёр кардани табибони ҳақиқӣ чорае андешида намешуд. Ба қавли Дониш аксари ин табибоне, ки ҳастанд, "нодонанд ва таламмузнакарда ва ба хидмати устод нарасида" онҳо аз китобҳо баъзе усулҳои табобатро нафаҳмида, истифода мебаранд ва сабаби ҳалокати одамони бемор мегарданд"[2,29].

Аҳмади Дониш ба омӯхтани илми нуҷум машғул шуда аз шуғли ситорашиносӣ баҳраҳо бурдааст. Вале маълум аст, ки баъзе афрод онро барои манфиат ба даст овардан истифода кардаанд. Муаллиф менависад, ки илми нуҷумро бо ду мақсад истифода бурдааст:

Яке он, ки бидонам ва ба ҳама бигӯям. Дигар, шояд ки чизе аз умри мустақбалаи (оянда Н.М.,Ш.Т.) худ маълум кунам ва бар тибқи он амал кунам [2,101-102].

Дар ҳамаи давру замонҳо шахсони эҷодкор, адибону шоирон дар ҷомеа мақом ва мартабаи баланд доштанд. Эҷоди шеър касби наҷиб буда, истеъдод ва маҳоратро талаб мекунад.. Муаллиф менависад: "Ва алҳаққ шеър кардану гуфтан хислате ҳамида муҳтавӣ

бувад бар ҳамду наът ва сифати аҳли ҳақ ва мавъизаю насиҳат. Ва агар муштамил бувад бар фаҳш ва лағву ҳиҷо ва мадҳи ағниё ва умаро бад хислатест ва номаҳдуд сифате". Муаллиф зидди он аст, ки шеърро хор карда, ба мансабдорон , амиру султон мебахшанд.

"Шеър турфа маҳакест, ки - менависад мутафаккир,- сара ва ғаши ҳар нафасеро биайниҳи изҳор мекунад ва нафосату хабосати гавҳарии инсонро маълум мегардонад"[3,115].

Муаллиф масъулияти баланди шоирону адибонро дар ҷомеа таъкид намуда, онҳоро даъват намудааст, ки барои фоидаи ночизе ин номи баландро паст назананд. Мутафаккир дар дарбори амирони манғития бисёр шоирони маддоҳ ва хушомадгӯйро мешинохт. Онҳо барои ба даст овардани инъом ва ё мукофоте шуғли баланди шоириро хор карда буданд.

Мутафаккир хусусият ва мақоми ҳар як касбу ҳунарро шарҳ дода, ҷавононро даъват мекунад, ки кадом соҳаеро, ки интихоб мекунанд, бояд бо нияти нек амал кунанд. "Дар ҳар пеша, -навиштааст муаллиф,- ки мубошири он мешавед бояд, ки аввал нияту ихлоси худро саҳеҳ гардонед ва матлабро дуруст ва покиза созед"[4,116].

Аҳмади Дониш ҷавононро даъват мекунад, ки забони русиро омӯзанд, аз илму фарҳанги пешқадами кишвари Русия баҳравар шаванд. Мутафаккир афсӯс мехӯрад, ки бо сабаби кам будани вақт забони русиро наомӯхтааст. Маорифпарвар дар бораи пешрафти илму техника ва маорифи Россия нақл карда, аҳли зиёи Бухоро ва ҷавононро талқин ва ташвиқ мекунад, ки ба омӯхтани илмҳои дақиқ ва табиатштносӣ рӯ биоваранд ва мамлакати худро ба мисли кишварҳои Фаранг ва Россия тараққӣ диҳанд. Устод С.Айнӣ ба хотир меорад, ки мардуми Бухоро, ҳатто мударрисҳои машҳур аз пешрафти илму техникаи дигар кишварҳо бехабар буданд. Устод менависад, ки "бори аввал фасли тобистон, мавсими тутпазӣ буд, ки баъзе мударрисҳо ва муллоҳои пешқадам ба боғи Аҳмад-маҳдум ба тутхӯрӣ рафтанӣ шуданд. Ман ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуда рафтам…

Аҳмади Дониш чандин маротиба ба масъалаи фарҳангу забони русӣ руҷуъ мекунад. Ба амир Музаффар ва баъдтар ба амир Абдулаҳад маслиҳат медиҳад, ки аз Россия мутахассисони ҳарбӣ, табибон ва муаллимони забони русиро даъват кунад. Ҷавононро барои омӯхтани касбу ихтисосҳои гуногун ба дигар кишварҳо фиристанд. Мутафаккир ислоҳоти ҷиддии соҳаи маорифро пешниҳод кардааст. Ӯ дарк карда буд, ки Бухоро аз дигар кишварҳо ба куллӣ қафо мондааст. Сабаби чунин ҳолат табоҳии вазъи маориф дар кишвар аст. Таълими илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, ба омӯхтани касбу пешаҳои замонавӣ ба инкишофи илму техника мусоидат менамояд. Аҳмади Дониш афсӯс мехӯрад, ки бо сабаби бемаърифат ва бефазилат будани амир ва мансабдорони дарбораш чунин талаботи замонаро дарк намекунанд ва хоҳиши дигаргун намудани тарзу усули давлатдориро надоранд. Барои ин тӯдаи ғафлатзада ғорат кардани мардум ва хушгузаронию бадахлоқӣ шуғли асосӣ гардидааст. Ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ба ҳимояи манфиати деҳқонон ва дигар табақаҳои заҳматкаши ҷамъият нигаронида шудаанд. Мутафаккир боварии комил дорад, ки агар соҳаи маориф сифатан дигар шавад, барномаи таълим такмил ёбад, он ҳатман ба инкишофи илму техника мусоидат мекунад. Дар натиҷа кишвар тараққӣ мекунаду дараҷаи зиндагии мардум баланд мешавад"[5,61].

Маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна дар натиҷаи равандҳои мураккаби зиддиятнок, лекин самарабахши муносибати дутарафа бо фарҳанги пешқадами Аврупо ва пеш аз ҳама, бо маданияти рус ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтааст.

Даъвати рӯ овардан ба маорифу фарҳанг, муқобил гузоштани ақли салим ва шуур ба анъанаи хурофоту кӯр-кӯрона дар Осиёи Миёна шакли ба худ махсусе мегирифт. "Илму маориф омӯзед!" гуфтани маорифпарварони Осиёи Миёна аз бисёр ҷиҳатҳо ин маъноро дошт, ки аз "русҳо омӯзед!". Маданияти дунявӣ дар бисёр мавридҳо маданияти демократии русро ифода мекард. Дар ҳамин ҷо зиддияте ба вуҷуд омада, маорифпарвариро ба ду ҷараёни ба якдигар зид ва мухолиф ҷудо мекард. Барои маорифпарварони либералие, ки зоҳиран норозигӣ баён мекарданд, аз русҳо таълим гирифтан чунин маъно дошт, ки капитализмро ба суръат тараққӣ додан, бо саризми рус (ҷиноҳи дигари ин ҷараён мегуфт, ки ё бо капитали англис) робитаи иҷтимоии худро мустаҳкам кардан лозим аст. Ин гуна идроки «омӯзиш» дар муборизаи миллӣ ва иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна, дар мубориза ба муқобили зулми мустамликавии саризми рус,-хиёнаткорӣ буд"[6,70-71].

Барои ҷараёни демократии маорифпарварон маънои аз "русҳо таълим гирифтан" ин буд, ки аз демократони рус, аз олимони рус таълим гирифтан ва пеш аз ҳама демократизмро, ба муқобили ҳукумати истибдодии подшоҳӣ мубориза карданро аз онҳо омӯхтан лозим аст. Ин гуна омӯзиш барои пирӯзии ҳаракати инқилобии миллии озодихоҳона дар Осиёи Миёна зарур буд. Ин ҷараёнҳои ба якдигар тамоман зид, албата якбора муайян шуда ба майдон набаромадаанд.

Ҳамин тавр, Аҳмади Дониш ҳамчун нахустин маорифпарвари халқҳои Осиёи Марказӣ ба муқобили сохти зӯроварии манғития баромад кард, тарзу усули кӯҳнашудаи таълиму тарбияро маҳкум намуда, роҳҳои ислоҳи камбудиҳоро нишон дод.

Андешаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш оид ба ислоҳоти тарзу усули таълими мадрасаҳо, кушодани мактабҳои нав, ҷорӣ кардани таълими илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ тарбия кардани мутахассисон дар хориҷи кишвар, даъват кардани муаллимони забони русӣ, ҳарбӣ ба корҳои идораи давлатӣ ҷалб намудани донишмандону фозилон, гирифтани пеши роҳи ришвахӯрӣ ва ғайра то кунун аҳамияти худро гум накардаанд.

**Адабиёт:**

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. Қисми 2. - Сталинобод, 1950-1954. -254 с.
2. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасар аз таърихи салтанати хонадони манғития.-Душанбе, 1992. -152 с.
3. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ.- Душанбе: Дониш, 1989. -225 с.
4. Аҳмади Дониш. Осори баргузида. -Душанбе: Ирфон, 1976. -304 с.
5. Ҷабборов Ш. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш. - Душанбе, 2005. -120 с.
6. Раҷабов З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. - Душанбе: Ирфон,-1964. -188 с.
7. Арбобзода А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик.- Душанбе, 2003. -224 с.
8. Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро.- Душанбе: Адиб, 1987. -236 с

**Сапёлкина Е.И.,**
декан факультета подготовки и переподготовки Института государственной службы, Академия управления при Президенте Республики Беларусь
кандидат экономических наук, доцент

**Веруш А.И.,**
доцент кафедры государственного строительства и управления Института государственной службы, Академия управления при Президенте Республики Беларусь
кандидат политических наук, доцент

# ПРОФЕССИОНАЛЬНОЕ РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СЛУЖАЩИХ В РЕСПУБЛИКЕ БЕЛАРУСЬ

**Аннотация**

*Основными формами развития профессионализма и компетентности государственных служащих являются: подготовка, переподготовка, повышение квалификации, самообразование.*

*При важности всех отмеченных форм профессионального развития государственных служащих, прежде всего, акцентируем внимание на системе дополнительного образования взрослых, которая, обладая гибкостью и мобильностью, позволяет получить профессиональным кадрам новую востребованную квалификацию.*

**Ключевие слова:** профессионализм, компетентность, подготовка, переподготовка, повышение квалификации, самообразование, профессиональное знание, умение, навык

**Аннотатсия**

**Рушди касбии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Беларус**

Тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, худомӯзӣ шаклҳои асосии рушди касбият ва салоҳиятнокии хизматчиёни давлатӣ мебошанд.

Бо муҳим будани ҳамаи шаклҳои зикршудаи рушди касбияти хизматчиёни давлатӣ, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳ ба системаи таҳсилоти бардавом равона карда мешавад, ки бо доштани таҳарруки лозим ба кадрҳои касбӣ фарогирии тахассуси заруриро фароҳам меоварад.

**Вожаҳои калидӣ:** касбият, салоҳиятнокӣ, тайёркунӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, худомӯзӣ, дониши касбӣ, маҳорат, малака

**Annotation**

**Professional development of civil servants in the Republic of Belarus**

*The main forms of development of professionalism and competence of civil servants are: training, retraining, advanced training, self-education.*

*With the importance of all the mentioned forms of professional development of civil servants, first of all, we focus on the system of additional education of adults, which, having flexibility and mobility, allows professional staff to obtain new skills in demand.*

**Keywords**: professionalism, competence, training, retraining, advanced training, self-education, professional knowledge, ability, skill

Значимым фактором реализации потенциала управления на государственном уровне является наличие кадров, обладающих актуальными компетенциями. В соответствии со статьей 6 Закона Республики Беларусь «О государственной службе в Республике Беларусь» государственная служба основывается на принципах: … профессионализма и компетентности государственных служащих [1].

Несомненно, свой вклад в реализацию данных задач вносит система профессионального развития государственных служащих.

Система и процесс профессионального развития государственных служащих в Республике Беларусь сформировались, имеют свои традиции и определенный опыт, институциональное оформление.

В первую очередь следует сослаться на Закон Республики Беларусь «О государственной службе»: «Государственный служащий имеет право: … повышать квалификацию и переподготовку за счет средств соответствующего бюджета или иных предусмотренных законодательством источников финансирования» [1]. «Государственный служащий обязан: … поддерживать необходимый уровень квалификации для эффективного исполнения своих служебных обязанностей …» [1].

Таким образом, профессиональное развитие – это и право и обязанность государственных служащих.

Основными формами развития профессионализма и компетентности государственных служащих являются: подготовка, переподготовка, повышение квалификации, самообразование.

При важности всех отмеченных форм профессионального развития государственных служащих, прежде всего, акцентируем внимание на системе дополнительного образования взрослых, которая, обладая гибкостью и мобильностью, позволяет получить профессиональным кадрам новую востребованную квалификацию.

Обучение по образовательным программам повышения квалификации, профессиональной переподготовки и стажировки рассматривается как дополнительное профессиональное образование государственных служащих в целях приобретения, углубления и обновления профессиональных знаний, умений и навыков для обеспечения соответствия уровня профессиональной подготовки государственных служащих, содержанию и объему должностных обязанностей по замещаемой ими должности государственной службы или при включении их в кадровый резерв для должности государственной службы.

В системе дополнительного образования взрослых Республики Беларусь подготовку и переподготовку кадров обеспечивает более 200 образовательных учреждений, в том числе: восемь академий, двадцать три университета, свыше десяти институтов, центры и курсы при министерствах и организациях. Академия управления при Президенте Республики Беларусь в системе дополнительного образования взрослых является ведущим вузом, обеспечивающим переподготовку и повышение квалификации руководящих кадров, специалистов и резерва кадров органов государственного управления, производственной и социально-экономической сфер.

Особый статус в данной системе Академии управления при Президенте Республики Беларусь определяется ее миссией: формирование управленческой элиты Республики Беларусь на основе достижений национальной научно-педагогической школы, а также мирового опыта в области государственного управления

Образовательные программы, реализуемые Академией управления при Президенте Республики Беларусь, обеспечивают условия для непрерывного обучения и в своём большинстве ориентированы на такую область профессиональной деятельности, как государственное управление.

Подготовка, переподготовка и повышение квалификации государственных служащих в Академии управления при Президенте Республики Беларусь осуществляется на условиях государственного заказа, практика формирования и реализации которого выработала следующие этапы:

- определение потребности государственных органов и организаций в подготовке, переподготовке и повышении квалификации кадров;
- обоснование структуры государственного заказа на подготовку, переподготовку, повышение квалификации руководящих кадров и лиц, состоящих в резерве руководящих кадров;
- формирование списков лиц для конкурсного отбора на подготовку, переподготовку кадров;
- проведение вступительных испытаний;
- конкурсный отбор лиц для подготовки, переподготовки;
- освоение содержания образовательных программ.

Как и любой динамичный процесс, профессиональное развитие государственных служащих совершенствуется. Перспективными направлениями в данном контексте рассматриваются:

- усиление взаимосвязи процессов переподготовки и повышения квалификации на основе модульного принципа. Конкретизация механизмов модульного принципа связана с интеграцией содержательного аспекта программ переподготовки и повышения квалификации, выработки правил учета модуля, обеспечиваемого курсами повышения квалификации, при освоении содержания образовательных программ переподготовки;

- упреждающее развитие профессиональных компетенций профессорско-преподавательского корпуса;

- повышение качества образовательного продукта за счет: расширения практики разработки и реализации проектно-ориентированных программ, предусматривающих наряду с формированием профессиональных компетенций обеспечение личностного роста; усиление практической составляющей; расширение практики стажировок, реализуемых как самостоятельные программы, так и в качестве компонента образовательных программ переподготовки и повышения квалификации; индивидуализация и усиление вариативной составляющей образовательных программ.

С нашей точки зрения, определенный потенциал в решении данных задач имеет подход, позволяющий выделить блок тематических модулей, необходимых для базовой подготовки всех категорий кадров в сфере государственного управления (горизонтальная подготовка) и профессионально ориентированные образовательные программы (модули).

Независимо от сферы профессиональной деятельности, уровня управления, современные требования определяют необходимость владения руководителями, как теоретическими знаниями, так и практическими навыками в области государственного управления, правового обеспечения данного вида деятельности, четкого понимания национальных интересов и механизмов их защиты, технологий электронного правительства, эффективных коммуникаций, персонального менеджмента, формирования антикоррупционного поведения и др. Важным элементом в этом блоке подготовки видится освоение методов и инструментария обоснования и принятия управленческих решений, ориентированных на обеспечение модели устойчивого инновационного развития, что повышает значимость аналитического и информационного сопровождения процессов управления и соответственно учебных дисциплин, формирующих необходимые для этого компетенции.

Профессионально ориентированные образовательные программы (модули) направлены на поддержку формирования компетенций, отражающих специализацию в конкретных видах деятельности управленческих кадров и в большей степени ориентированы на потребности государственных органов и организаций, которые в данном случае являются заказчиками кадров и определяют требования к содержанию переподготовки или повышения квалификации.

Максимальный учет потребностей обучающихся позволит обеспечить переход к системе модульных гибких учебных планов с вариативным набором дисциплин, создание индивидуальных образовательных программ.

При этом следует отметить, что современные и востребованные на практике образовательные программы обеспечат формирование актуальных базовых и профессиональных компетенций только при условии использования активных,

практически ориентированных образовательных технологий, повышения значимости интерактивных средств обучения.

**Литература**

1. О государственной службе в Республике Беларусь [Электронный ресурс] : Закон Республики Беларусь, 14 июня 2003 г., № 204-З : с изм. и доп. от 9 января 2017 г. № 14-З. // Национальный правовой Интернет-портал Республики Беларусь. – Режим доступа : http://www.pravo.by/document/?guid=3871&p0=h10300204. – Дата доступа : 05.03.2019.

**Тешаева Х.Х.,**
муовини декан оид ба корхои тарбиявии факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир,33, тел.:985-55-50-71, 551-55-50-71, E-mail:xirobon90@mail.ru

# САЙЁҲӢ АЗ НИГОҲИ САЙЁҲИ БУЗУРГИ ҚАРНИ XII САЪДИИ ШЕРОЗӢ

**Аннотатсия**

*Дар мақола оид ба нақши сайёҳӣ ва аҳамияти он аз ҷониби мутафаккири бузурги форсу тоҷик Саъдии Шерозӣ баён гардидааст.*

*Аз ақидаҳои Саъдии Шерозӣ чунин бармеояд, ки яке аз соҳаҳои рушду такомулдиҳандаи идоракунии давлат ин сайру саёҳат мебошад ва он бояд дар ҳама давру замон мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирад.*

**Вожаҳои калидӣ**: сайёҳ, мутафаккири бузург, мусофир, бозаргон, сайёҳӣ, кишвар, таҷриба, сафар ва рушд

**Аннотация**

**Туризм с точки зрения великого путешественника XII века Саади Ширази**

*В статье рассматриваются значение путешествия и туризма с точки зрения великого персидско-таджикского мыслителя Саади Ширази.*

*По словам Саади, одними из развивающих и важнейших областей экономики и развитии культуры государства является туристическая сфера, которая должна быть под пристальным вниманием правителей во все времена и эпохи.*

**Ключевые слова:** турист, великий мыслитель, путешественник, бизнесмен, туризм, страна, опыт, путешествие и развитие

**Annotation**

**Tourism from the point of view of the great traveler of XII century Saadi Shirazi**

*The article discusses the importance of travel and tourism from the point of view of the great Persian-Tajik thinker Saadi Shirazi.*

*According to Saadi, one of the developing and most important areas of the economy and the development of the state's culture is the tourism sector, which should be under close attention of the governors at all times and eras.*

**Keywords:** tourist, great thinker, passenger, traveler, businessmen, tourism, country, experience, travel and development.

Сайёҳӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иқтисодии замони муосир ба ҳисоб рафта, паҳлуҳои гуногуни он дар доираи илмҳои гуногун баррасӣ мегардад. Сайёҳӣ асоси

мустаҳкам намудани иқтисодиёти бисьёр мамлакатҳо ба ҳисоб меравад. Нақши сайёҳӣ дар арсаи ҷаҳонӣ пайваста дар ҳоли афзоиш аст. Имрӯз сайёҳӣ як соҳаи мавриди таваҷҷӯҳ дар ҷаҳон шинохта шудааст ва дар чунин шароит рӯ овардан ба он, ба унвони як омили таъсиргузори бузург ва муҳим дар рушди иқтисоди кишвар мантиқӣ ба назар мерасад.

Бояд зикр намуд, он чизе, ки имрӯз дар ҷаҳон таваҷҷуҳи миллионҳо одамонро ба худ ҷалб намудааст, ҳанӯз дар қарни XII замоне, ки дар ҷаҳон хабаре аз созмонҳои сайёҳӣ ва санъати туризм набуд, шоир ва мутафаккири барҷастаи форсу тоҷик Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ андешаҳои басо ҷолиберо оид ба сайёҳӣ ва ба рушду нумуи он пешниход намудааст. Мутафаккир бо таваҷҷуҳ ба ин падидаи иҷтимоӣ даврони хешро ба риштаи тасвир кашидааст, ки хонанда ҳангоми шинос шудан ба таълифоти ӯ, худро дар он замон мебинад ва аз сӯйи дигар, андеша ва мулоҳизаҳои Саъдии Шерозӣ ончунон дурусту таъсирбахш бозгӯ шудаанд, ки инсон фикр мекунад, ки гӯё мутафаккир дар замони мо мезиста бошад. Саъдӣ бо унвони як ҷомеашиноси барҷаста падидаҳои иҷтимоии даврони хешро таҳлил намуда, барои рушди соҳаи туризм фикрҳои ноб ва андешаҳои ҷолибе барои халли масъалаҳои иҷтимоӣ пешниҳод намудааст. Боиси сарбаландист, ки чунин мавзуъро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани мутафаккири форсу тоҷик дар он замон, воқеан иқдоми бузургест ва мо имрӯз, бешубҳа метавонем бигӯем, ки халки тоҷик дар рушди сайёҳӣ аз ҷумлаи аввалинҳо ба шумор меравад ва ин далелро метавон имрӯз барои ҷалби бештари сайёҳон ба кишвари азизамон истифода намуда, онро барои дигарон ҳамчун намуна пешниҳод намуд. Замоне, ки мутафаккири барҷаста[1,.88] Саъдии Шерозӣ умр ба сар бурдааст, тиҷорат ва сайёҳӣ дар як ҳолати карахтӣ қарор дошт, зеро нобасомониҳои замон ба рушди ин ду соҳаи муҳими иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонида буданд, махсусан замони лашкаркашиҳои муғул минтақае, ки мутафаккир умр ба сар мебурд, воқеан дар як ҳолати ногувор карор дошт. Дар баробари ин, сарфи назар аз ин ҳама нобасомониҳои замон, дар ин давра сайёҳӣ вуҷуд дошт ва онро метавон сайёҳии зиёратӣ номид, ки хеле рушд карда буд. Дар ин давра аксари сайёҳон ба дидани маъбаду калисоҳо ва зиёратгоҳҳо, оромгоҳҳои ашхоси маъруф, ки дар гузашта умр ба сар бурда буданд, мерафтанд. Фаромӯш набояд кард, ки дар ин давра сайёҳӣ шуғли басо хатарнок ҳам ба ҳисоб мерафт, бинобар ин, ба сайёҳӣ ҳам ҳар кас ҷуръат ва таваҷҷуҳ намекард. Маҳз дар ҳамин давраи пуртаҳлука Саъдии Шерозӣ силсилаи сафарҳои хешро дар шароити душвор оғоз намудааст.

Дар байни адибону мутафаккирони форсу тоҷик ҳеҷ шоире ба мисли Саъдии Шерозӣ сафару сайёҳати тӯлонӣ накардааст. Албатта, Носири Хусрав низ дар зиндагиаш сафарҳое анҷом додааст ва ҳатто асаре бо номи [2,61] «Сафарнома» низ дорад, аммо бояд гуфт, ки сафарҳои Носири Хусрав ҳамагӣ ҳафт сол тӯл кашидаанд, сайёҳату сафарҳои Саъдии Шерозӣ бошад зиёда аз 30 солро дар бар мегиранд. Ӯ мутафаккир, донишманд ва воизи номдор ва дар айни замон сайёҳи зираку бодироят мебошад, ҳамакнун он чизе, ки воқеан арзиш ва аҳамияти афкори ӯро мубрам ва муосир месозад ин аст, ки суханон ва таҷрибаи арзишманди ҳашсад сол пеш бақаламовардаи Саъдӣ имрӯз ҳам мавриди истифода қарор

мегиранд ва созмонҳои сайёҳӣ аз ин андешаҳои арзишманд истифода намуда, ба дараҷаи баланди касбӣ мерасанд. Фаромӯш набояд кард, ки он ангезае, ки сабаби саёҳати сисолаи Саъдии Шерозӣ гардид, ин буд, ки пас аз анҷоми таҳсил дар мадрасаи Низомияи Бағдод, кишварро аз хатари ҳуҷуми муғулҳо дар амон надид ва тасмим гирифт, ки ба сафар барояд. [3, 35]

Саъдии Шерозӣ дар осори хеш «Бӯстон» ва «Гулистон» вожаҳои «мусофир», «сайёҳ» ва «ҷаҳонгард»-ро зиёд истифода намудааст, ки воқеан баёнгари он аст, ки мутафаккир таваҷҷуҳи махсус ба соҳаи сайёҳӣ дорад. Ӯ дар осори мондагори худ дар ҳар ҷое, ки бихоҳад, шахси фаъолеро тавсиф кунад, яке аз хислатҳои вижаи ӯро "ҷаҳондидагӣ" меномад. Масалан, ӯ яке аз ҳикоятҳои "Бустон"- ро чунин оғоз мекунад:

"Ҳақоиқшиноси ҷаҳондидае ...[4,10]".

Шояд ҳеҷ яке аз адибони классики форсу тоҷик ба мисли Саъдии Шерозӣ сареҳу ошкоро нагуфтааст, ки мусофир ва сайёҳ бояд чи гуна бошад. Аз дидгоҳи Саъдии Шерозӣ мусофир ва сайёҳ шахсоне мебошанд, ки чигунагии ҳаёту зиндагии мардумро аз наздик бо чшмии худ мебинанд ва рушди соҳаи сайёҳӣ аз онҳо вобастагӣ дорад, зеро афкору ақидаи онҳо дар назди дигарон муътабар ва боарзиш буда, бешак қабул мегардад ва маҳз гуфтаҳои онҳо барои рушди ин соҳа заминаи муфиде фароҳам хоҳад овард ва дар баробари ин нукта барои мизбонон ҳам, зарур ва муҳим аст, то ки бо беҳтарин хислатҳои инсонӣ онҳоро қабул намоянд ва бо мусофир ва сайёҳ муомилаи хуб дошта бошанд. Масалан шоир мефармояд:

Бозаргону мусофир ба ҷон парваранд,
Ки номи накуе ба олам баранд.[5,36].

Гоҳе ҳам ҳушдор медиҳад, ки агар мусофир ё бегонае аз кишвар дилозурдаю ранҷидахотир берун равад, ояндаи он мулк тираву тор хоҳад буд.

Дар ҷойи дигаре дидгоҳи худро дар бораи сайёҳӣ басароҳат баён менамояд ва мегӯяд, ки барои афроди ғариб ҳамчун дӯсту ошно бош, зеро хушрафторӣ боис мешавад, ки номи некуи ту дар ҷаҳон ҷолибу машҳур шавад:

Ғарибошно бошу сайёҳдӯст,
Ки сайёҳӣ ҷолиб ба номи накуст.

Агар дар байни сайёҳон шахси фиребгару бадгумоне бошаду нияти ботиле дар дил дошта бошад ва ин амали ӯ бо далел исбот шавад, бо ин гуна ашхос набояд муомилаи зишт ба мисли куштору лату куб, шиканҷа ва кушторро раво дид, балки бояд ӯро ҳарчи зудтар аз кишвар саломат ихроҷ кард, тавре ки Саъдӣ дар ин маврид мефармояд:

Ғарибе, ки пурфитна бошад,
Сараш маёзору бурун кун аз кишвар.

Дар баробари ин мутафаккир иброз медорад, ки агар бихохед, аз шумо номи наку боқӣ бимонад, бо ду гурӯҳ афрод боэҳтиёт рафтор намоед ва ҳеҷ гоҳ белутфию беэҳтиромӣ нисбат ба онҳо содир накунед; яке аз он сафири кишваре дувумин бошад, сайёҳе. Саъдӣ дар достонҳои "Бӯстон" ва "Гулистон" аз шаҳру мамолике ном мебарад, ки ба он ҷойҳо ба сайёҳат рафта буд ва вокеан инро метавон иттилооти пурқиммате аз мавчуд будани сайёҳию ҷаҳонгардӣ дар он даврон номид. Бағдод, Басра, Санҷон (наздикии шаҳри Мосули Ирок), Куфа, Букр (номи минтақае дар канори Даҷла) [6,36], Восат (шаҳр дар байни Бағдод ва Басра), Ҳиҷоз, Сафо, Миср, Мағриб (Марокаш), Лубнон, Ҳалаб, Димишқ, Рум, Исфаҳон, Кеш, Кашфар (дар минтақаи Туркистон), Балх, Бомиён ва Ҳиндустон шаҳру кишварҳое буданд, ки Саъдӣ ба дидани амокини мазкур ба саёҳат рафта буд..

Дуртарин минтақае, ки Саъдии Шерозӣ ба он ҷо сафар карда буд, ин Суминоти Ҳинд гуфта мешавад, инчунин Саъдии Шерозӣ дар ин сафар бо дигар адёни ҳинд шиносоӣ пайдо менамояд ва баъди ин, аз Яман боздид карда буд. Мутафаккири нуктасанҷ бо ин сафарҳо ва бардоштҳои хубу ҷолибе, ки аз ин сайёҳатҳо карда буд, бо таълифи асарҳои панду андарзомези худ дар радифи бузургони хиради ҷаҳон ҷой гирифт. Саъдӣ ба ҳар ҷойе, ки сафар менамуд, қабл аз ҳама, маҳофили илмиву фарҳангӣ ва бузургмардони илму адаби он макон ошно шуда, аз чунин мулоқот ганҷинаи адаб ва хиради худро такмил медод."Бустон" ва "Гулистон" саршор аз омӯхтаҳо, шунидаҳо ва хотираҳо мебошанд, ки аксаран армуғонҳои сафарҳои шоир мебошанд ва маҳз хамин сафарҳо боиси бедории фикрӣ ва густариши ҷаҳонбиниии мутафаккир ва ангезаи илҳоми эҷоди асарҳои оламшумулаш гардиданд. Ошно шудан бо миллату қавмҳои гуногун бо фарҳангҳои мутафовит, умуман мусофиратҳои тӯлонӣ ва сайёҳӣ ба мутафаккир имкон дод, ки бисёр фарҳангҳою адёнро биомӯзад ва ҳеҷ гоҳ роҳ ба бадгумонию душманӣ нисбат ба фарҳанги башарият напаймояд. Ҷаҳонгардӣ ва саёҳату сафарҳои мутафаккир баёнгари он аст ки дар он давру замон агарчи сафар кардан бениҳоят мушкил буд, аммо ашхосе буданд, ки ба сайру саёҳат арҷгузорӣ намуда, барои таблиғ ва густариши он хизматҳои шоёне намудаанд.

Имрӯз метавон аз таҷрибаи бузургу арзишманди мутафаккирони гузашта дар мавриди аҳамияти соҳаи сайёҳӣ истифода намуд, масалан 30 соли сафару сайёҳатҳо Саъдии Шерозӣ, ки аз се қитъаи дар харитаи имрӯзаи сайёҳии ҷаҳонӣ мавҷудбуда дидан карда, тафсилоти ҷолиби он минтақаҳоро дар асарҳояш дарҷ намудааст. Бо истифода аз имконият ва воситаҳои муосир дар таблиғи сайёҳӣ бомуваффақият истифода намуд. Саъдии бузургвор бо саёҳатҳои худ нишон дод, ки инсон таввасути сафару боздидҳо аз кишварҳои дуру наздик метавонад беҳтар аз дигар роҳҳо рушд намояд ва ва захираи

донишу маърифати худро бамаротиб ѓанӣ гардонад. Ақидаҳои эшонро ба инобат гирифта, бо итминони комил метавон гуфт, ки соҳаи сайёҳӣ яке аз соҳаҳои калидии рушди ҷомеа мебошад ва ин соҳа имкон медиҳад, ки кишвар ҳар чи бештар обод гардад ва иқтисоду сатҳи зиндагии сокинонаш беҳтар гардад.

**Адабиёт**

1.Абдуватов Х., Ахроров Р. По Искандеркулю. Туристские маршруты Таджикистана.- Душанбе,1990, С. 88.

2. Дьяконов М. А. Путешествия в Среднюю Азию от древнейших времен до наших дней. - Л., 1932 . С. 35.

3. Мамаджанова М.Ю., Промтов А.Н. Советский Союз. Таджикистан. - М., 1968. С.61

4.Петрунов Ф. Г. По Таджикистану. - М., 1987.; Таджикистан - край туризма. - Душанбе, 1980. С. 70.

5. Кадырова М.И. Туристическое образование в Таджикистане: состояние и проблемы. Авторефдис. канд. пед. наук. - Душанбе, 2006 . С. 10.

6. Қодиров Ф.С. Саёҳатшиносӣ: мухтасари луғати калимаву ибораҳои соҳавӣ. Дастури методӣ. - Душанбе: Эҷод, 2009 , С. 36;

7. Гостиничное дело: Учеб. пособие/ Т.Б. Каримов. -Душанбе, 2007. С.78.

**Бойматов Л.,**
сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. и.т, кӯчаи Айнӣ 44, 734003,
тел.: (99237) 2216750;2355863

# РОҶЕЪ БА ТАЪРИХИ ИДОРАКУНӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ АСРИМИЁНАГИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Аннотатсия**

*Ин таҳқиқ дар робита бо амалкарди девони қазо ва ҷойгоҳи он дар системаи идоракунии давлатҳои асримиёнагии Осиёи Марказӣ ва Эрон аст. Девони қазо, яке аз муҳимтарин созмонҳои идории давлати Сомониён маҳсуб будааст. Дар мақола аз маълумоти нахустманбаъҳо ва маводи илмии андухташуда фаровон истифода шудааст.*

**Вожаҳои калидӣ:** таърихи идоракунӣ, девонсолорӣ, системаи давлатдорӣ, таърихи идоракунӣ дар Осиёи Марказӣ, методҳои муассири идоракунӣ, тақсимоти маъмурӣ, қозӣ, қозиюлқузот, маҷлиси қазо

**Аннотация**

**Об истории государственного управления в средневековых странах Центральной Азии**

*В статье рассматривается роль и место института Дивани казо (управление судебными делами) одного из важных органов юриспруденции в системе управления государства в средневековой Центральной Азии и Ирана. Статья основана на сведениях первоисточников и накополенных новых научных материалах.*

**Ключевые слова:** история управления, государственная система, история управления в Центральной Азии, эффективные методы управления, административное деление, судья, главный судья, судебное заседание

**Annotation**

**About the history of public administration in medieval countries of Central Asia**

*The article considers the role and place of the institution of the Divani Qazo, one of the important bodies of jurisprudence in the state administration system in medieval Central Asia and Iran. The article is based on information from primary sources and gathered new scientific materials.*

**Key words:** public administration history, state system, history of administration in Central Asia, effective methods of management, administrative division, judge, chief judge, court session

***Таърихчаи мавзӯъ.*** Девони қазо (гоҳе ба шакли девони қузо) дер боз аст, ки мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ва пажӯҳишгарони риштаҳои мухталиф қарор дорад. Аммо

арзишмандтарин таҳқиқ дар ин замина, бо итминон метавон гуфт, таҳқиқи муҳаққиқи эронӣ дуктур Муҳаммадризо Ноҷӣ мебошад, ки чанде пеш тавассути нависандаи ин сатрҳо ба ҳуруфи кириллӣ- тоҷикӣ баргардон шуд[7].

Ин муҳаққиқ тавонистааст, ки бар пояи навтарин иттилооти манбаъҳои асили таърихӣ, моҳияти девони қазоро аз нав бозгӯ намояд [7, 389 – 410]. Аммо «академизм», мураккаббаёнӣ ва ҷузъинигарии муаллиф бар иттилооти манбаъҳо, ба ҳар сурат, дарки асли мавзуъро барои хонандагон ва алоқамандони таърих душвортар менамоянд. Заъфи дигари ин бахши таҳқиқи мавриди назар, дар шеваи системабандии маводи матолиб аст. Муаллиф агарчи, кӯшише карда бошад, ҳам, вале ниҳоятан, дар амри системабандии матолиб чандон муваффақ нест.

Ҳадафи аслии ин навиштор ба як системаи муайяни илмӣ даровардани муҳимтарин маълумоти таърихӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои донишмандон, бахусус навтарин мушоҳидоҳои муҳаққиқи эронӣ дуктур Муҳаммадризо Ноҷӣ дар заминаи девони қазо мебошад.

***Тавсифи умумӣ.*** Девони қазо яке аз муҳимтарин девонҳо дар системаи девонсолории давлати Сомониён маҳсуб мешуд. Ин девон низ мисли девонҳои дигар дар канори кохи амир, ки ба номи майдони Регистон машҳур аст, қарор доштааст [5,36]. Вазифаи аслии девони қазо таъмин ва татбиқи адолату амният дар қаламрави Сомониён буд.

Аз назари тақсимоти маъмурӣ, вилоятҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон, ҳар яке дорои сӣ ҳавзаи идорӣ (ё ба навиштае «аъмол») буданд ва ҳар як аз ҳавзаҳои идорӣ қазои худро доштанд. Гуфта шудааст, ки дар бархе аз қасабот (деҳаҳо), қозиёне аз тарафи *қозӣ* мустақар (таъйин) дар шаҳр ва ё ноҳия ба кор мепардохтанд[8, 389].

Баргузории маҷолиси қазо, бешубҳа, яке аз муҳимтарин мавзуъҳое мебошад, ки дар ихтиёри девони қазо қарор дошт. Тибқи аҳкоми шаръӣ, муҳимтарин шарти баргузории маҷлисҳои қазоват дар шаҳрҳо доштани минбари қазоват дар масҷиди ҷомеъ буд. Ин ҳаққ ба шаҳрҳои бузургу бонуфуз аз тарафи девони қазо дода мешуд. Дар ин гуна шаҳрҳо корҳои қазоват ва расидагӣ ба парвандаҳои ниҳодҳои судӣ, асосан, бо ташрифот ва ширкати руҳонияти воломақом дар намози ҷумъа сурат мегирифт. Аммо дар Мовароуннаҳр ва Хуросон қарияҳо ва деҳкадаҳои бузурги зиёде буданд, ки ҳаққи доштани масҷиди ҷомеъро надоштанд. Аз ин рӯ, баргузории корҳои қазоват дар рустоҳо ғайриимкон буд. Қасабот ва шаҳрҳои хурд барои ба даст овардани чунин ҳаққ муддати дароз саъю кӯшиш мекарданд. Чунончи, умаро ва уламои дини шаҳри Пайканд, ки гоҳе онро ба унвони қасаба ёд кардаанд, бо вуҷуди талошҳои тӯлонӣ натавонистанд ҳаққи доштани минбарро дар ихтиёр дошта бошанд. [8, 389 – 390].

Дарвоқеъ, таъсиси масҷиди ҷомеъ ва минбари қазоват дар шаҳр ва ё қария, аз як сӯ нишони рушди ҷамъият бошад, аз сӯйи дигар, нишондиҳандаи доштани истиқлоли қазоӣ дар умури дину мазҳаб буд. Дар даҳаҳои нахусти салтанати Сомониён ба далели тавсеаи қаламрави аморат, таъйини қузот барои вилоятҳои тобеъ дар ихтиёри ҳокимони

вилоятҳо қарор дошт. Чунончи, дар Нишопур маҷлиси қазо (ҳукм) ҳар ҳафта рўзҳои душанбе ва панҷшанбе дар масҷиди Риҷоъ доир мешуд [8, 394]. Умури қазои Нишопур фарқе аз корҳои қазоии муҳимтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр надошт.

Кори қазоии бархе аз вилоятҳо, монанди остони Гургон, ки барои муддате аз султаи Сомониён хориҷ мешуд, аз ҳимоят ва мусоидати сипаҳсолори Хуросон бархўрдор буд ва *қозиюқузоти* Гургон ҳамкории хеле наздик бо *қозиюлқузоти* Хуросон дошт. Мансаби қазои баъзе вилоятҳо, аз назари замонӣ маҳдудияте надошт. Чунон ки мансаби мазкур ба муддати тўлонӣ дар ихтиёри аъзои як хонадон қарор дошт.

Чунин ба назар мерасад, ки дар давраҳои аввали густариши ислом дар сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр, яъне пеш аз рўйи кор омадани давлати Сомониён, таъйини қозӣ ба мисли дигар коргузорони давлатӣ, монанди *волӣ* ва *омил* (мутасаддии хироҷ) аз ҷумлаи салоҳиятҳои халифа маҳсуб мешуд. Аммо баъдҳо, умарои Хуросон низ ҳаққи таъйини қузотро соҳиб шуданд. Дар замони ҳукумати Сомониён, амир ва ва ё олитарин маъмури давлат - вазир дар мавриди интихоб ва ё таъйини қозӣ тасмим мегирифтанд. Гоҳе ҳам, кори интихоби қозӣ ба яке аз бузургони фуқаҳо вогузор мешуд[8,391 - 392].

Тибқи русуми девонсолории Сомониён, на ҳар фақеҳ метавонист ба мансаби қозӣ таъйин бишавад. Интисоб ва таъйини қозӣ шартҳое дошт. Риояти аҳкоми ҳадисҳои Паёмбар (с) ва дастуроти шариат аз асоситарин шартҳои интихоб ва таъйини қозӣ буданд [8, 391].

Дар рўзгори Сомониён фуқаҳо ва уламои бузург ва машҳуреро медонем, ки бо вуҷуди дархостҳо ва исрори чандинкаратаи амирон ва вазирони сомонӣ, вазифаи қазоро намепазируфтанд. Фақеҳи номвар Абулҳасан Муҳаммад ибни Шуъйбии Байҳақӣ (ваф. 324 қ. / 936 м.) аз ҳамин гурўҳи фуқаҳо буд. Аз сўйи дигар, фуқаҳои маъруфе низ буданд, ки аз амирони сомонӣ мансаби қазоро дар вилоятҳо дархост мекарданд. Чунончи, фақеҳи машҳури шофеӣ Абў Ҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Сулаймони Зўзанӣ (ваф. 370 қ. / 981 м.) аз вазири Сомониён Абў Алии Домѓонӣ хоҳони мансаби қазои шаҳри Фарѓона шуд ва муддате дар шаҳрҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр ба умури қазо пардохт.

Аммо ѓолибан, фуқаҳои донишманду нексиришт, муҳтараму огоҳ, мўъмину мусалмон аз шартҳои дигари таъйини ин мақом маҳсуб буданд. Дар миёни фуқаҳои ҳанафии Мовароуннаҳр ақидаи фақеҳ ва зоҳиди ҳанафӣ Абў Лайси Самарқандӣ (ваф. 373 қ. / 983 м.) дар бораи ин ки «агар касе бидуни пардохти дархост ва дар сурати салоҳият ин мансабро қабул кунад, ишколе надорад», маъруф буд[8,393].

Дар дастгоҳи қазои Сомониён роҳҳои имтиҳон ва озмоишҳои садоқат ва покии қозиён маъмул буд. Чунончи, ба гуфтаи Наршахӣ *қозии* шофеии Бухоро Абўзар Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Бухорӣ (320 қ. / 932 м.)- ро «бисёр озмуданд ба ришвати пинҳонӣ ва ба ҳар маънӣ ба ҳеч чиз хештанро олуда накард» [8,394].

***Қозӣ*** *(ар.)*, ба маънии додрас аст. Вазифаи аслии ин мансабдор ҳаллу фасли низоъҳо ва душманӣ ва барқарори ҳуқуқ ва расондани ҳақдор ба ҳаққ аст. Вай ҳаққи баррасии ҳамаи мурофеаҳо ва масъалаҳои ҳуқуқиро, ѓайр аз умури ҷиноёт дошт. Ин ҳаққ,аксаран,

дар ихтиёри соҳибшурта ё волии *маовин* қарор дошт. Қозӣ ҳамчунин, ба ҷурмҳои сиёсӣ ва тазаллумоти (ситамҳои) молӣ аз давлатмардон, (ки маҷлиси мазолим бад-он мепардохт) расидагӣ мекард [8, 391].

Қозӣ ҳамчунин ба умур ва масолеҳи умумӣ расидагӣ мекард. Чунончи, дар замони аморати Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ масҷиди ҷомеи Бухоро фурӯ рехт ва қозии шаҳр бозсозии ин биноро бар уҳдаи худ гирифт. Қозиён мебоист аз шартҳо ва сифоти нек бархӯрдор бошанд. Ин мавзӯъ дар навиштаҳои фақеҳи маъруфи шофеӣ Алӣ ибни Муҳаммади Мовардӣ (450 қ. / 1058 м.) дар ҳафт маврид зикр шудааст, ки ба ин зайланд: ҳукумати ақлу заковат, вуҷуди озодӣ, риояти ислом, адолат, амри саломат ва илм дар кори аҳкоми шариат. Ва аммо шарти аслии адолат мусталзими парҳезкорӣ ва порсоӣ будааст [8, 393].

Он чи имрӯз аз диди илм муҳим аст, ин аст, ки қозиён чун вобастагии мустақим ба дастгоҳи давлат доштанд, дар маҷлисҳои амирону вазирон ва акобиру аъён ҷасорати лозимро барои ибрози ақидаи хеш надоштанд. Қазо ва фаъолияти қузот ҳамеша таҳти назорати девон будааст. Низомулмулки Тӯсӣ низ ба ин амр таваҷҷӯҳи вежае дорад [8, 394].

Гоҳе дар таъйини асноди ҳадис амирону вазирон ва ё худ қозиён ба иштибоҳ роҳ медоданд. Чунончи, омадааст, ки амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ дар ҷаласае ҳадисеро хонд, вале дар ироаи аснод иштибоҳ кард. *Қозии* шофеъии Бухоро ба номи Абӯзар Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Бухорӣ (320 қ. / 932 м.), агарчи нодурустии ин матлабро медонист, вале ҷуръати инкори гуфтаҳои амирро накард.

***Қозиюлқузот.*** Раёсати қузотро *қозиюлқузот* меномиданд. Дар раъси қозиёни ҳамаи шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр, аз ҷумла, дар Бухорову Нишопур фақеҳи барҷастае қарор дошт, ки ӯро *қозиюлқузот* мегуфтанд. *Қозиюлқузот* тамоми мадорики ҷамъшудаи *девони қазо*(шомили қаболот, (қаболаҳо), васоиқ (васиқаҳо), замонатҳо, маҳзарҳо, ваколатномаҳо, васоё (васиятномаҳо) ва қарорҳоро дар ҳузури шоҳидони муътамади дарбор ба даст мегирифт, сипас кори нигаҳдории онҳоро ба хозинони (хазинадорони) муътамад медод. Қозӣ бояд парҳезкор, бодиққат ва огоҳ аз ҳамаи шартҳо, воқиф аз ҳаққу ҳуқуқ, маҳзарҳо, қиболот ва даъвоҳо мешуд. Қозиёни ҳамаи шаҳрҳо ба унвони намоянда ва ё ноиб (ҷонишин)-и *қозиюлқузот* машѓули кор буд ва ѓолибан, ба додрасӣ мепардохтанд [8, 394)].

Иддае аз афрод низ аз тарафи қузот ба корҳоии доварӣ (ҳукумат) миёни мутахосимон (душманон) машѓул мешуданд.

***Музаккӣ:*** *Музаккӣ (ар.),* ба маънии *поккунанда* аст. Ҳар шаҳр чанд *«музаккӣ»* -и худро дошт. Тибқи русум онон ба тақозои қозӣ назари хешро дар бораи он чи, ки қозӣ мехоҳад, ироа мекарданд. Ҳамакнун ошкор аст, ки дар қаламрави Сомониён на ҳар кас ҳаққи пок кардани ҷурми муҷримро дошт. Гуфта шудааст, ки фақат фақеҳони барӯманд ва ё бузургони шаҳр, аз қабили *раис* барои анҷоми ин кор интихоб мешуданд. Тибқи қавонини ислом ва дастуроти девони қазо *музаккиён* ё *муаддилон* аз ҷумлаи шхоси

муътамад ва поксириште буданд. Фақат онон ҳаққ доштанд дар бораи *тазкия* ва *таъдил* (пок ва одил донистани чизе) назди қозӣ шаҳодат бидиҳанд. Чунин касонро шоҳидони тазкия ва таъдил низ мехонданд. Фақеҳони муҳтот ва бадном чунин ҳаққро надоштанд ва бар ин шуғл интихоб намешуданд [8, 396].Ба ҳар сурат, то имрӯз исми музаккие, ки бадном бошад, дар даст надорем.

Дар шаҳрҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр хонадонҳое буданд, ки бо шуғли *музаккӣ* маъруф буданд. Чунончи, дар Нишопур хонадони *музаккӣ* буданд, ки шуғлашон, аз эҳтимоли қавӣ, хонаводагӣ шуда буд. (Р. к. ба феҳристи музаккин). *Музаккиёни* ботаҷриба ва авлодӣ метавонистанд то ба мансаби қазо бирасанд [8, 396 - 397].

***Мазолим. Зулома ва мазлима*** (ар. ҷамъ: *мазолим* ), ба маънии ситонидани ҳаққи тарафе мебошад, ки золим дар вақташ онро поймол кардааст. Дар қаламрави Сомониён, ғайр аз маҷлисҳои ҳукм ва қазо, боз маҷлисҳои мазолим, ҳамчун бахши муҳими дигар аз дастгоҳи қазо ё додрасӣ фаъол буд. Ин гуна нишастҳо ва ё дидорҳо дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон ба тақлид аз девонсолории Бағдод сурат мегирифтанд. Тибқи ин расм, дар маҷлис додрасе (нозир ё волии мазолим) раёсати маҷлис *мазолимро* бар уҳда дошт ва дар ҳузури қузот ва иҷтимоъ доварӣ мекард. Вай шикоятҳои мардум ва додхостҳои *мутазаллимонро*, ки ғолибан аз зумраи давлатмардон ва афроди бонуфуз буданд, баррасӣ мекард. Гуфтанӣ аст, анҷоми ин гуна корҳо, на танҳо тақозои инсофи қазо, балки тавони қудрат ва нуфузи иҷрой низ буд. Воқеияти ин амр бар он дорад, ки дар қаламрави Сомониён адл аз ҷойгоҳи воло бархӯрдор будааст [8, 399 - 400].

Муаррих Мовардӣ масъулияти мазолимро чунин таъриф кардааст: «Бо тарсондани мазолиминононро ба дод ва инсоф кашондан ва бо ҳайбат,ононро аз инкори ҳаққ боздоштан; аз ин рӯ, нозири мазолим бояд арҷманд, қотеъ, бузургманиш ва покниҳод бошад» [Ниг. ба: 8, 400].

Масъулияти мазолим иборат аз баррасӣ ва расидагӣ бар шикоятҳои афрод аз сиёсати волиён, омилони хироҷ, дабирони девонҳо, масъулони молияи сипоҳ ва ғосибони амвол буд. Ҳаққу ҳуқуқ, ихтиёрот, тавоноии амал ва нуфузи гуфтории нозирони мазолим афзунтару васеътар аз қозиён буданд. Вай бо қудрати хеш, ҳайбат ва таҳдидҳои ситамгарро бозмедошт. Ӯ барои кашф ва таъйини ҳақиқат ҳақ дошт. Агар зарур бошад, ӯ хусумро ҷудогона ба маҷлиси фаро мехонд ва дар сурати печида будани кор, даъворо ба миёнҷигарии афроди амин ва муътамад ирҷоъ медод [8,400].

Ҳамин тавр, дар аморати Сомониён баргузории ҷаласаҳо барои мазолим суннат шуда шуда буд. Дар таърихномаҳо омадааст, ки амир Исмоил ибни Аҳмад аз нахустин баргузоркунандагони ин навъ ҷаласот будааст. Муаррихин дар бораи нишасти ин амир дар шаҳри Самарқанд барои *мазолим* гузоришҳое додаанд, аз ҷумла, дар яке аз гузоришҳои муаррихи асри сомонӣ омадааст: «Вай дар рӯзҳои барфу сармо дар майдон меистод ва мазоламаи касон мешнавид ва чун дере дар майдон меистод ва касеро ҳоҷат набудӣ, мерафт» [8, 400 - 401].

Дар бузургтарин шаҳрҳои Хуросон қозиён аз сӯйи амирон ва сипаҳсолорон ба унвони *мазолим* таъйин мешуданд. Чунончи, дар Нишопур, ки қароргоҳи сипаҳсолори сомонӣ ва ҳокими Хуросон буд, *малозим* баргузор мешуд. Чунончи, дар гузориши Муқаддасӣ омадааст, ки рӯзҳои якшанбе ва чаҳоршанбе маҷлиси *мазолим* дар ҳузури сипаҳсолор ё вазири ӯ барпо мешуд ва ҳар нафаре, ки шикояте дошт, бар-ӯ изҳор мекард ва ӯ ба тамомии шикоятҳои шокиён расидагӣ мекард. Дар ин маҷолис, ба ҷуз сипаҳсолор қозӣ, раиси шаҳр, уламо ва ашроф низ ҳузур меёфтанд. Муқаддасӣ, ки худ ба бисёр давлатҳои исломии он рӯзгор сафарҳо доштааст, ин расмро дар миёни кишварҳои исломӣ бемонанд донистааст [8, 402].

Он гуна, ки дар гузоришҳои муаррихин ва нависандагони даврони баъд аз Сомониён омадааст, амирон ва подшоҳони хонадони Ѓазнавиён ва Салҷуқиён низ ба ойини *мазолими* замони Сомониён пайравӣ мекарданд ва маҷлисҳои мазолим дар масҷиди ҷомеъ ҳафтае ду бор доир мешуд. Чунончи,Султон Масъуд дар суханоне, ки дар дарбор барои умаро ва бузургон дар оѓози салтанати хеш дар Нишопур эрод карда буд, гуфт: «Ва дар ҳафта ду бор *мазолим* хоҳад буд. *Мазолим* ва дари сарой гушодааст. Ҳар касеро, ки мазлимате (мазолим) аст, бибояд омад ва бе ҳашамат сухани хеш гуфт, то инсоф тамом дода ояд ва берун мазолим он ки ҳоҷиб ѓозии сипаҳсолор бар даргоҳ аст ва дигар муътамадон низ ҳастанд, наздики эшон низ мебояд омад ба *даргоҳ* ва *девон* ва сухани хеш мебояд гуфт, то он чӣ бояд кард, эшон мекунанд» [8, 403].

Дар бораи суннати баргузории маҷолиси мазолими замони Салҷуқиён вазири машҳури онон Низомулмулки Тӯсӣ мегӯяд: «Подшоҳро аз он ки ҳар ҳафтае ду рӯз ба *мазолим* биншинад ва дод аз бедод бистонад ва инсоф бидиҳад ва сухани раъият ба гӯши хеш бишнавад, бевосита ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунанд ва ҳар яке мисоле диҳад, ки чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки худованд ҷаҳони мутазаллимон ва додхоҳонро дар ҳафтае ду рӯз пеш мехонад ва сухани эшон мешнавад, ҳамаи золимон бишкӯҳанд ва дастҳои кӯтоҳ доранд ва касе наёрад бедодӣ кардан ва дастандозӣ кардан аз бими уқубат» [8, 403 - 404].

Маълум аст, амирони сомонӣ, асосан аз мазҳаби фиқҳи ҳанафӣ ҳимоят мекарданд ва фуқаҳои ҳанафӣ аҳли раъй дар ҳамаи баҳсҳои динӣ ва мазҳабӣ буданд. Вале аз он ҷо, ки сиёсати амирони сомонӣ дар мазоҳиб берун аз ҳама навъи таассуб буд ва бархе аз вилоятҳо ва манотиқ ҳам аз мазҳаби шофеӣ пайравӣ мекарданд ва дар баъзе аз дигар низ шофеиён ҳузур доштанд, намояндагони ин мазоҳиб ҳаққи мазолимӣ доштанд. Аз ин рӯ, кузот дар ин гуна манотиқ аз миёни ин ду гурӯҳи мазҳабҳо интихоб мешуданд. Аз аҳди Сомониён гузоришҳое низ дар даст дорем, ки шуѓли қазо ба фақеҳони дигар мазоҳиб низ вогузор мешудааст [8, 404].

Мовардӣ бар ин ақида аст, ки пайрави мазҳаби шофеӣ низ метавонад фарди ҳанафимазҳабро ба қазо баргуморанд. Аз назари ӯ, қозии шофеимазҳаб муваззаф нест, ки дар таъйини аҳкоми худ фақат табъият бар аз назариёти шофеӣ бошад. Вай тақозои иҷтиҳодро дар ҳукм барои шофеимазҳабон аз қавли Абӯ Ҳанифа раво донистааст. Вале

бо ин ҳама имтиёзҳо, дар замони ҳукумати Сомониён бархе фуқаҳо манъ кардаанд, ки қозии пайрави як мазҳаб, тибқи мазҳаби дигар ҳукм кунад. Бо ин сабаб, иддае аз муаррихон бар ин ақидаанд, ки «дастгоҳи қазой аз назари фиқҳӣ пойбанди сирфан яке аз ин ду мазҳаб набуд ва бо навъе тасоҳили (осон) амал мекардааст». [8, 404 - 405).

Аммо маъруфтарин фуқаҳо дар замони ҳукумати Сомониён нисбат ба интихоби қузоте бо дидгоҳҳои каломии хос, мисли эътизолия (муътазила) бо ҳассосият ва сахтгириҳои шаддиде бархӯрд доштанд.

***Феҳристи қаззои Мовароуннаҳр ва Хуросони асри сомонӣ:*** Дар манобеъи таърихӣ номи теъдоди зиёде аз фуқаҳо ва уламои мазоҳиби ҳанафӣ ва шофеъиро, ки дар қаламрави Сомониён вазифаи *қазоро бар уҳда доштанд,* омадааст. Дастгоҳҳои қазои Самарқанд ва Бухоро, ки бидуни шакк, аз муҳимтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба шумор мерафтанд, ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи хоси руҳонияти исломӣ қарор доштанд.

***Дар Бухоро:*** Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Алӣ Нахааии Ровудӣ (ё Довудӣ, ваф. 376 қ. / 986 м, Бухоро), фақеҳи довудимазҳаб. Вай қабл аз 360 қ. / 971 м. он ки қозии Насаф бошад, қозии Бухороро ба ӯҳда дошт.

Абул Осим Убайдуллоҳ ибни Муҳаммади Калободии Бухорӣ, фақеҳ ва муҳадисси маъруфи Бухоро. Вай дар чанде аз шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр ва саранҷом дар Бухоро ба мақоми қазо баргузида шуд. Гуфта мешавад, вай ба қозиюлқузотии Бухоро низ расида буд. Ба гуфтаи Ҳокими Нишопурӣ, Абул Осим Убайдуллоҳ дар с. 355 қ. / 966 м. уҳдадори қазоти Бухоро буд.

Абӯзар Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Юсуфи Бухорӣ (ваф. 320 қ. / 941 м.) фақеҳ ва зоҳиди шофеъимазҳаб дар замони аморати Исмоил ибни Аҳмад мақоми қазои Бухоро пазируфта шуд. Гуфта шудааст, ки ӯ дар айёми пирӣ аз мансаби қазо канора гирифт ва дар Ироқ ба таълим ва таъаллуми ҳадис пардохт ва саранҷом Бухоро баргашт ва даргузашт.

Абулфазл Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Аҳмади Марвазии Сулламӣ маъруф ба Ҳокими Ҷалил (мақтул дар с. 334 қ. / 945 м.) фақеҳи бузурги ҳанафӣ, солҳои дароз дар маснади қазои Бухоро қарор дошт ва саранҷом дар замони вазорати амир Нӯҳ ибни Наср ба дасти сипоҳиёни турк ба қатл расид. Вай ба «шаҳид» мулаққаб шуд.

***Дар Самарқанд:*** Абӯ Усмони Салм ибни Ҳафси Куззории Самарқандӣ фарзанди Абӣ Муқотил дар с. 211 қ. / 923 м. ба мақоми қазои Самарқанд гумошта шуд ва то охири умараш дар ин мақом қарор дошт.

Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аслами Издӣ, фақеҳ ва муҳаддиси ҳанафӣ (ваф. 268 қ. / 881 м.), дар замони аморати Наср ибни Аҳмади ибни Асад (Насри аввал) дар симати қозии Самарқанд буд.

Абӯ Муҳаммад Исмоил ибни Муҳаммад ибни Насри Марвазӣ, фақеҳи ҳанафимазҳаби дар с. 318 қ. / 930 м. ба симати қазои Самарқанд пазируфта шуд ва то охири умраш (ҷумод ул-аввали с. 333 қ. / 944 м.) дар ин симат қарор дошт ;

Абӯ Саъид Халил ибни Аҳмади Сиҷзӣ (ваф. 378 қ. / 995 м., Фарғона) шоир, воиз, раҳҳол, фақеҳи ҳанафимазҳаби Самарқанд солҳои дароз дар симати қазои Сиистон ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр қарор дошт ва муддате ҳам дар мақоми мазолим буд. Гуфта шудааст, ӯ дар охири умраш ба симати қазои Самарқанд расида буд.

Абӯ Наср Аҳмад ибни Амруи Бухорӣ (ваф. 396 қ. / 1006 м.) фақеҳи ҳанафимазҳаб ва аз охирин қузоти шаҳри Самарқанд дар замони Сомониён буд. Қабл аз маргаш ӯ ба Бухоро бозгашт.

***Дар шаҳрҳои дигари Мовароуннаҳр:*** Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасани Киндии Сардарӣ, фақеҳ ва муҳаддиси ҳанафӣ (ваф. рабеъ ул-аввали с. 370 қ. / 981 м.) борҳо бар мақоми қазои Самарқанд ва Насаф расидааст.

Абӯ Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ, фақеҳ ва муҳаддиси бузург (ваф. с. 405 қ. / 1015 м.) с. 359 қ. / 970 м. дар замони вазорати Абӯ Ҷаъфари Утбӣ симати қазои шаҳри Насоро пазируфт;

Абӯ Ҳотам Муҳаммад ибни Ҳиббони Бустӣ (ваф. 354 қ. / 965 м. ) фақеҳ ва муҳаддиси шофеъимазҳаб муддате симати қазои Насоро (пас аз адои вазифа дар Самарқанд ( то с. 337 қ. / 948 м.) бар ӯҳда дошт.

***Дар Нишопур:*** Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасани Санҷонии Марвазӣ дар с. 316 қ. / 928 м. қазои Нишопурро ба ӯҳда гирифт.

Абӯ Муҳаммад ибни Аҳмади Марвазӣ дар с. 337 қ. / 948 м. қозии Нишопур буд (то с. 340 қ. / 951 м. дар ин симат буд). Пас аз ин, то замони даргузашташ (с. 353 қ. / 964 м. ) дар симати қазои Бухоро буд.

Умод ул-ислом Абӯ ал-Ало Соид ибни Муҳаммади Устувоии Нишопурӣ (343 - 432 қ. / 954 - 1041 м. ё 341 қ. / 952 м.) фақеҳ ва раиси ҳанафиёни Нишопур, дар с. 377 қ. / 987 м. аз тарафи амир Нӯҳ ибни Мансур ба симати қазои Нишопур гумошта шуд. Муҳаммадризо Ноҷӣ ӯро аз охирин қазои Нишопури замони сомониён хондааст. Гуфта мешавад, ки пас аз вай низ вазифаи қазои Нишопур то рӯзгори Самъонӣ (ваф. 562 қ. / 1167 м.) дар ихтиёри фарзандони ӯ (соидия) боқӣ буд.

Абӯ Ҳайсам Утабба ибни Хайсама, фақеҳ ва муҳаддис, қазои Нишопур (с. 392 қ. / 1002 м., пас аз Умод ул-ислом Абӯ ал-Ало Соъид то с. с. 405 қ. / 1015 м.).

***Дар Ҳирот:*** Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Мӯсоии Розии Хозон (ваф. 360 қ. / 971 м.) фақеҳи ҳанафӣ муддате дар Ҳирот ва пас аз он дар Самарқанду Фарғона ба мақоми қазо расид. Вай ҳамзамон бариди Фарғона буд.

***Дар Гургон, Хуросон ва Сиистон:*** Абӯ Абдуллоҳ Ҳокими Нишопурӣ, муҳаддиси бузург (ваф. с. 405 қ. / 1015 м.),. Бар-ӯ мансаби қазои Гургон пешниҳод шуд, аммо ӯ напазируфт.

Абӯ Муҳаммад Абдуллоҳ ибни Яҳёи Шерзодии Сарахсӣ, фақеҳ ва муҳаддиси ҳанафӣ. Вай с. 304 қ. / 917 м. дар замони аморати Исмоил ибни Аҳмад мақоми қазои Табаристон ва сипас Насафро пазируфт.

Абӯ Алии Масаҷҷӣ фақеҳ ва муҳаддиси ҳанафӣ. Вай с. 350 қ. / 961 м. вазифаи қазоро дар Сиистон бар ӯҳда дошт.

Абӯ Ҷаъфар Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Сулаймони Зӯзанӣ (ваф. 370 қ. / 981 м.) фақеҳ ва муҳаддиси шофеъимазҳаб дар чанде аз Хуросон ва Мовароуннаҳр мақоми қазоро бар ӯҳда дошт (8,394 - 399).

***Феҳристи қозиюлқузот:***

Абӯ Риҷоъ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷузҷонӣ фақеҳи машҳури ҳанафӣ дар замони Амру ибни Лайси Саффор *қозиюлқузоти* вилояти Нишопур буд.

Абулқосим Убайдуллоҳ ибни Муҳаммади Кулободӣ фақеҳ ва муҳаддис муддатҳо дар мақоми қазо дар Марв, Ҳирот, Самарқанд, Шош, Фарғона ва Балх буд. Гуфта шудааст, ки вай қазои Бухоро ва саранҷом ба қозиюлқузотӣ расид.

Абӯ Ҳомид Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ маъруф ба Ибни Табарӣ (аслияташ аз Ҳамадон, ваф. 373 қ. / 983 м. дар Марв, ба ривояте 377 қ. / 987 м., дар Бухоро), фақеҳ ва муҳаддиси ҳанафӣ. Вай с мақоми қозиюлқузоти Хуросонро бар ӯҳда дошт. Қабл аз маргаш ба мақоми қазои Бухоро баргузида шуд.

Абӯ Ҳайсам Уттаба ибни Ҳайсамаи Нишобурӣ фақеҳ ва муҳаддиси ҳанафӣ с. 379 қ. / 989 м. бар мақоми қозиюлқузоти Хуросон тааҳҳуд намуд. Гуфта шудааст, ки вай аз шогирдони барҷастаи Қозиюл -ҳарам Аҳмад ибни Муҳаммади Нишопурӣ буд. Абӯ Ҳайсам дар с. 406 қ. / 1016 м. даргузашт.

Абӯ Ҳаёма, фақеҳ ва муҳаддиси машҳур. Вай аз 392 то 405 қ. / 1015 м. мақоми қазоро Дар Нишопур бо шоистагӣ ӯҳдадор буд.

Абӯ ал-Алоъи Соъид ибни Муҳаммад Устувоӣ, фақеҳ ва муҳаддис, муддате ба мансаби қазои Нишопур гуморда шуд. Вай шогирди Абӯ Ҳаёма буд. (8, 404- 410).

***Муаддилон ва музаккиён:*** Абӯ Аҳмад Муҳаммад ибни Аҳмади Шуъайбӣ (ваф. с. 357 қ. / 968 м.) фақеҳи ҳанафӣ. Вай муаддил ва музаккии маъруфи Нишопур буд.

Абӯ Исҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Музаккӣ, фақеҳ ва муҳаддиси маъруфи Нишопур. Вай с. 336 қ. / 947 м. дар Нишопур бар кори *тазкия* машғул буд.

Абӯ Бакр Аҳмад ибни Ҳасан Ҳарашӣ Ҳайрӣ, фақеҳ ва муҳаддиси Нишопур. Вай с. 324 - 421 қ. / 936 м. мақоми қазои Нишопурро бар ӯҳда дошт. Пас аз ин, бар мақоми *музаккӣ* баргузида шуд.

Абӯ Абдурраҳмон Муҳаммад ибни Исмоили Қаттонӣ (ваф. 389 қ. / 999 м.), фақеҳ вамутакаллими суннимазҳаби Гургон. Вай *шурути* Гургон буд.

Абулқосим Абдулазиз ибни Юсуфи Нишопурӣ, фақеҳ ва муҳаддис дар Нишопур. Гуфта шудааст, ки вай ба муддате аз тарафи *қоиюлқузот А*бӯ Ҳайсам Атаба ибни Хайсама ба ниёбати қазои Нишопур расидааст.

Абӯ Убайд Муҳаммад ибни Сулаймон дар ҷавонӣ ҷонишини Абӯ Алии Мусаббаҳӣ, фақеҳ ва муҳаддис. Вай с. 350 қ. / 961 м. дар мансаби қазои шаҳри Насаф будааст.

ал-Ҳоким Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн Ҳаддодии Марвазӣ, фақеҳ ва қозии ҳанафӣ дар Марв. Вай с. 388 қ. / 998 м.) дар маснади қазои Мавр буд. Баъдҳо ин мақомро дар Бухоро бар ӯҳда гирифт. (8, с.394-399)

***Феҳристи мазолимон:***

Абӯ Яъқуб Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад (ваф. 301 қ. / 914 м., дар куҳандизи Бухоро). Вай бародари амир Исмоил аст ва дар замони аморати бародараш уҳдадори *мазолими* Бухоро буд.

Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ, амири сомонӣ. Вай *мазолими* Бухоро буд.

Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад Луълуии Калободӣ, фақеҳ ва муҳаддис. Вай аз шогирдони Абӯ Абдуллоҳ ибни Абӣ Ҳафс буда ва ба муддати ҳафт сол мансаби *қозӣ* ва мутаваллии *мазолими* Бухоро бар уҳда дошт.

Абӯ Алӣ Муҳаммад ибни Ҳасан Тумори Розӣ, фақеҳ ва муҳаддис. Ва дар таърихи зулҳиҷҷаи с. 345 қ. / 956 м. ба Мовароуннаҳр омад ва дар замони аморати Нӯҳ ибни Наср мақоми мазолимро бар ӯҳда дошт.

Абӯ Саид Абдурраҳмон ибни Аҳмади Нишопурии Болварӣ (ваф. с. 374 қ. / 984 м.), фақеҳ ва муҳаддис. Замоне, ки сокини Бухоро буд, кори *малозимр*о ба уҳда дошт. Гуфта шудааст, вай дар с. 373 қ. / 983 м. мансаби қазои Насаф ва дар с. 374 қ. / 984 м. қазои Иштихан (аз қарияҳои Суғд дар фосилаи ҳафт фарсах аз Самарқанд) - ро пазируфт.

Абӯ Рабеи Балхӣ фақеҳ ва шоир. Асолатан аз Балх, вале дар Бухоро ӯҳдадори аъмоли мазолим буд.

Абӯ Алӣ Муҳаммад ибни Закариёи Мусаббиҳии Бағдодӣ, фақеҳ ва муҳаддиси арабзабон ( ваф. 350 қ. / 961 м., Ҷузҷон). Вай мазолими сокини Насаф буд. Ӯро ҳамчунин аз қузоти Систон ва мазолими Балх доностаанд.

Абӯ Саид Халил ибни Аҳмади Сиҷзӣ, фақеҳ ва муҳаддис (ваф. охири ҷумодилохари с. 378 қ. / 988 м.). Асолатан Систонист. Вай дар шаҳрҳои мухталифи Мовароуннаҳр ба мақоми қазоӣ расид. Ва муддате ҳам мазолимро дар Фарғона ба ӯҳда дошт ва дар ҳамон шаҳр даргузашт. (8, 399 - 404).

**Замима. Истилоҳоти тахассусӣ дар «Девони қазо»**

*Қиболот* (ар.) ҷамъи «қибола» аст. Ба маънии асноди навишташудаи марбут ба кори баррасии ҷурм дар девони қазо аст.

*Мудир* (ар.), он кас, ки идораи аснод ва қиболотро бар ӯҳда дошт.

*Сиҷаллот*(ар.), ба маънии асноде аст, ки дар девон нигаҳдорӣ мешуд.

*Шурутӣ* - котиби махсус дар системи додрасии давраи Сомониён. Котиберо ки ба нигориши аснод ва қиболот, ки муштамил бар шурут буд, мепардохт, *шурутӣ* мегуфтанд.

*Шуҳуд* (ар.) ҷамъи «шаҳодат» («гувоҳ») аст. Дар девони қазо ба маънии «гувоҳон» дар истифода буд. Қозӣ ба василаи қиболот ва сиҷиллот бар шуҳуд ҳукм мекард, то онон шаҳодоти худро бар онҳо бинависанд.

*Дабир* (паҳл.), ба маънии муншӣ. Дабирони зиёде дар девони қазо (ё додрасӣ) буданд ва ҳар яке муваззафи коре буданд.

*Ҳукумат* (ар.)-фармонравоӣ. Дар «Девони қазо» вожаҳои *ҳукумат* ва *ҳоким* ба сурати мутародиф бо *қазо* ва *қозӣ* мавриди истифода будааст.

*Мукотиб* (ар.), ҷамъи «котиб». Инон намояндагони қозии шаҳр дар деҳаву рустоҳо буданд, ки дар умури қазоват доварӣ мекарданд. Ба гуфтае, ин унвон бештар дар навоҳии Нишопур маъмул будааст.

*Соҳиб ул-маъвана* ё *волии шурта.*Ин фард мувaззаф буд, ба додгоҳ барои эҳзори (даъвати) хасм кӯмак намояд. Чунончи, агар ҳаққе барои яке аз тарафҳои даргир собит шавад, қозӣ номае барои ӯ дар ин бора менавишт ва *соҳиб ул-маъвана* дархост мекард то дар барқарории ҳаққаш бар-ӯ ёрӣ бирасонад.

Дар матнҳои адабии асри сомонӣ истилоҳоти зиёде ба чашм мехӯранд, ки мустақиман марбут ба «Девони қазо» ва системи додрасии он рӯзгоранд. Истилоҳоте чун:арза (ба маънии пешкаш ва тақдим), ато, афв (бахшидани гуноҳ), дабир (ба маънии котиб, муншӣ), давлат (ҳукумат, салтанат), мамлакат, мулк, малик, маҷлис, марз, марҷ (шакли арабии марз, бум), мирӣ (амирӣ), муҳр, нигаҳбон, нома, озода, паём, пайк, тавонгар (қудратманд), фармон, марди ҳарс (нигаҳбони шахсии амир), пешёр (ёвар, ёрирасон), пешкор (пешхидмат, хидматгор), вазир, нома, унвон (оѓози нома), зиндон, ҳуда (рост), ҳукм, ҷазо (сазо, подош) ва ѓайра.

**Адабиёт:**

1. Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Сочинения. Т. 1. - М., 1963.

2. Бойматов Л. Д. Девони қузо. // Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008, - С. 403 - 404.

3. Бойматов Л. Д. Девони шурта. // Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008, - С. 411 - 412.

4. Бойматов Л. Д. Таърихи ҷомеи Сомониён. // Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Баргардони д-р Луқмон Бойматов. Виростор: д-р Сайфуллоҳ Муллоҷон. - Душанбе, 2011, - С. 17 - 39.

5. Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Ба кӯшиши Муҳаммадтақии Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1351.

6. Неъматов Н., Мирбобоев А. М. Девони соҳибшурта. // Донишномаи Сомониён. Ҷ. 1. - Душанбе, 2008, - С. 307.

7. Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. Баргардони д-р Луқмон Бойматов. Виростор: д-р Сайфуллоҳ Муллоҷон. - Душанбе, 2011, 1295 с.

8. Фрай Р. Н. Сомониён. // Таърихи Эрон аз зуҳури ислом то омадани давлати Салҷуқиён. Амири Кабир, - Теҳрон, 1380.

**Мухторов З. М.,**
Директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология 734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33 тел./факс (992 37) 228-91-51
E-mail: mukhtorov67@gmail.com (992) 907801822

**Қосимзода. М.Ф.,**
магистранти курси дуюми Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, тел.: 907-40–48–99,
E-mail: mirzo.k95@mail.ru

# МАСОИЛИ МУБРАМИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ ДАР ДАВРОНИ МУОСИР

**Аннотатсия**

*Дар мақолаи мазкур масоили мубрами имрӯза, яъне таъмини амнияти иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Амнияти иттилоотӣ ин роҳҳои таъмини амният, ҳифозат ва интиқоли бехатари иттилоот фаҳмида мешавад, ки мо бо ин раванд ҳар рӯз дучор мешавем. Албатта, ки имрӯзҳо интиқол ва нигоҳдории иттилоот аксаран тариқи васоити электронӣ сурат мегирад, боиси нигаронӣ ҳам ҳаст, чунки хатарҳо рӯз аз рӯз афзоиш доранд ва роҳҳои самарабахши мубориза бо таҳдидҳоро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.*

**Калидвожа:** иттилоот, амнияти иттилоотӣ, маълумот, хатарҳо, таҳдидҳо, кибернетика, киберҷиноят, вирус, ҳариф, ҷинояткор, муҳофизат.

**Аннотация**

**Актуальные вопросы информационной безопасности в современных условиях**

*В статье речь идет об актуальных проблемах современной информационной безопасности, которая также становится важным вопросом научных исследований и для Республики Таджикистан. Отмечается, что в настоящее время мы ежедневно сталкиваемся с определенными сложностями, которые прямо или косвенно связаны с защитой информации. Общеизвестно, что в настоящее время основная масса информации обрабатывается, хранится и передается при помощи современных электронных технологий. Однако такое развитие событий не гарантирует полной сохранности и защищенности информации, и современное общество ставит перед специалистами и учеными новые задачи по решению таких проблем глобального характера.*

**Ключевые слова:** информация, информационная безопасность, сведение, опасности, угрозы, кибернетика, киберпреступление, вирус, оппонент, преступник, защита

**Annotation**

**Current issues of information security in modern society**

*The article deals with the actual problems of information security, which also becomes an important aspect of scientific research for the Republic of Tajikistan. It is noted that at present we are daily confronted with certain difficulties that are directly or indirectly related to the protection of information. It is well known that currently the bulk of information is processed, stored and transmitted using modern electronic technologies. However, this development of events does not guarantee the complete safety and security of information. The modern society poses new challenges for specialists and scientists to solve such global problems.*

**Key words:** information, information security, hazards, threats, cybernetics, cybercrime, virus, opponent, criminal, prosecutor.

Масъалаи ҳифзи иттилоот яке аз мушкилоти мубрами замони мо мебошад. Якчанд даҳсолаҳо қабл вазифаи ҳифзи иттилоот бо ёрии тадбирҳои ташкилӣ ва воситаҳои алоҳидаи ҳамроҳ бо барномаҳои идоракунии дастрас ва рамзгузорӣ ҳал карда мешуд. Бо вуҷуди ин, бо пайдоиши компютерҳои шахсӣ ва рушди шабакаҳо мушкилоти амниятии иттилоотӣ хеле амиқтар гардид.

Технологияҳои иттилоотӣ имрӯз базудӣ ба бисёр соҳаҳои фаъолияти инсон ворид мешаванд. Шабакаҳои иттилоотии маҳаллӣ ва глобалӣ ба истифодабарандагони компютер имкониятҳои навро барои мубодилаи босуръати иттилоот пешниҳод карданд. Агар то ба наздикӣ ин гуна шабакаҳо танҳо барои мақсадҳои мушаххас ва кӯтоҳтар таъсис дода шуда бошанд, имрӯз рушди Интернет ва системаҳои шабеҳи истифодаи шабакаҳои интиқоли иттилоот дар ҳаёти ҳаррӯзаи қариб ҳар як шахс дучор мешаванд.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, дар навбати худ, ба бехатарии фаъолияти шабакаҳои иттилоотӣ марбут мебошад. Амнияти шабака кафолат медиҳад, ки ба иттилооти дар шабака ҷойдошта афроди ба он алоқамандии мустақимнадошта, дастрасӣ пайдо карда наметавонанд. Амнияти шабака ҳамчунин муштариёнро аз лиҳози дастрасӣ ба иттилооти ҷойдошта ва бехатарии он таъмин мекунад. Муҳофизати боэътимоди шабака ба муштариёни нав имкон медиҳад, ки новобаста аз он ки кадом маҳсулот ва кадом алоқаро истифода мебаранд, дар тиҷорати электронӣ иштирок кунанд. Сатҳи баланди боварӣ ва дастрасӣ метавонад ба ҷонибҳои беруна, ба мисли мизоҷон, таъминкунандагон, шарикони тиҷоратӣ, мушовирон, кормандон ва паймонкоронро ба таври бехатар таъмин карда шавад. Он ба густариши тиҷорат мусоидат мекунад ва хароҷотро коҳиш медиҳад. Ғайр аз ин, бисёр муштариён ва шарикони тиҷоратӣ пеш аз ҳамроҳ шудан ба равандҳои тиҷорат сатҳи баландтарини боварӣ ва бехатариро талаб мекунанд.

Рамзгузорӣ яке аз механизмҳои муҳими ҳифзи иттилоот ҳангоми интиқоли маълумот мебошад. Бо истифода аз рамзгузории файлҳо, шумо инчунин метавонед,

амнияти маълумотро дар муддати нигаҳдорӣ таъмин кунед. Масалан, барои ҳимоя аз гӯш кардани маълумот дар қисмҳои низомии Амрико, операторони радио аз забони сокинони Навахо (мардуми ҳиндувони Амрикои Шимолӣ, ки қариб 200 ҳазор нафар мебошанд, забони махсуси худро доранд ва забони онҳо ба оилаи забони атабаскӣ дохил мешавад, ки яке аз забонҳои ҳиндуӣ (индейские языки) мебошад ва ин забонро танҳо мардуми Навахо истифода мебаранд), ҳангоми интиқоли паёмҳои радиоӣ истифода мебаранд, ки аз мазмуну мундариҷаи маълумот ҳариф огаҳ шудан наметавонад.

Консепсияи муосири бехатарӣ дар меъёри умумӣ тасвир шудааст, ки ѓояи асосӣ дар тарҳҳои муҳофизатшуда ном дорад ва муҳитҳои гуногуни амниятиро, ки дар онҳо системаҳои компютерӣ ҷойгиранд, муайян мекунад. Маҳсулот барои риояи ин тахассусҳо арзёбӣ ва тасдиқ карда шудаанд. Ҳангоми харидани система, ташкилот имкон дорад интихоби он тахассусеро, ки ба талаботи беҳтарин мувофиқ аст, интихоб кунад ва маҳсулоте, ки барои ин тахассус тасдиқ шудааст, интихоб кунад. Сертификати маҳсулот инчунин сатҳи боварӣ, яъне, сатҳи махфиятеро, ки аз тарафи арзёбандагон муайян карда шудааст, ба феҳристи функсионалӣ мувофиқат бояд кунад.

Аммо дар баъзе мавридҳо дида мешавад, ки ҳатто баъзе ширкатҳои бонуфуз таъмини амниятиро нодида мегиранд. Масалан, бисёре аз соҳибони мошинҳои тамѓаи «Toyota» дар солҳои 80-уми асри гузашта намедонистанд, ки қуфли дари ин мошинҳо имкониятҳои камтари бастану маҳкам нигаҳ доштани дарро дошт. Мутахассисон бар он эътимод доштанд, ки қуфли ин дарҳо дорои махфияти хосу устувор буда, duздон наметавонанд, ки аз имкониятҳои гуногуни он қуфлҳои дар пурра бохабар бошанд ва боз кардани ингуна дарҳо барояшон осон бошад.Бо ҳамин тартиб ронандагони ин навъи мошинҳо бар он бовар буданд, ки мошинҳои онон комилан дар ҳифзу бехатарист. Аммо дузди собиқадор бо миқдори муайяни калидҳо метавонист дари мошинаҳои «Toyota»-ро кушояд. Маҳз бо ҳамин тартиб мумкин буд, ки дари мошинҳои дигар низ боз карда шавад. [5,12]

Ва ин иштибоҳе, ки аз тарафи кормандони ширкат нисбат ба бехатарии автомобилҳо ошкор гардид, дар истеҳсоли дигар навъи автомобилҳои ин ширкат чунин хатогиҳо дида намешуд, чунки ин ба нобоварии муштариён оварда мерасонад.

Масалан, якчанд даҳсола пеш, барои ирсоли паёмҳо мо аз почта, ки тариқи мактуб ирсол мегардид, истифода мебурдем ва кафолати пурраи амнияти паёмҳои мо таъмин набуд. Дар ҳар вақт хатар метавонист, ба маълумоти ирсолнамудаи мо таҳдид намояд. Бо мурури замон ва инкишофи техникаю технология бо роҳҳои электронӣ ирсол намудани маълумот пайдо шуд, вале дар баробари пайдо шудани роҳҳои нави интиқол, инчунин, хатарҳои нав ва таҳдидиҳо низ инкишоф ёфтаанд, яъне ҳоло ҳам таҳдидҳо, ҳатто хатарҳои пурра нест шудани маълумот низ, аз эҳтимол дур нест.

Масалан, ҳангоми фиристодани паёмҳо тавассути телеграф, таъмини ҳифзи роҳҳои алоқа ва паҳншавии он кофӣ буд. Баъдан, компютерҳо пайдо шуданд, ки тавассути онҳо захираҳои иттилоотии ташкилотҳоро дар шакли электронӣ интиқол додан имконпазир

гашт. Баъд аз чанд вақт, кор бо компютерҳо осонтар шуд ва бисёре аз корбарон фаҳмиданд, ки чи тавр бо муошироти интерактивӣ дастрасӣ дошта бошанд. Дастрасӣ ба иттилооти дар системабуда аз ҷониби ҳар истифодабаранда дастрас гардид. Аз ин рӯ, ҳифзи компютерҳо ва системаҳои иттилооти зарур гардид.

Дар ҳар сурат, сустии инфрасохторӣ аз ҷиҳати амниятӣ бояд бартараф карда шавад. Бояд эътироф кард, ки ин заъфҳо диққати ҳамлагаронро ҷалб карда, нақшаи амалиёти дахлдорро барои ҳамла ба заъфҳо таҳия хоҳанд кард.

Роҳи муайяни пешгирӣ аз ҳамлагарон вуҷуд надорад, зеро бехатарии тиҷорати электронӣ марҳилаи нав ба навро тай мекунад ва ҳамлагарон низ роҳҳои нав ва гуногунро пеша кардаанд. Айни замон дар амалисозии пешгирӣ ва рафъи хатарҳо фалсафа ва равишҳои гуногун истифода мешаванд.

Мисоли равшани ин гуфтаҳо ҳамлаи киберҷинояткорон ба бонку банкоматҳо ва истгоҳҳои бензин дар Украина аст. Полиси киберҷиноятҳои Украина серверҳои компютерҳои як ширкати хурдро мусодира кард, ки дар дохили он ба истилоҳ “фаъолиятҳои нав” сабт шуд. Полис гуфтааст, ки шояд омилони ҳамлаи ҳакерии ҳанӯз ҳам дар фикри анҷоми бебандубориҳо бошанд.

Ширкати нармафзори соҳаи андоз M.E. Doc аз назари эҳтимоли хориҷ шудани вирус санҷида шуд, ки ин ширкат, зоҳиран барои пахши навбатии вируси харобкор омодагӣ медид, вале мутахассисон пеши роҳи ин амалро саривақт гирифта тавонистанд.

Ҳанӯз маълум нест, ки чи тавр рахнагарон, ҳамоно ба сервери ширкати M.E. Doc дастрасӣ доранд. Ширкати мазкур ҳоло аз назари паҳн кардани вируси харобкоре, ки кори бонку банкоматҳо ва истгоҳҳои бензинро дар Украина масдуд кардааст, санҷида мешавад. Худи ширкат ин иттиҳомотро рад кардааст [3].

Дар робита бо ин, метавон ҳамин нуктаро зикр кард, ки имрӯз, мутаассифона, чунин ҳодисаҳои ғайримунтазира дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ва ҳатто кишварҳои пешрафта ба мушоҳида мерасад. Ин бе шакку шубҳа, бар он далолат мекунад, ки ҳеҷ як нафар ва ҳеҷ як муассисаву мақомоти давлатӣ ва ё ташкилоти хусусӣ аз ҳуҷуми хакерӣ эмин буда наметавонад. Дар ин росто барои мақомоти давлатӣ ва идораҳои гуногуни давлатӣ низ зарурати ҳарчи бештари ҳифзи иттилоот пеш меояд, ки ин кор пеш аз ҳама, бо ҷалби мутахассисони варзида метавонад роҳандозӣ шавад.

Дар Ҷумурии Тоҷикистон низ мубориза бо ин навъи ҷиноятро такмил дода истодаанд, ки барои пешгирӣ аз хамлаи киберҷинояткорон роҳандозӣ мешаванд. Аммо, мутаассифона, ҳолатҳое дида мешавад, ки ҷинояткорон муваффақ мешаванд. Масалан дар соли 2013 ширкати Касперский, аз офарандагони антивирусҳо мегӯяд, як шабакаи ҷосусии маҷозиро ошкор кардааст, ки аз дер боз. ба дуздидани иттилоот аз муассисаҳои давлативу ширкатҳои хусусӣ машғул будаанд. Ва ҳатто муассисаву ширкатҳои хусусии Тоҷикистон низ туъмаи ин ҷинояткорон гардидаанд, қайд мекунад мутахассиси аршади ширкати Касперски, ки масъулияташ омӯзиши вирус ва барномаҳои зиёновари компютерист, ки дар ифшои шабакаи мазкур бо номи “НетТравеллер” кор кардааст. Дар

ин ширкат гуфтанд, ки чанд муассисаи давлатии Тоҷикистон ҳам тӯъмаи ин харобкорони интернетӣ шудаанд.

Аз он ҷумла, мутахассиси ин ширкат чунин қайд мекунад, ки“онҳо барои дуздидани иттилоот, “шеваи ҳамлаҳои ҳадафмандона” истифода кардаанд. Яъне ба корбарон имейле бо аттачманет мефиристанд ва агар корбар, барномаи зиддивирусии нав надошта бошад, дар сурати боз кардани нома, барномаи зиёновар дар компютери ӯ насб мешавад ва идораи компютер ба дасти ҳамлаварон мегузарад. Ҳамаи ин ноаён сурат мегирад ва корбар ҳам хабардор намешавад. Яъне корбари компютер номаро боз мекунад, як санади оддиро мебинаду мебандад ва бо ҳамин тамом, аммо дар ин замон вирус дар комютери ӯ насб шудааст. Мо мушоҳида кардем, ки ин шабака тайи 3 соли ахир фаъол шудааст, аммо дар маҷмӯъ барномаҳои зиёноваре, ки ҳамлаварон истифода кардаанд, аз соли 2004 ба кор андохтаанд. Шояд дар ҳамон сол ин барномаҳои зиёноварро сохтаанд.”[4].

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки ин гуна роҳу воситаҳои ҳамла  ҳатто даҳсола қабл истифода мешуданд. Ин шаҳодати онро медиҳад, ки ҳамлагарон рӯз аз рӯз роҳҳои навро барои мақсадҳои нопоки худ истифода мебаранд. Мақсади онҳо асосан ба даст овардани маълумоти манфиатдор мебошад, чи манфиати иқтисодӣ, амниятӣ ва ё дигар манфиатҳо. Ба ин гуна ҳамлаҳо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон рӯ ба рӯ шуданашон мумкин аст. Масалан, аз рӯйи маълумоти ширкати Касперский, ки мутахассиси он қайд кардааст, ки “Мо бештарин тӯъмаҳои ин шабакаро (манзур “НетТравеллер”)  дар Русия, Муғулистон ва Ҳинд мушоҳида кардем. Дар маҷмӯъ дар 40 кишвар тӯъмаҳои ин шабакаи ҷосусӣ дида мешавад. Мо ҳисоб кардем, ки ҳамлаварони “Нет Травеллер” 350 шабакаи компютериро ба вирус олуда кардаанд, вале мумкин аст, миқёси воқеъии ҳамла ва теъдоди шабакаҳои олудашуда, бисёр бузург бошад. Шояд мо танҳо як ҳиссаи бисёр хурди ин тӯъмаҳои шабакаи ҷосусии “Нет Травеллер”-ро дида бошем. Тӯъмаҳои ин шабака дар Тоҷикистон ҳам дида мешавад ва дар маҷмӯъ дар ин кишвар шабакаҳои се навъи муассисаҳо ба шумули муассисаҳои давлатӣ ба вирус олуда карда шудаанд.

Муайян намудани ҳамлагарон дар бисёр мавридҳо номуваффақона сурат мегирад. Ҷинояткорон барои аз чашми мақомоти қудратӣ эмин монданашон тамоми чораҳои пешгирикунандаро меандешанд. Аммо на ҳамаи ин ҷинояткорон мақсадҳои нопоки худро пурра амалӣ мекунанд ва ба мақсадҳои худ мерасанд. Мақомотҳои давлатӣ ва ширкатҳои  хусусӣниз барои пешгири ва мубориза ба ин гуна ҷинояткорон роҳҳои махсуси худро истифода мебаранд. Албатта. ин мубориза на бо силоҳ ва ё дигар намуди таҷҳизоти ҳарбӣ гузаронида мешавад, балки бо истифода аз мутахассисони олидараҷа роҳандозӣ карда мешавад.

Дар мисоли овардаи мо, ки ин равандро ширкати маъруфи Касперский назорат ва ошкор кардааст, ин ҳамлаҳо кори дасти кӣ ва аз кадом кишвар буданашонро нишон медиҳад.  Намояндаи ширкат изҳор менамояд, ки дар робита ба муаллифони барномаҳо мо таҳқиқ анҷом додем ва барои мо возеҳ шуд, ки забони модарии рахнагарон чинӣ аст.

Дидем, ки усулҳои ҳамла хоси рахнагарони интернетии чинӣ мебошад ва он барномаҳоро рахнагарони чинӣ сохтаанд. Ба ғайр аз усулҳо, мукотибаи онҳо низ бо забони чинӣ сурат гирифтааст. Ҳамчунин ӯ мегӯянд, ки «барнома ба кор шурӯъ кард ва ё ғайриқобили истифода шуд. Ҳамаи ин ба забони чинӣ навишта шудааст ва бар изофаи ин маркази идораи шабакаҳои олуда, асосан дар се кишвар Чин, Ҳонконг ва Америко воқеъ шудаанд, вале мудирияти аслӣ аз Чин сарчашма мегирад» [4].

Барои дастраси пайдо накардани рақиб ба иттилои мо, бояд он ба дастгоҳҳои мо дастраси надошта бошад. Масалан, ширкати Huawei ва ZTE, ки моликони ин ширкат чиниҳо мебошанд, ба рӯйхати таҳримҳои Америко ворид гардидааст, ва истифодаи таҷҳизоти ин ширкат дар Америко ва давлатҳои пайрави он манъ аст, ба хотири он ки гӯё ин ширкатҳо маҳсулоти истеҳсолкардаи худро дар тамоми дунё ба манфиати худ истифода мебарад.

Инчунин ба ширкати Касперский муяссар шуд, ки ҳатто қисме аз маълумоти дуздидашударо муайян кунанд. Аз суҳбати мутхассиси ин ширкат чунин бармеояд. "Мо ҳаҷми иттилооти дуздидашударо арзёбӣ кардем ва маълум шуд, ки ба рахнагарон муяссар шудааст, аз ҳамаи муассисаҳои шабакаҳояшон олудашуда 22 гигабайт иттилоъ бидузданд. Аммо ин як ҳиссаи ками иттилооти дуздидашуда аст, зеро ҳамлаварон иттилоотро аз як сервер ба сервери дигар кӯчонда ва дар ниҳоят пок мекардаанд. Аз ин рӯ, мо фақат як ҳиссаи хурди иттилооти дуздидашударо муайян кардем. Онҳо, асосан, санадҳои расмии маъмулии word, формати PDF, баъзе санадҳои Автокатро ҳам дидем, ки барномаи муҳандисиву сохтмонӣ аст ва ҳам санадҳои "Corel Drow"ро низ. Дар умум, ҳамингуна санадҳоро дуздидаанд. Аз рӯйи тӯъмаҳои ҳамлаварон метавон, мушаххас кард, ки чи гуна иттилоотро дуздидаанд. Сеяки тӯъмаҳои онҳо ба бахши дипломатӣ рост меояд, яъне сафоратхонаву, консулгариҳои гуногун. Нуздаҳ дарсади дигар муассисаҳои ҳукуматӣ ҳастанд. Баъдан, созмонҳои низомӣ ҳастанд. Ҳамаи ин муассисаҳои муҳиманд ва иттилооте, ки аз тариқи шабакаҳои онҳо додугирифт мешавад, албатта, баъзан дар миқёси як кишвар аҳамияти хосса дорад" [4].

Аммо маълум нест, ки онҳо чи қадар ва бо кадом мақсад маълумотро дуздидаанд. Шояд ин миқдор маълумоти ошкоргардидаро бо мақсади рӯуйпуш намудани ҷинояти худ нест накардаанд. Маълум нест, ки онҳо чи қадар маълумотро дуздида ва нест кардаанд, шояд маълумотҳое, ки нест гардидаанд хеле муҳим ва махфӣ мебошанд, чунки баъди ба сервери дигар гузарониидан онҳоро тоза кардаанд. Ин нишондиҳанда аз рӯйи як миқдори ками маълумоте, ки аз ҷинояткорон ба даст омадааст, натиҷагирӣ карда шудааст. Аз рӯйи ин хулоса бармеояд, ки ҳамлаварон мақсадҳои ба даст овардани сирҳои давлатиро низ доранд.

Дар ин бора мо мисолҳои бисёреро оварда метавонем ки дар натиҷаи ҳамлаи киберҷинояткорон ҳатто миллиардҳодоллари амрикоӣ ширкатҳову корхонаҳо зарар дидаанд. Мувофиқи маълумоти ба даст омада моҳи майи соли 2017 вируси рамзбандикардашудаи "WannaCry" ба бештар аз 200 000 компютер дар 150 кишвар

ҳамла кардааст. Ин вирус ҳатто ба компютерҳое, ки аз ҷиҳати амниятӣ таъмин буданд, ворид гардид. Масалан, ба шабакаи донишгоҳҳо дар Хитой, ба корхонаҳои Renault дар Фаронса ва Nissan дар Ҷопон, ширкати телекомуникатсионии Telefonica дар Испания ва ба шабакаи оператори ширкати Deutsche Bahn роҳи оҳани ҶФ Олмон ворид гардида, дар натиҷаи ҳамлаи вирусӣ $1 млрд хисорот расидааст. Эҳтимолан, ин ҳамларо гурӯҳи махсус аз Кореяи Шимолӣ бо номи Lazarus анҷом додааст[1].

Вируси "WannaCry", ки бо суръати бесобиқае дар саросари ҷаҳон паҳн шуд, компютерҳоро олуда кардааст.**Б**арои мисол, дарТоҷикистон, дар маркази яке аз ноҳияҳо авиакассае вуҷуд дорад, ки дар компютери кории он ҳушдори сурхе пайдо шуд ва баъдан ѓайб зад. Пас аз ин, кормандону масъулон то кунун ба ҳисоботҳои пешинаи худ дастрасӣ надоранд. Зоҳиран, ин фақат як компютере нест, ки дар Тоҷикистон ба вируси "WannaCry" олуда шудааст, ҳарчанд ширкату муассисаҳои давлатӣ доир ба осеб дидани шабакаҳо ва ё компютерҳояшон чизе нагуфтаанд. Дар ширкатҳои мобилӣ, ки аз компютерҳо васеъ истифода мебаранд, хабар додаанд, ки вирус ба кори ширкатҳои онҳо осеб нарасондааст, чун фурсат доштаанд, тадобири лозим барои ҷилавгирӣ аз сирояти вирусро биандешанд [6].

Барои муҳофизат аз вирусҳо ҳадди ақал бояд мо аз барномаҳои зиддивирусии литсензионӣ истифода барем. Бешубҳа гуфта метавонем, ки дар кишвари мо аксарияти истифодабарандагони компютерӣ аз барномаҳои нусхабардорикардашуда истифода мебаранд, ки ин ба амнияти компютерӣ ва иттилоотии мо бетаъсир намемонад. Асосан. дар мақомотҳои давлатӣ ва ё ширкатҳои хусусӣ мо истифодаи барномаҳои литсензиониро ба роҳ монем, чунки дар акси ҳол компютери мо метавонад лонаи вирусҳо шавад ва киберҷинояткорон ба осонӣ ба маълумоти мо дастрасӣ пайдо кунанд.

**Адабиёт**

1. Атака вирусов в 2017.// https://www.group-ib.ru/blog/wannacryptor

2. Галичкина Е.Н. Специфика компьютерного дискурса на английском и русском языках (на материале жанра компьютерных конференций): автореф. дис. канд. филол. наук. /Е.Н Галичкина. -Волгоград, 2001.-19с.

3. Компютерҳои ширкати гумонбар дар пахши вирус мусодира шуд.//05.07.2017https://www.ozodi.org/a/28597282.html

4. Муассисаҳои Тоҷикистон тӯъмаи рахнагарони интернетӣ шудаанд.// 06.06.2013 https://www.ozodi.org/a/25008443.html

5. Терещенко, С.Н.Информационная безопасность компьютерных систем /С.Н. Терещенко. – Новосибирск: СибАГС, 2009. – 195 с.

6. WannaCry то ба Фархор расид ва файлҳои Муҳаммадро хӯрд // 15.05.2017 **https://www.ozodi.org/a/28489483.html**

**Раҳимов Ф.,**
аспиранти кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
тел.: 907905925; e-mail: Farhod_Rahimov@mail.ru

# АСОСҲОИ НАЗАРИИ ЗАБОНШИНОСИИ ПАЙКАРАВӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ МУОСИР

**Аннотатсия**

*Дар мақола сухан дар бораи таҳия ва сохтори пайкараҳо меравад, ки дар айни ҳол яке аз масъалаҳои хеле ҳам муҳим ва мубрам ба шумор меравад. Инчунин дар мақола асосан масъалаи таҳияи забонии пайкараҳо сохтор ва таркиби пайкара гуфта шудааст. Дар даврони муосир таҳияи пайкараҳо барои ҳар як забон аҳамияти калон дошта инчунин дар рушду густариш ва муаррифии забонҳои дунё нақши басо муҳим мебозад. Бояд тазаккур дод, ки пайкара ин системаи иттилоотӣ буда, ба ҷамъоварии матнҳои электронӣ дар забонҳои гуногун асос ёфтааст. Забоншиносии пайкаравӣ мавзӯи омӯзиши худро дорад. Дар пайкара ҳамагуна маълумотҳо ба таври васеъ истифода мешаванд. Яъне пайкара ин хазинаи электронии маълумотҳо ва таркиби луғавии электронии забонро ташкил медиҳад. Дар пайкара маълумотҳо аз дилхоҳ соҳа ворид карда мешаванд. Аҳамияти аввалиндараҷаи пайкара дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи маводҳои забонӣ ва дигар навъи маълумотҳо хело осон мегардад. Ба ғайр аз ин дар пайкара мо метавонем ҳамаи маълумотҳои лозимиро аз забони додашуда пайдо намоем.*

*Пайкараи миллӣ аз китобхонаи электронӣ бо он фарқ мекунад, ки агар китобхонаи электронӣ маҷмӯи матнҳои «шавқовар» ё «манфиатнок»-ро дар назар дошта бошад, пайкараи миллӣ матнҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо чун мавод барои омӯзиши забон истифода мешаванд. Инчунин пайкара иттилооти иловагиро оид ба сохтори матнҳо метавонад пешниҳод кунад.*

**Калидвожаҳо:** пайкара, технология, тарҳбандӣ, интернет, шабака, иттилоот, компютер

**Аннотация**

**Теоретические основы корпускальной лингвистики и современные информационные технологии**

*В статье речь идет о составлении и структуре корпуса и особенностях корпускальной лингвистики. Одним из важных вопросов данного научного направления несомненно является анализ и интерпретация процессов формирования составных компонентов данного направления. Общеизвестно, что обеспечение публичного доступа пользователей к электронным информационным ресурсам стало одной из первоочередных задач информационного обслуживания науки, образования и культуры.*

*Действующая в настоящее время система информационного обслуживания способствует получению доступа практически к любой информации в неограниченном количестве и при этом важную роль играет система Интернет, которая в конце XX века превратилась в самобытную и можно сказать практически неисчерпаемую информационную и виртуальную среду. В этом плане корпусная лингвистика, будучи разделом прикладной лингвистики, занимается разработкой общих принципов построения и использования лингвистических корпусов, а именно корпусов текстов. При этом одним из основных источников языкового материала, необходимого и значимого для проведения лингвистических и в целом филологических исследований, является как письменный, так и устный тексты.*

*На основе анализа множества текстов можно сделать вывод о различных вопросах лингвистики и языковых явлений, как о поведении грамматической конструкции, использовании выразительных способов и средств в языке. Именно корпусная лингвистика и работа с корпусом способствовали тому, что большое количество текстов стало доступно в электронном виде. Для того чтобы можно было работать с такими объемами текстов, извлекая из них нужную информацию, во всем мире стали создаваться коллекции текстов, размеченных по различным лингвистическим параметрам и обеспеченных своеобразной системой поиска.*

*Наряду с этим широкое распространение в настоящее время получают электронные библиотеки, но они по определенным критериям и способам сохранения, и правилам доступа к информации отличаются от корпусной коллекции текстов.*

**Ключевые слова:** корпус, технология, разметка, интернет, сеть, информация, компьютер.

**Annotation**

**Theoretical foundations of corpus linguistics and modern** informational **technology**

*The article deals with the compilation and structure of the corpus and features of corpus linguistics. One of the important issues of this scientific direction is undoubtedly the analysis and interpretation of the formation processes of the constituent components of this direction. It is well known that the provision of users' public access to electronic informational resources has become one of the priorities of the science, education and culture information services. The current information service system practically helps to get access to any information in unlimited quantities and at the same time the Internet plays an important role, which at the end of the XX century turned into a distinctive and one can say almost inexhaustible information and virtual environment. In this regard, corpus linguistics, as a section of applied linguistics, is engaged in the development of general principles for the construction and use of linguistic corpuses, namely text corpora.*

*At the same time, one of the main sources of linguistic material, that is necessary and significant for conducting linguistic and in general philological researches, is both written and oral texts.*

*Based on the analysis of a multitude of texts, it is possible to draw a conclusion about various issues of linguistics and linguistic phenomena, as about the performance of a grammatical construction, the use of expressive methods and means in the language. It was exactly corpus linguistics and corpus work that contributed to the fact that a large number of texts became available in electronic form.In order to work with such amount of texts, extracting the necessary information from them, there were created collections of texts marked by various linguistic parameters and provided with a peculiar search system all over the world.*

*Along with this, electronic libraries are prevalence now, but they are differs from the corpus collection of texts in accordance with certain criteria and methods of preservation, and the rules for access to information.*

**Keywords:** corpus, technology, markup, internet, network, information, computer.

Дар шароити рушди технологияи иттилоотӣ ва самтҳои гуногуни илмии марбут ба он аз қабили забоншиносии татбиқӣ ва ё худ забоншиносии компютерӣ самти махсуси ин соҳа бо номи забоншиносии пайкаравӣ дар солҳои ахир рушду такомул меёбад. Қисми асосии забоншиносии пайкаравиро маводи забон ташкил медиҳад, ки дар он тамоми воҳидҳои забонӣ ба мисоли қоидаҳо, иттилоот ва матнҳо шомиланд. Махсусан, дар бахши тарчумаи маводи забон ҳайати қиёсии матнҳо ва ҳайати мувозии матнҳо нақши муҳим мебозанд. Масалан, ҳайати мувозии матнҳо маҷмӯи ҳуҷҷатҳоеанд, ки ба ду ва зиёда забонҳо тарҷума гашта, он бо ҷумлаҳо ва нишонагузориҳо муқаррар ва ба тартиб оварда шудаанд.

Ҳайати забонӣ бештар барои коркарди иттилоот аҳамияти аввалиндараҷа дошта, дар баробари ин ба масоили ғанисозии маводи иттилоотии забон ва дар ин замина барои омӯзиши забони мушаххас ва ҳамчунин дар масъалаҳои тарҷума накши муҳим дорад. Ҳамчунин кор бо ҳайати забонӣ чунин аҳамиятро доро аст:

Аз нигоҳи забоншиносии пайкаравӣ масъалаҳои нисбатан муҳим ва аввалиндараҷаи амалиро ба таври зайл баён намудан мумкин аст:

- ғанигардии маҷмӯи тарҷумаҳои ба луғат воридгашта аз ибораҳои устувори дар матни додашуда истифодашуда;
- муайянкунии истифода ва аҳамияти калимаҳои мушаххасва ибораҳои соҳаи фанни муайян дар матн;
- тасдиқ намудани мафҳуми воҳидҳои луѓавӣ, ки аллакай дар луғатҳои дузабона қайд гаштаанд;
- қайдкунии ибораҳои устувор (ё муқаррарӣ) ва ибораи рехта– идиома, ки дохилкунии онҳо ба луғатҳои худкор мувофиқи мақсад аст[Ниг.: 1; 3; 5; 7; 10; 12].

Дар асоси пойгоҳҳои пурраи матнии матнҳои мувозии батартибовардашуда мумкин аст, ки ҷуфти калимаҳои устувор қайд карда шавад. Мисол, ” калимаи додашуда–тарҷума ”.

Истифодаи матнҳои мувозӣ дар луғатнигории дузабона ва биёрзабона, инчунин дар тарҷумаҳои амалӣ ва назариявӣ. Имрӯзҳо барои ҳалли масъалаҳои таҳқиқотӣ дар самти забоншиносии пайкаравӣ самтҳои зеринро мавриди таваҷҷуҳи бештаре қарор додаанд:

- гузоштани интерференсияи забонҳои хеш, муаллифон дар матнҳо бо хусусиятхои луғавию грамматикӣ;
- муайянкунии хусусияти тарҷума дар асоси матнҳои таҳқиқшуда ва тарҷумагашта;
- муайянкунии мувофиқати комили тарҷумаи матнҳо.

Дар ин миён сохтани ҳайати мувозии матнҳо баробаркуниро талаб мекунад. Баробаркунии матнҳо дар ҷумла масъалаҳои мушкилро пеш меорад, ки он одатан бо бисёр ҳалҳои гуногун дар натиҷа ба даст меояд:

- ҳалҳои ғайриҳамгуни масъалаҳо ва ба қисматҳо ҷудошудани матн тавассути ҷумла;
- номувофиқатии ҷудокунии матнҳои воридшаванда ва хориҷшаванда, чунин номувофиқатӣ ҳангоми тарҷумаи дастии матнҳо пайдо мешавад.

Баробаркунии матнҳои ҷумла дар асоси тахмини мавҷудияти танҳо шаш мувофиқати имконпазири байни амсилаҳои тарҷумагашта сурат мегирад. Мувофиқат /номувофиқатии шаклӣ:

- тарҷумаи як ҷумла бо истифодаи як ҷумла сурат мегирад;
- тарҷумаи ду ҷумла бо истифодаи як ҷумла сурат мегирад;
- тарҷумаи як ҷумла бо истифодаи ду ҷумла сурат мегирад.

Ҳангоми худкоркунонии фармонбаробаркунӣ дар асоси мувофиқати бобҳои матн қайд мегарданд, ки онҳо ба ин амсила мувофиқанд.

Инсоният дар тамоми давраҳои таърихӣ барои ба даст овардан ва ҳифзу захирасозии иттилоот барои даврони худ ва наслҳои оянда боқӣ гузоштани мероси илму дониши худ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медод. Дар ин замина саъю талошҳои пайвастаи олимон, муҳандисону пажӯҳишгарон дар риштаҳои гуногуни илм, бахусус илмҳои дақиқ бо мақсади ташкили тарзи муассири зиндагӣ басо арзанда аст. Ин гуна кӯшишу талошҳои илмӣ инқилобҳо ва кашфиётҳои азимеро дар пай дошт, ки сабабгори рушди ҷомеаи инсонӣ гардид.

***Инқилоби якуми иттилоотӣ -*** бо ихтирои алифбо вобаста аст, ки он ба пешрафти азими миқдорию сифатӣ боис гардид. Имконияти аз насл ба насл интиқол додани донишҳо пайдо шуд.

***Инқилоби дуюми иттилоотӣ -*** (нимаи асри XVI) ба ихтирои китобчопкунӣ рост меояд, ки барои дар ҳаҷми калон бо тартиби муайян ва бо сифати баланд захирасозӣ ва нигаҳдории маълумотои зарурӣ маводи илмию фарҳангӣ ва дигар навъҳои манбаҳои илмӣ хеле мувофиқ буд.

***Инқилоби сеюми иттилоотӣ*** - (охирҳои асри XIX) ба ихтирои барқ рост меояд, ки ихтирои барқ ба пайдоиши воситаҳои электронӣ аз қабили радио, телевизион, телефону телеграф ва монади инҳо, ки барои ҳар чи зудтар дастрас намудани маълумоти зарурӣ ва сарфи камтари вақт мусоидат менамояд, асос гузошт.

***Инқилоби чоруми итттилоотӣ*** - солҳои 70-80-уми асри XX-ро дар бар мегирад, ки бо пайдоиши технологияҳои микропротсесорӣ рост меояд. Солҳои 70-80-уми асри гузашта давраи рушд ва тараққи намудани компютерҳои шахсӣ ба ҳисоб меравад [1; 5; 7; 12]. Ин компютерҳо бо ҳаҷми хурд хотираи густардаи нигоҳдории маълумот ва инчунин бо зудкории худ аз наслҳои пешин тафовути зиёд доштанд. Маҳз рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим боиси пайдо гардидани имкониятҳои васеъи захирасозӣ, интиқол ва коркарди маълумот бо сифати баланд бо истифода аз усули технологияҳои иттилоотӣ гардид. Инчунин технологияҳои иттилоотӣ барои пайдоиши фанҳои нав ба монанди “Забоншиносии компютерӣ” ё ки “Забоншиносии пайкаравӣ”дар самти омӯзиши забонҳо мусоидат намуд. Забоншиносии компютерӣ бо истифода аз методҳои технологияҳои иттилоотӣ дар чаҳорчубаи илми забоншиносӣ фаъолият намуда, барои омӯзишу пажӯҳиши самтҳои нави таҳқиқ дар ин самти илм хизмат мерасонад. Забоншиносии пайкаравӣ бошад, барои омӯзиш ва таҳияи пайкараҳои забонҳои гуногуни дунё ҳамчун самти нави омӯзиш дар доираи забоншиносӣ фаъолият мекунад.

Забоншиносии пайкаравӣ қисми махсуси забоншиносии татбиқӣ буда, бо сохтан, коркард, истифода ва таҳқиқи вижагиҳои забонии пайкараҳои матнӣ машғул мебошад. Бояд тазаккур дод, ки пайкара ин системаи иттилоотӣ буда, ба ҷамъоварии матнҳои электронӣ дар забонҳои гуногун асос ёфтааст. Пайкараи миллӣ дар забонҳои гуногун асарҳоро аз рӯйи сабк, жанр, услуб дар бар мегирад ва аз ҷониби забоншиносон, мутахассисони забоншиносии пайкаравӣ, ки дар соҳаи забоншиносии муосир таҳқиқот мебаранд, барои пажӯҳишҳои илмӣ ва омӯзиши забонҳо таҳия мешавад.

Мафҳум ва истилоҳи мазкур солҳои 60-уми асри XX дар робита бо рушди амалисозии пайкараҳои матнӣ ба миён омадааст. Дар баробари ин дар солҳои 80-ум ба рушди ин соҳа ташаккули техникаи ҳисоббарорӣ кумакнамуд. Пайкара гуфта маҷмӯи матнҳоеро меноманд, ки бо як тартиб ва қоидаҳои муайян ҷамъоварӣ шудаанд ва бо системаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯии махсусгардонидашуда таъмин карда шудаанд. Баъзан корпус гуфта дилхоҳ ҷамъоварии матнҳоеро меноманд, ки бо ин ё он хосият ё аломат бо ҳам муттаҳиданд ва умумият доранд. Аввалин пайкараи калони электронӣ пайкараи Браунӣ (БК, англ. BrownCorpus – BC), ки соли 1960 дар Донишгоҳи Браун сохта шудааст, ба ҳисоб меравад. Он дар худ 500 порчаҳои матнӣ дошт, ки дар ҳар яке аз онҳо 2 ҳазор калима ба забони англисӣ дида мешуд. Он бо забони англисӣ соли 1961 дар ШМА чоп шудааст. Ҳамин тавр,пайкараи навбатӣ соли1970 бо номи луғати забони русии Засорина тартиб додашуд, ки фарогири 1 миллион калима буд. Самти истифодаи он самтҳои сиёсӣ, санъат, илм ва адабиёт буд. Ба монанди ин амсила, инчунин пайкараи забони русӣ соли 1980 дар Донишгоҳи Уппсалаи Шветсия сохта шуд.

Дар баробари рушди босуръати технологияи компютерӣ дар солҳои 80-уми асри гузашта дар ҷаҳон ба сохтани пайкараҳои ҳаҷман калон шурӯъ намуданд. Дар Британияи Кабир ин гуна лоиҳаҳо Бонки англисӣ (Bank of English) дар Донишгоҳи Бирменгем ва пайкараи миллии британиявӣ (British NationalCorpus, BNC) буд. Дар ИҶШС бошад, чунин лоиҳа Фонди мошинии забони русӣ, ки бо ташаббуси А.П. Ершов сохта шуда буд, ба ҳисоб мерафт [Ниг.: 1; 3].

Дар даврони муосир бошад аз пайкараҳои бузурги забонҳои хориҷӣ ба монанди пайкараи забони русӣ, ки тибқи маълумоти оморӣ 7 апрели соли 2018 пайкара дар ҳаҷми 283 млн калимаву ибораҳо ва матнҳои гуногуни илмиву бадеии дар ин забон ҷойдошта дар ҳоли таъсис мебошад. Ҳаҷми умумии тарҳи пайкара бошад, аз рӯйи ҳамин омор 600 млн. калимаву иборот ва махзани ғании илмиву адабии ин забонро бояд дар бар гирад [Ниг.: 10].Пайкараи дигар, ин пайкараи забони англисӣ мебошад. Пайкараи миллии забони англисӣ BNC (British National Corpus) аз соли 1991 то соли 1994 аз тарафи Донишгоҳҳои Оксфорд, Ланкастер ва инчунин китобхонаи Англия дар ҳаҷми 100 млн калима, матнҳои имлмиву бадеӣ ва калимаҳои гуфтугӯӣ тартиб дода шудааст. Баъд аз ин то соли 2014 ҳолати пайкара бетағйир боқӣ мемонад. Дар моҳи июли соли 2014 аз тарафи нашриёти Донишгоҳи Кембриҷ ва маркази пайкарасозӣ дар Донишгоҳи Ланкастер тасмим гирифтанд, ки пайкараи нави забони англисиро созанд. Дар моҳи июли ҳамон сол, ба такмили пайкараи забони англисӣ оѓоз карданд, ки он асарҳо, матнҳо ва калимаҳои аз ибтидо то миёнаҳои соли 2010-ро дар бар мегирифт. Шакли электронии пайкараи англисии амрикоиро бошад, солҳои 2000 - 2003 профессори самти пайкарашиносӣ Маркс Девис аз Brigham Young University дар ҳаҷми 450 млн вожаву ибора сохтааст [Ниг.: 6; 8; 12].

Пайкараи миллӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Пайкара матнҳои хаттӣ ва шифоҳиро аз рӯйи жанрҳои гуногуни бадеӣ, публисистӣ, таълимӣ, илмӣ, расмӣ, гуфтугӯӣ ва лаҳҷавӣ дар бар мегирад.

2. Пайкара иттилооти махсуси иловагиро оид ба таркиби матнҳои ба он воридшуда пешниҳод менамояд.

Мавриди зикр аст, ки тавсифи асосии пайкара тарҳбандӣ дониста мешавад, ки онро аз дигар маҷмааҳои оддии матнҳо бо вижагиҳои хоси худфарқ мекунад. Барои ташкил кардани пайкараи миллӣ омилҳои ҷолибият, самаранокии китоб, бартарияти баланди илмӣ ё бадеӣ муҳим бошад ҳам, ин вижагиҳо наметавонанд нишонаи аввалиндараҷаи матнҳо бошанд. Пайкараи миллӣ аз китобхонаи электронӣ бо он фарқ мекунад, ки агар китобхонаи электронӣ маҷмуи матнҳои «шавқовар» ё «манфиатнок»-ро дар назар дошта бошад, пайкараи миллӣ матнҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо чун мавод барои омӯзиши забон истифода мешаванд. Инчунин пайкараи иттилооти иловагиро оид ба сохтори матнҳо метавонад пешниҳод кунад. Ҳар қадар тарҳбандии матнҳо гуногун бошад, ҳамон қадар арзиши илмиву таълимии он баланд мебошад. Айни замон пайкараи миллии забонхо 4 намуди тарҳбандиро истифода менамоянд:

1 Метатекстӣ

2. Морфологӣ

3. Лаҳҷавӣ

4. Семантикӣ

Зикри ин нукта зарур аст, ки системаи тарҳбандиҳои пайкаравӣ ҳамеша дар ҷараёни рушду такомул мебошад. Пайкара аз миқдори ниҳоятдори матнҳо сохта мешавад ва барои инъикоси падидаҳои грамматикаи забонӣ комилан мувофиқаст. Барои намояндагӣ андоза ва ҳам қолабу сохти пайкара муҳим аст. Намояндагии андоза аз масъала вобаста аст ва он аз миқдори намунаҳои ёфтшуда дар падида муайян мегардад. Дар алоқамандӣ аз нуқтаи назари оморӣ дар забон миқдори хеле зиёди калимаҳои нодиру камёб дида мешавад. Барои таҳқиқи 5000 калимаҳои аввали бештар истифодашаванда пайкара ба андозаи 10–20 миллион калимаҳо эҳтиёҷ хоҳад дошт. Барои таҳқиқи 20000 калимаҳои аввали бештар истифодашаванда бошад, пайкараи дорои зиёда аз100 миллион калимадошта истифода мешавад.

Дар ибтидои ҷараёни аломатгузории матн марҳилае, ки барои ҳар як корпус ҳатмӣ мебошад, инҳоро дар бар мегирад:

- токенизатсия(тақсимкунӣ ба аломатҳои имлоӣ, хамчунин шинохти аломатҳои морфологии забон - токенҳо);

- лемматизатсия (мувофиқ кардани қолаби калима ба қолаби луғавӣ);

- таҳлили морфологӣ[7, 32].

Дар аксар корпусҳо масъалае, ки қаблан мубрам набуд, арзи вуҷуд мекунад: ҷустуҷӯ бо талабот метавонад, ки миқдори хеле зиёди садҳо ва ҳазорҳо натиҷаи ҷустуҷӯро пешниҳод созад, аммо онҳоро дар як муддати муайяни кӯтоҳ аз назар гузаронидан ғайриимкон аст. Барои ҳалли инмасъала системаҳое сохта мешаванд, ки имконияти гурӯҳбандии натиҷаҳо ва баománt худкор тақсимкунии онҳоро ба зермаҷмӯҳо фароҳам меоваранд [Ниг.: 8; 10; 12].

Ба сифати пайкара метавонад, ки маҷмӯи матнҳое, ки дар Интернет дастрасанд, истифода шаванд. Масалан, миллиард калимаҳои муайяни истифодашавандае, ки барои забонҳои асосии ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Барои забоншиносон роҳи аз ҳама машҳур барои кор дар Интернет ин тартиб додани дархостҳо барои системаҳои ҷустуҷӯӣ ва шарҳу тафсири натиҷаҳо бо шумораи саҳифаҳо мебошад.

Дар забони англисӣ чунин илм ё худ методологияро (илм дар бораи сохт) “Googleology”ном гузоштаанд. Барои забони русӣ аз ҳама номи муносиб ин Яндексология аст. Чунин муносибат барои ҳалли синфи масъалаҳои маҳдуд истифода мешавад. Воситаи нишонагузории матн дар веб истифода мешавад. Аммо дар веб хусусиятҳои забонӣ қолаббандӣ нагаштааст.

Роҳи дигар, ин ба таври худкор аз Интернет бор карда гирифтан ё ҷудо карда гирифтани миқдори калони саҳифаҳо ва дар оянда истифода бурдани онҳо ҳамчун пайкара мебошад. Ин амал имкон медиҳад, ки ченакҳои забоншиносӣ дар дархостҳо

истифода шавад. Ин тарзи кор, инчунин имкон медиҳад, ки пайкараи намояндагӣ барои дилхоҳ забон дар интернет зуд сохта шавад. Аз ҳама пайкараи машҳур, ки ҳамчун пайкараи матнӣ шинохта шудааст, истифодаи сафҳаи Википедия ба шумор меравад.

Мавриди ин масъала муҳим аст, ки соли 2006 шабакаи Татоэба (Tatoeba) ба истифода дода шуд, ки он имкони воридсозӣ ва тағйирсозии ҷумлаҳоро дар ҳар гуна забонҳо доро аст. Пештар дар асоси он фақат забони англисӣ ва японӣ дохил буд, аммо ҳоло зиёда аз 80 забон ворид шудааст [1, 28; 10; 12].

Дар ин замина пайкараи миллии забони тоҷикӣ дар зинаи такмилёбӣ қарор дошта, танҳо кӯшишҳои банҷомнарасида дар ин самт ҳанӯз дастоварди ҷиддӣ муаррифӣ шуда наметавонанд.

Бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории Мактаби технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, дар сомонаи www.termcom.tj бори аввал Пайкараи миллии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ ва бунёд гардид. Эҷоди пайкараи (корпуси) забони тоҷикӣ бар пояи на камтар аз 10 миллион вожаи матнҳои тоҷикӣ ба нақша гирифта шудааст.

Пайкараи миллӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини матнҳои гуногун барои таҳқиқоти илмӣ, луғавӣ ва грамматикии забон ва ҳамчунин барои ворид сохтани тағйироти бемайлони ҷараёнҳои забонӣ, ки дар давраҳои на он қадар тулонӣ ба вуҷуд омадаанд, лозим аст. Вазифаи дигари пайкара ин пешниҳоди маълумоте аст, ки он ба қисматҳои гуногуни забон вобаста мебошад. Пайкараи миллӣ матнҳои гуногунро аз давраҳои рушду такомули забон дар шакли тайёр пешниҳод менамояд. Дар пайкара матнҳо дар шакли нусхаи асл оварда мешаванд. Пайкараи миллӣ айни замон аз зерпайкараҳои зерин иборат аст:

1. Пайкараи амиқи мухтасаршуда, ки дар ин зерпайкара барои ҳар як ҷумла сохтори пурраи морфологиву синтаксисӣ оварда шудааст.
2. Пайкараи матнҳои параллелии забонҳои гуногун, ки дар он тарҷумаи калима ва ибораҳо дар забонҳои гуногун оварда шудааст.
3. Пайкараи матнҳои лаҳҷавӣ, ки дар он сабти нутқи лаҳҷавии минтақаҳои гуногун пешниҳод мешавад.
4. Пайкараи матнҳои шеърӣ, ки дар он тамоми матнҳои дар шакли шеърӣ овардашуда, пешниҳод мегардад.
5. Пайкараи омузиши забон, ки дар он мавод барои мактаббачагон ҳамчун маводи омӯзишӣ пешниҳод мегардад.
6. Пайкараи нутқи шифоҳӣ, ки дар он сабти шифоҳии матнҳо оварда мешавад.

Пайкараи Рӯдакӣ

Пайкараи Лоиқ

Пайкараи Мавлоно

Пайкараи Фирдавсӣ

Пайкараи Саъдӣ

Пайкараи Ҳабибулло Файзулло

Пайкараи Муъмин Қаноат.

Пайкараи миллии забони тоҷикӣ аз рӯйи сохт ва таркиб худ ба пайкараҳои миллии дигар забонҳо шабоҳат дорад. Масалан, аз рӯйи сохтори пайкараҳои миллии забонҳои муқтадир, дар он, пеш аз ҳама, матнҳое ҷойгир мешаванд, ки намоёнгари забони фаъоли муосир бошанд. Ба пайкара матнҳои гуногун, ки тақрибан ҳама паҳлуҳо ва шохаҳои фаъолияти забони муосирро дар бар мегиранд, дохил мешаванд:

Намунаи матнҳои осори маъруфтарин ва маҳбубтарин адибони классикии тоҷикба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Румӣ;

- насру назми жанрҳои гуногуни адабиёти муосир;
- матни ба эфир пахшшудаи барномаҳои радио ва телевизиони тоҷик;
- матни рӯзномаҳо ва ахбор;
- матни маҷаллаҳо;
- матнҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ;
- матнҳои расмӣ-идорӣ ва ҳуқуқӣ;
- матнҳои луғоту фарҳангҳои маъруфи тоҷикӣ ва дузабона;
- матнҳои маишӣ ба монанди номанигорӣ ва муошират.

Матнҳо вобаста ба ҳаҷму андозае дар пайкара гирдоварӣ мешаванд, ки ба мукаммалии мазмуну мундариҷаи пайкара ва умуман ба маҷмӯи воҳиди матнҳои мавҷуда мутаносиб аст ва барои дастрасии иттилооти умумии зарурӣ аҳамият доранд.

**Адабиёт**

1. Баранов, А.Н. Введение в прикладную лингвистику. Учебное пособие. - М.: Эдиториал УРСС, 2001. - 360 с.

2. Захаров, В.П., Богданова, С.Ю.Корпусная лингвистика: учебник для студентов гуманитарных вузов. - Иркутск: ИГЛУ, 2011. – 161 с.

3.Шаров, С.А. Частотный словарь русского языка. – М., 2002. – 348 с.

4. Шерстинова Т.Ю. «Один речевой день» на временной шкале: о перспективах исследования динамических процессов на материале звукового корпуса // Филология. Востоковедение. Журналистика.Серия 9. – СПб., 2009. – С. 26 – 33.

5. Atkins S., Clear J., Ostler N. CorpusDesignCriteria. Literary and Linguistic Computing. – 1992. – Vol. 7, No. 1. – Pp.1-16.

6. Biber D., Conrad S., Reppen R. Corpus Linguistics. Investigating language structure and use. Cambridge University Press, 1998.- 283p-s.

7.Českýnárodníkorpus – úvod a příručkauživatele FF UK / Kocek, J. – Kopřivová, M. – Kučera, K. – ÚČNK 2000. – 232 str.

8. Finegan E. Language: its structure and use. – N.Y.: Harcourt Brace College Publishers, 2004. - 161 p-s.

9. Johannessen J.B. Corpus linguistics or corpora in linguistics? // NODALIDA 2005, the 15th Nordic Conference of Computational Linguistics. Joensuu, Finland, May20-21,2005. – Pp.43-56.

10. www.ruscorposa.ru

11. www.termcom.tj

12. www.artint.ru/projects/frqlist.asp

## ҚОИДАҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД

«Идоракунии давлатӣ» - маҷаллаи илмӣ – сиёсии Донишкадаи идоракуни давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он маводи илмӣ, илмӣ – методӣ, таълимӣ доир ба соҳаи хизмати давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва масоили марбут ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ интишор мешаванд.

Ба маҷалла мавод ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қабул карда мешавад. Муаллифон бояд қоидаҳои муайянро риоя намоянд. Маводи пешниҳодшаванда бояд нав ва пеш аз ин дар дигар нашрияҳо чоп нашуда бошад. Ҳаҷми маводи чопӣ бояд аз 1500 аломати чопӣ зиёд набошад. Маводи ба маҷалла пешниҳодшаванда бояд пурра таҳриршуда ва он аз хатогиҳои имлоию грамматикӣ ва услубӣ орӣ бошад.

## ТАЛАБОТ БА МАВОДИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА

1. Матни мақола дар шакли чопӣ ва электронӣ бошад. Дар саҳифаи охири мақола муаллиф бояд имзо гузошта, нишонии ҷойи кор ва манзили худро (бо рақами телефон ва e-mail) нишон диҳад. Матни электронӣ бояд дар муҳити Word-2007 ё баъдӣ (шрифти Times New Roman Tj, андозаи 14, фосилаи 1,0; хати сурх 0,5 см.) ҳуруфчинӣ шуда бошад. Дар зери сарлавҳаи мақола ному насаб, дараҷа ва унвони илмӣ, мансаб (вазифа), мақомот (ҷойи кор), нишонӣ ва рақами телефон барои иртибот нишон дода шуда, инчунин овардани аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва вожаҳои калидӣ ҳатмист. Дар матн ҷадвал ё расмро бо риояи шартҳои зерин ҷой додан мумкин аст: ҷадвал бояд бе автоформат ҳуруфчинӣ шуда бошад (на ин ки ҳамчун тасвир, масалан, тавассути сканнер). Рақамҳои даҳӣ бояд бо вергул, бефосила навишта шаванд. Масалан, 19,6 на ин ки 19.6. Расмҳо бояд андозаи то 12х20 см, сиёҳ-сафед, дар қолаби *.jpg ё *.gif бошанд. Харита ва ё расмҳои мураккаб дар формати CorelDraw низ қобили қабуланд. Расмҳои қолаби дигардошта қобили қабул нестанд.

Рӯихати адабиёт дар охири матн аз рӯйи алифбо, бо рақами тартибӣ оварда шуда, ишораҳо ба сарчашма дар дохили матн дар қавси чоркунҷа [5,34] нишон дода мешаванд.

Қарор оид ба чопи мавод аз ҷониби ҳайати таҳририя қабул карда мешавад. Матни барои чоп тавсияшуда ба муаллиф барои мувофиқа ирсол карда мешавад. Маводи ба маҷалла пешниҳодгардида ба муаллифон баргардонида намешаванд.

# ИДОРАКУНИИ
# ДАВЛАТӢ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ – СИЁСИИ ДОНИШКАДАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

(№ 1) 2019

Нишонӣ:
734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33.
Email: info@did.tj
Тел.: 224-83-93, 224-17-86 (факс)

Ба матбаа 28. 04.2019 супурда шуд. Ба чоп 25.05.2019 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопии шартӣ 17.
Супориши № .... Адади нашр 300 нусха.

734018, ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
КВД КТН "Шарқи озод"-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон